Сайёфи Мизроб

# МУШТҲОИ БЕДОРӢ

*ББК 84 тоҷик 7 - 4*
*М-60*

**Муҳаррири масъул:**
Сафват БУРҲОНОВ

Сайёфи МИЗРОБ**.**
Муштҳои бедорӣ (Маҷмӯаи мақолаҳои публитсистӣ),
Душанбе, «Русская литература», 2011, 200 саҳ.

**Муаллиф дар ин маҷмӯа матолиберо гирд овардааст, ки тӯли 7 моҳ (30.10.2008-28.05.2009) дар саҳифаҳои газетаи мардумии СССР чоп шудаанд. Бархе матлабҳо такмилу таҷдид дидаанд. Гавҳари мақолот даъват ба Худшиносӣ, ҳифзи Шараф, поси Нанг, эҳёи Номус ва хурӯши Ори Миллист. Аз ҳар мушти Сайёф хонандаи огоҳ силлии худогоҳӣ мехӯрад. Китоби мазбур шояд нахустин маҷмӯаест, ки дар тӯли 100 соли ахир бе парда ва бе муросо атрофи мушкилоте сухан мекунад, ки дигарон пастак-пастак дар сӯҳбатҳои инфиродӣ мегуфтанду мегӯянд...**

**Хонандаро ба баҳри пурталотуми гавҳарбори муаллиф даъват менамоем.**

# МУНДАРИҶА

Тимур Зульфикаров: Человек,
говорящий правду Сайёфи Мизробу……………………………7
Китобе, ки қолабшикан гардид…………………………….……13
**Мушти нахуст.** Миллат ва мазҳаб……………...……………...15
**Мушти 2.** Миллатгарой…………………………………………….21
**Мушти 3.** Миллат ва тарс……………………………………..…..27
**Мушти 4.** Миллат ва гӯр……………………………………………...33
**Мушти 5.** Миллат ва фашизми маҳалгарой………………………39
**Мушти 6.** Миллат ва иқтисод………………………………………..45
**Мушти 7.** Миллат ва дурӯягӣ………………………………………..51
**Мушти 8.** Миллат ва иззат…………………………………………...57
**Мушти 9.** Миллат ва маърифат……………………………………..63
**Мушти 10.** Миллат ва андеша………………………………………67
**Мушти 11.** Зиёӣ ва футувват……………….……………………73
**Мушти 12.** Миллат ва санъат………………………………………..79
**Мушти 13.** Драммаи миллат…………………………………………85
**Мушти 14.** Адён ва миллат…………………………………………..91
**Мушти 15.** Таърих ва таҳқир………………………………………...97
**Мушти 16:** Нокдаун. Фахр ва адаб………………………………103
**Мушти 17.** Миллат ва таҳлука……………………………………111
**Мушти 18.** Миллат ва бумеранг……………….…………………117
**Мушти 19.** Миллат ва эзор………………………………….……123
**Мушти 20.** Миллат ва мансаб……………………………………129
**Мушти 21.** Маориф ва забон……………………………………..135
**Мушти 22.** Миллат ва унвон………………………………………..141
**Мушти 23.** Миллат ва насл………………………………………147
**Мушти 24.** Миллат ва оила………………………………………153
**Мушти 25.** Миллат ва носталжи…………………………………159
**Мушти 26.** Миллат ва истиқлолият…………………..……………165
**Мушти 27.** Миллат ва музофот……………………………………..171
**Мушти 28.** Маҳал ва ишқ…………………………………………177
**Мушти 29.** Миллат ва дин……………………………………………...183
**Мушти 30.** Миллат ва ғурур………………………………………189

**Ба номи Худо!**
**Эҳдо ба рӯҳи падари бузургворам, эшони Мизробиддин бини Ғиёсиддини бини Шоҳ Ҳусайни бини Шоҳ Гарди Алии Хамибедӣ, нафаре, ки сар аз рӯзи таваллуд бар гӯши ман ҷои суруди алла, таронаи озодӣ, марши ҳуррият ва фахр аз нажоду Миллат мехонд…**

***(Аз муаллиф)***



**Бо ҳидояти маънавии Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, дӯсти бузургсолам таҳия ва нашр шуд.**



**Тимур**

**ЗУЛЬФИКАРОВ**

# ЧЕЛОВЕК, ГОВОРЯЩИЙ ПРАВДУ

## Сайёфи Мизробу



Рис. М. Кагарова

…Однажды ранней весной, когда бегут по таджикской блаженной святой древней земле тысячи пенных ручьёв и водопадов, я встретил тысячелетнего мудреца-бродягу всех эпох Ходжу Насреддина.

Мы обнялись со старцем древним, который, по слухам, жил еще во времена Адама и Евы, а потом беседовал с царём Соломоном о мудрости, а потом с Чингисханом о военном искусстве, а потом со Сталиным об управлении государством, а с Махатмой Ганди о непобедимой силе ненасилия…

И вот герой сорока трёх стран и множества народов позвал меня в Варзобское ущелье, чтобы в какой-нибудь высокогорной чайхане отведать шурпы, шашлыка и выпить зелёного чая, а, может быть, и шахринаусского медового вина…

О, Всевышний!.. какое счастье, что я бреду по родному талому ущелью с бессмертным Суфием!..

А тот, кто общается с Вечным – сам становится вечным…

Айххх!..

Мы долго искали в райском ущелье честную чайхану – в век грязного, как горный сель, капитализма трудно найти такую наивную чайхану, чтобы не отравиться и

досрочно не отправиться на кладбище-мазар…

Наконец, Мудрец указал мне на маленькую пустынную чайхану «Старая сказка» и сказал:

- Тут честная шурпа душистая, и сочный непуганый шашлык, и терпкий неразбавленный изумрудный чай…

Тут и остановимся…

И он омыл руки в реке… и я вслед за ним…

Я спросил:

- О, мудрейший, как ты издалека учуял честность этой чайханы, как волк чует сладкую овцу?..

Ходжа улыбнулся:

- Мы прошли много богатых чайхан… ты видел, Ходжа Зульфикар, стаи жирных сытых собак лежат около каждой чайханы… там хозяева-воры, там дурная еда, и посетители отдают её псам, оставаясь голодными…

А у этой чайханы нет собак, потому что еда здесь честна, чиста, свежа, и посетители сами поедают её, не оставляя псам…

Ходжа улыбнулся:

- Я много странствовал по векам и народам…

Если хочешь познать народ – гляди на его правителей…

Если они богаты, сыты, жирны, как эти псы – значит, народ нищ…

Ходжа улыбнулся, отхлёбывая, смакуя густую пряную шурпу из свежезарезанной козы…

…Мы долго сидели в чайхане «Старая сказка» с великим Старцем…

Речной ветерок, пахнущий хрусталём-алмазом горной воды и свежестью приречной молодой курчавой травки, остужал, нежно обвивал, покалывал нас, навевая сладкий сон…



Ходжа уже дремал, молчал, как молчат святые камни древних мазаров, а я мучился, потому что знал, что такие встречи бывают раз в жизни, и мне хотелось узнать у Тысячелетнего Устода вечную мудрость… непреходящую истину тысячелетий…

Кто еще на земле нынче скажет мне Истину?..

Я чуял, что после сытой еды и блаженного сладчайшего ветерка Мудрец вот-вот уснёт, и я быстро заговорил:

- О, тысячелетний шейх! О, Двуногая Пирамида Мудрости!.. Ты беседовал с царём Соломоном… с Чингисханом… С Иосифом Сталиным… с Махатмой Ганди…

Что такое Истина?.. Что такое Правда?... Можно ли жить без Истины и Правды?..

И тут тысячелетний Мудрец, уже засыпая от старости, уже упадая в сладкую пропасть послеобеденного сна, прошептал:

- В каждой стране, в каждом народе должен быть хоть один Человек, говорящий Правду…

Иначе народ и страна заблудятся и погибнут… как корабль без маяка…

Но! не более Одного… ха-ха…

И великий Суфий засмеялся, закрывая сонные орлиные глаза…

Тогда я почти закричал:

- О, тысячелетний Мудрец! А кто? Кто этот Человек?!..

В моём родном нынешнем Таджикистане?..

Журналист Сайефи Мизроб?..

Мулло Турачон-зода?..

Или сам Президент Эмомали Рахмон?..

Или весь Таджикский народ?..

Ибо Правда – это земля, а земля принадлежит всем…

Но великий, тысячелетний, бессмертный Мудрец уже спал, и храп его заглушал святой бушующий грохот моей родной реки Варзоб-дарьи…

О, Всевышний!..

Да будет с Ходжой Насреддином Твоя Милость…

И со всеми нами…

А Мудрость всегда спит, когда бушует Река Жизни…

Айххххх…



# КИТОБЕ, КИ ҚОЛАБШИКАН ГАРДИД

Вақте ки китоб омодаи чоп мешуд, аз зери назари аҳли кори редаксияи газетаи СССР гузашт, зеро моли редаксия низ буд. Пешниҳод шуд, ки нафаре бояд ба ин китоб пешгуфтор нависад.

Муаллиф ба ин пешниҳод аслан розӣ набуд, зеро мехост, дар ин самт низ қолабшиканӣ карда, бе пешгуфтору шарҳу тафсир китобро чоп кунад. Аммо дигарон зидди ин қолбашиканӣ бархестанд. Ва чун гапи мо гузашт, дар ҷустуҷӯи нафаре задем, ки бояд пешгуфтор менавишт.

Пешниҳодҳо ҳам барзиёд буданд, ки ҳамаро Сафват Бурҳонов-муовини сардабир радд мекард. Ва ахиран чун аз худи Сафват суол шуд, ки «Кӣ бояд муаллифи пешгуфтор бошад?» пас аз …3 рӯзи дигар омад ва гуфт:

- Ба ин китоб танҳо 1 нафар, Тимур Зулфиқоров метавонад пешгуфтор нависад.

Акнун ҳама дар ҳайрат афтод, ки нависандаи бузурге ҳамчун Тимур Қосимович, ки доди суханро дар Аврупову Амрико, ба вежа Русия додааст, розӣ мешавад, ки ба «Муштнома» пешгуфторе нависад?

Ва ҳайрати моро андоза набуд, чун 7 рӯз баъди пешниҳод, аз устод Зулфиқоров ҳамин пешгуфтори китоб бо номи «Человек говорящий правду» («Инсоне, ки рост мегӯяд»), ба редаксия расид. Пешгуфторе ҳам ба пешгуфтораш устод дошт, ба ин мазмун:

**- Сайёф аз ангуштшумор Тоҷикест, ки амал мекунад; ҳамаи мо-дигарон танҳо фикр мекунем…**

Боз баҳс шуд, ки ин масалро кӣ тавони тарҷума дорад? Пас аз баҳсу пешниҳодҳои барзиёд боз Сафват мушкилкушои мо шуд, ки гуфт:

- Пешгуфтори Тимур-акаро тарҷума кардан нашояд!

…Ва инак, шояд барои нахустин бор аст, ки пешгуфтори русӣ бар китоби Тоҷикӣ пешкашат мегардад. Мо бо 1 тир 2 фохта задем:

Ҳам нусхаи аслро ҳифз кардем ва ҳам муаллиф ба ҳадаф расид; китобаш қолабшиканӣ кард…



## Мушти нахуст

# МИЛЛАТ ВА МАЗҲАБ

***85 сол муқаддам суоли «мусалмонӣ ё Тоҷик?» миллати ҷафокашидаи моро аз Бухорову Самарқанд ва сарзамини аҷдодӣ маҳрум кард. 85 сол ба баъд низ ба назар мерасад, ки ин фоҷиа идома дорад.***

Рамазони соли 2008. Дар ифторе, ки ҳомили машоиху уламои дин ва зиёиёну донишмандону рӯзноманигорон буд, шоҳиди ин қисса шудам: Якеро, ки бо садои гиро ва дилчасп ояҳои осмонӣ мехонду табъи моро болидатар менамуд, қории Қуръон муаррифӣ намуданд ва нафаре, ки ҳатто нур дар чеҳра надошт, чӣ расад ба нури имону дин, аз он ҷавон ном пурсид ва чу гуфтанд, исмаш Парвиз аст, даст ба гиребон бурд ва бо лаҳни шикастаи арабӣ, ки мурғон ба ҳолаш хандиданд, чизе питир-патар гуфт ва бо оҳи сӯхта аз ҷигари бирён, ин ҳама риёро хатм кард, ки гуфт:

-Чӣ ҷавони хубу боҳунаре бо ин номи палиди тоҷикӣ...

Ҳама инро шунидем ва аммо ба хотири мизбон, ки воқеан ҳам тоқи ислом будӣ ва ҳам шайхи рӯшанфикр, хомӯшӣ баргузидем. Ҳатто ман, ки то ҳанӯз худро набахшидаам, хомӯш мондам. Ҳарчанд дар он миз миллати маро таҳқир карданд ва ба рӯи ман пой гузоштанд.

Баъдан назди он шайх шудам ва назари ӯро пурсидам, ки гуфт: «Ҳайфи он чаласавод ва агар мешунидам, ҷавоби сазовор ӯро мегуфтам». Воқеан ҳам ӯ аз ин доду гирифт канор буд.

Аммо мо ба хотири мизи ороста, ҳурмати кадхудо ва ё шояд 1 бурридаи нон даҳони он бетамизро набастем. Фикре маро раҳо накардааст, ки дар он сония ман шояд миллатро ба нон фурӯхтам ва дар сурати лозима шояд ватанро низ бифрӯшам?!...

Аммо ту чӣ, хонандаи гиромӣ? Оё дар ин лаҳазот миллати худро нафурӯхтаӣ, замоне ки 1 муллои бесавод дар фиттаи диск бо ҳамин иддао миллати моро хор мекунад? Нашунидаӣ, ки ин муллоҳо номҳои Тоҷикиро маҷусӣ мехонанду фахр аз исмҳои арабӣ доранд ва ор аз тоҷикӣ?



Оё боре бар мавъизаи ин бехирадон эрод гирифтаед (расмӣ!), ки агар инҷурист ва Тоҷикӣ ор аст, пас чигуна бо кунияту тафаккур ва фахри Тоҷикона Ҳазрати Ҳуҷҷатулислом Шақиқи Балхӣ сари 1 баҳси саридастӣ хилъати Шайхулисломӣ аз бадани Иброҳими Адҳам даррабуд? Ва он қисса ин аст, ки Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ овардааст, ки бар тибқи он Шақиқи Балхӣ (ба истилоҳи муллоҳои бесавод-Балхӣ бояд исми маҷустарин бошад, зеро вожаи то исломӣ ва гузашта аз ин Тоҷикист!) ба Иброҳими Адҳам суоле медиҳад, ки аъроб дар тариқаи шумо чиҳо кунанд? Посухи Иброҳими Адҳам ин буд, ки «Расид-шукр кунем ва нарасид-қаноат». Шақиқ филфавр мегӯяд: «Сагҳои Хуросон (яъне сагони Тоҷикон!) ҳамин гуна кунанд». Пас Адҳам бозпурсид, ки «Пас дар Хуросон чӣ кунанд?». Гуфт: «Расид-исор кунем ва нарасид-шукр!». Иброҳими Адҳам аз тан хирқа баркашид ва бар Шақиқ пӯшониду гуфт: «Ба таҳқиқ Шайхулислом туӣ!!!».

Мансури Ҳаллоҷи Тоҷик чӣ? Оё шӯҳрати Ислом ва обрӯву нуфузи динро аз миёни аъроб касе чун Мансур то дастаи дору гузашта аз он бар тоқи афлок расонидааст? Боязиди Бистомӣ, Саноӣ, Аттор, Румӣ 4 қутби Ирфони Ислом оё Тоҷик-форс набуданд? Саъдиву Ҳофиз, Ҷомиву Бедил аъроб буданд оё? Ва аз муллоҳои таҳқиркунандаи миллати Тоҷик бояд пурсид, ки Аҳмади Ҷомӣ, ки ашъори ӯро ҳини мавъиза сабук ва бевазн хондаву он ягонаи офоқро аз Абдурраҳмони Ҷомӣ фарқе намегузоред, оё Тоҷик набуд?

Рӯиҳамрафта, бигирем Сайид Мир Алии Ҳамадониро, ки беш аз ним миллиард бутпарастро дар Кашмири Ҳинд мусалмон кардааст, оё Тоҷик-форс набуд? Кадоме аз шумо-муллоҳои чаласавод далел оварда метавонед, ки намояндаи дигар қавму миллатҳо 500.000000 одамро му-

салмон карда бошад? Ва он ҳам бо сеҳри сухун, бидуни шамшер, ки араб мекард!

Ва оё медонед, ки пайгирони Ҳазрати Амири Кабир, яъне Сайид Мир Алии Ҳамадонӣ дар Ҳинд то ҳанӯз аз Тоҷик будани пешвои худ фахр доранд ва Тоҷикӣ сухан карданро ифтихор медонанд??? Намедонед! Зеро мутаассибед ва аз харита ҳам Кашмирро дарнамеёбед!

Шайх Камоли Хуҷандӣ оё аз шумо камсаводтар буд, ки номи Тоҷикии гӯшнавози Хуҷанди бостониро дар сар то сари Эрону Арабистон ва олами Ислом бо ҳарфҳои зарҳалин бастааст?!

Ин ҷо перомуни шахсият, таъсир ва такони Ҳазрати Эмоми Аъзам Абӯҳанифаи Тоҷик мо танҳо сукути маънидор ихтиёр мекунем, зеро таассуб аз сар бо чӯб бадар мегардад, на бо мадрак. Ва ин ки ҷараёнҳои нави динии дар Тоҷикистони азиз зуҳуркарда, маҳз барои беобрӯ намудани мазҳаби Имоми Аъзами Тоҷик равона шудаанд, баҳс ҳам нахоҳем кард. Зеро аъроб то ҳанӯз ин чеҳраи тобони Исломро намебахшанду зиддаш дар шӯранд, ки чигуна шуда, аҷамие омадаву миллионҳо арабро низ дар мазҳаби хеш гунҷонид…

1 хонандаи мо навиштааст, ки 1 ҳоҷии мавъизагар гуфтааст, ки Тоҷикон то Ислом бо пешоби гову хар дасту рӯ мешустаанд (Маҳз, ҳамин сабти ба мо расида, сабаби иншои ин сутур гардид)... Ва 1 нафаре ёфт нашудааст, ки ба ин воъиз бигӯяд, ки замоне Исломи Ноб зуҳур менамуд, аъробӣ шири шутуру сусмор мехӯрд ва духтарҳои худро зинда гӯр мекард.

Ин ки Тоҷикон беш аз 3-4 ҳазор сол қавми пешрафта аз қабоили араб буданд, ҳастанд ва хоҳанд монд, шакке дар таърихи башар надорад ва аммо дар баробари ин ҳам-ҳамаву дам-дамаи муллоҳои бесавод ва таҳоҷуми



фарҳангиву идеологии аҳзоби иртиҷоӣ ва ҳаракатҳои тунд сари миллат чаро ҳамагӣ даҳони Президентро нигоҳ мекунем? Чаро дар паҳлӯи нафаре боло намешавем, ки дар ҳар сухан аз арзишҳои миллӣ сахт ва пофишорона пуштибон аст? Чаро ӯро тани танҳо гузоштаем? Куҷост дастгоҳи идеологии ҳукумат; мақомоти қудратӣ, вазоратхонаҳои амнияти миллӣ ва фарҳангӣ? Чаро даҳони сақатгӯёни миллати маро намебанданд - ҳам бо сухану ҳам бо сангу ҳам бо кулӯх? Матбуоти расмии ҳукумат ва расонаҳои давлатӣ чаро хомӯшанд? Ҳам бар наъл мезанему ҳам бар пой, мӯҳтарам ҳамтоҳо?...

Газетаи мардумӣ ва миллии СССР бар ваъдаи худ содиқ аст ва ҳушдор медиҳад: Дар ҳар ҷое, ки таҳқир дар нисбат ба миллати Тоҷик садо диҳад, мо омодаем чу далел, бурҳони қотеъ ва мушт бар дифои арзишҳои миллӣ, ваҳдати миллӣ ва якпорчагии ин марзу бум бароем. Зеро мусалмон будан, ба маънии таҳқири Тоҷик кардан нест! Аз мо эҳтиёт шавед, душманони миллат, ки...

Мо МЕТАВОНЕМ!

***СССР (№8) 30.10.2008***

# Мушти 2

# МИЛЛАТГАРОӢ

***Миллатгароии наздик ба фашизм, ки дар кишварҳои собиқ СССР зуҳур кардааст, ба назар мерасад, ки бештар бар зидди Тоҷик равона аст. Зеро дастандаркорони ин падидаи номатлуб, ки дар сатҳи давлат нишастаанд, мехоҳанд «қувваи миллати худро» сари миллати осебпазиртарин дар ҳудуди кишварҳои муштаракулманофеъ бисанҷанд.***

Фашизми русӣ…

Скинхед (тарҷумаи таҳтуллафз-тоссар)-ҳо бар решаи ифтихороти миллӣ мезананд. Дуруст аст, ки ин ҷараёни неофашистӣ на танҳо зидди Тоҷикон равона шудааст. Аммо дастандаркорон чун диданд, ки осебпазир ва бепуштупанаҳтарин мардум, ки метавон бе ягон муҷозо қатл кард ва аз сӯи парлумону вазоратхонаҳои он эътирозе нашунид, ин Тоҷиконанд, ки самти ситами худро бештар сари миллати мо равона карданд.

Воқеан ҳам танҳо пас аз сари кор омадани Ҳамрохон Зарифӣ Вазорати Хориҷаи мо дар ин самт коре карду чанде аз ҳамватанонамонро пуштибонӣ намуд ва нотаи эътироз ба Маскав фиристоду бас. Дигарон хамӯшанд.

Имрӯз хатари бештаре, ки неофашизм дар Русия сари миллат эҷод кардааст, қатлу кушттори Тоҷикон нест! Ин ҳаракатҳои дар назар стихиявӣ, вале дар асл мутамарказ, ки дар пештози он журналистикаи русӣ меистад (ҳамчун таҳрикгар), ғурури миллии моро шикастаанд; намояндагони Миллатро Тоҷикситез кардаанд.

Дар Маскав шахсан ман бо чанд тан аз ҳаммиллатони муваффақ во хӯрдам, ки аз «шарми муздурон» (дар асл тарс аз фашистон) худро эрониву афғон мехонданд. Гӯё Тоҷику тоҷикистонӣ будан ба бизнеси онҳо халал мерасонидааст.

Ба ишон гуфтам, ки оё мешавад модари худро аз шарм зани ҳамсоя хонд?!

Гуфтанд, на!

Гуфтам, мешавад, барои шумо мешавад, ки модару падаратонро фурӯхтаед, вале бо ин ҳама тороҷи маънавӣ, замоне ки президент Эмомалӣ Раҳмон-нафари воқеан ҳам то мағзи устухон миллатдӯст ба Маскав омад, пеш аз



ҳама ба вохӯрӣ бо пиджаки Тоҷикӣ шитобидед, ба умеди равнақи бизнес…

Ва ин миллатгурезӣ ва ор кардан аз Тоҷикият аз сарватмардони Тоҷики муқими Русия ба муздурони пастфитраттарин асар кардааст. Имрӯз маризие бо номи тоҷикгурезиву маҳалгароии Тоҷикони Русия дар ҳоли рушд аст ва решаҳои онро ҳаракатҳои фашистии русӣ, пантуркистӣ ва машинаи таблиғотии ҳамсоякишвар об медиҳанд ва умеди дастандаркорон ба Тоҷикистон интиқол додани ин беморист ва ба эпидемия табдил додани он; Мутмаинан! Ва набояд дар ин зимн мо хамӯш бошем, ки фардо дер мешавад. Ин марази тарсолуда, ор кардан аз миллат (аз сари тарс), тоҷикгурезӣ ва маҳалгароии сунъиро дар ҳамон мавқеи зуҳур – Русия бояд шифо бахшид.

Ҳушдор: Интиқоли мараз ба дохили кишвар ва табобати он тақрибан дигар номумкин аст!

## Осиёи Марказӣ: Ҳадаф ҳамонест, ки фашистони рус доранд

Аз сӯи дигар талошҳои мақомоти расмии кишварҳои ҳамҷавор ба теша задан ба решаи миллат равона шудаанд. Мутмаинам, ҳамин ҳоло ҳама хонандагон интизоранд, ки ман перомуни Ӯзбекистон ҳарф мезанам, ки бедодгарии мақомоти ин кишвар ба авҷи воло расидаву Тоҷиконро бо кӯчактарин баҳона то ба зиндонҳо

мекашанд ва дар гузаргоҳҳои марзӣ дар дохили қатори Тоҷикистон, яъне марзу буми худи мо мавриди таҳқир қарор медиҳанд. Неъ! Сухан сари Қирғизистони дӯст ва бародар меравад…

Оё медонед, ки дар гузаргоҳи Ӯш - Бадахшон низ даст ба ситами ҳаммиллатони мо задаанд? Ва дар ин росто аз паҳнсозии барномаи маразі маҳалгароӣ кор мегиранд. Алик, 1 ронандаи бадахшии муқими пойтахт, ки ба гуфтаи худаш «аксенти помириаш»-ро фаромӯш кардааст, қисса кард, ки вақте аз ин гузаргоҳ убур мекард, ронандаҳои бадахширо марзбонҳои қирғиз тақрибан бе мамониате гузаронида, «душанбегиҳо»-ро мавриди таҳқир, кофтукоби сахт, ки то нофу дигар шикофиҳо кор доштаанд, қарор медиҳанд. Ва танҳо пас аз он ки Алик тавонистааст, исбот кунад, ки бадахшӣ аст – на ДУШАНБЕгӣ ӯро ҷавоб додаанд. Хонандаи гиромӣ, ин амали марзбонҳои қирғизро набояд саҳлу сода гирифт. Ин барномаи муштараки тафриқаандозист! Зеро айнан бо ҳамингуна моҷаро метавон дар вилояти Суғд бархӯрд кард, ки марзбонҳои ӯзбак суғдиёнро тақрибан бе мамониат аз гузаргоҳҳо гузаронида, роҳро ба сокинони дигар минтақаҳои Тоҷикистон мебанданд. Ва баракс дар фурудгоҳҳои Қазоқистон манзараи тамоман дигар ҷилвагар аст. Дар ин кишвар «муҳаббати вежа» ба душанбегиҳо доранд! Акнун тасаввур кардед, ки миллатбадбинии мо, ки аз маҳалситезӣ маншаъ мегирад, то куҷоҳо мекашад?

Боре агар дар ҳамингуна моҷаро дармонда бошед, то чанд моҳу ҳафтаи дигар кинаи шумо дар нисбат ба ҳаммиллатони маҳаллашон ғайр зудуда намешавад ва ин тамойул ба оҳистагӣ ба хусумат дар миёни 1 миллат табдил меёбад:



Ин гипотеза нест. Ин ҳақиқатест, ки душманони миллати мо ҳадафмандона сӯи он равонаанд!

Фикр мекунам, барои садди роҳи ин раванди тафриқаандозро гирифтан бояд дар сатҳи ҳукумат чораҳо андешид.

Нотаҳои эътирозӣ дар сатҳи болоӣ агар аз ин раванд ҷилавгир ҳам нашаванд, ҳадди ақалл Тоҷиконро дилгармтар мекунанд ва оташи ҳуббулватанро дар қалби онҳо бармеафрӯзанд. Тоҷикон ҳадди ақалл дарк мекунанд, ки дар симои чиновникҳои худ дар Вазорати Хориҷа, Корхонаи Роҳи Оҳан, Фурудгоҳ, Гумрук, Кумитаи Марзбонӣ ва Парлумони худ пуштибон доранд.

Ин раванди номатлуб, яъне шикасти ғурури миллӣ бо сияҳҷорӯби маҳалгароизм, ҳатто дар Аврупову Амрико мушоҳида мешавад, ки амдан, ҳадафмандона ба синаи Ваҳдати Миллат тири тафриқаи маҳал мезананд. Бар замини қалби журналистоне, ки имрӯз дар Прага, дар матбуоти амрикоӣ кор мекунанд, бо дасти туркони амрикоӣ онгуна тухмаи нифоқу маҳалпарастӣ кишта шудааст, ки бархӯрдҳои маҳаллиашон ҷанги абарқудратонро мемонад. Ва инҳо тавассути блогу сайту саҳифаҳои Интернетӣ ин тухми нифоқро бар қалби ҳазорон ҷавони Тоҷикистони азиз, ки хушбахтона аз маразі маҳалгароӣ дуртар мондаанд, коштан доранду доранд!

Набояд бо ифтихори миллӣ бозӣ кард, ки мабод он, яъне ғурури миллӣ моро боре тарк кунад, мутмаинан дигар барнамегардад! Ҳамонгуна ки Тоҷикони муқими Аврупо ҳатто пас аз халои ҳуббулватан ва дидани ситами ин раванд маразі маҳалгароиро ба дили Аврупо бурдаанд ва миллату ватанро билкулл фаромӯш кардаанд, муҳоҷирини кор ба Тоҷикистон низ ҳамин маразро хоҳанд овард.

Дар ин арзу тӯли таърихан тақдирсоз, мо бояд аз 1 гиребон сар барорем ва ҳадафҳои душманро нишон гирем ва сангарҳои сунъии миллатбезориро дар алоҳидагӣ варшиканем:

Мо Метавонем!

*СССР (№9) 6.11.2008*



# Мушти 3

# МИЛЛАТ ВА ТАРС

***Боре андешидаед, ки Рӯдакиву Шоҳин, Носири Хусраву Мавлавиро барои маҳаллаҳоямон мепарастем?! Дар сӯҳбат бо фарҳангиён сахт ҷуғрофиёи таваллуди имрӯзаи ин удабо таъкид мегардад. Ва гумони ғолиб бар ин аст, ки агар ин ё он шоир аз маҳаллаи мо намебуд, пас ӯ парвардаи тахайули мо намешуд. Ҳамин аст, ки ба Шоҳин дар Кӯлобу ба Носир дар Қӯрғонтеппаву Қубодиён ва ба Рӯдакӣ дар Панҷакент пайкара гузоштаем…***

*Тарсам, нарасӣ ба Каъба, эй аъробӣ,*
*К-ин раҳ, ки ту меравӣ ба Туркистон аст!*

*(Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ)*

Дӯсти зиёд фарҳангӣ ва интеллигентам, ки аз Миллат ва фарҳанги он сахт дифоъ мекунад (дар сухан ва танҳо дар он!) эрод бар ҳар вожае мегирад, ки «туркиву ба Тоҷикӣ роҳ бурда» бошад. Кор то ҷоест, ки ҳар калимае, ки ӯ намедонад Тоҷикист, шадидан туркиш мехонад ва барои корбурди он садд мегузорад. Пафоси лжемиллии ӯ то ҳаддест, ки бовар кунед, дар сӯҳбат бо ӯ ҳатто аз Тоҷикӣ ор мекунӣ. Ба таҳқиқ мардум дар бораи ӯ аз масали «хизмати хирсона» кор гирифтааст.

Боре суолаш додам, ки «Медонӣ, ту шодихӯрдаи пантуркизм ҳастӣ?», ранҷид. Ӯ ранҷид, вале дар умқи назараш дидам, ки бо ман розӣ аст…

Боре андешидаед, ки Рӯдакиву Шоҳин, Носири Хусраву Мавлавиро барои маҳаллаҳоямон мепарастем?! Дар сӯҳбат бо фарҳангиён сахт ҷуғрофиёи таваллуди имрӯзаи ин удабо таъкид мегардад. Ва гумони ғолиб бар ин аст, ки агар ин ё он шоир аз маҳаллаи мо намебуд, пас ӯ парвардаи тахайули мо намешуд. Ҳамин аст, ки ба Шоҳин дар Кӯлобу ба Носир дар Қӯрғонтеппаву Қубодиён ва ба Рӯдакӣ дар Панҷакент пайкара гузоштаем…

Идеологияи тафриқаандози пантуркистӣ, ки 100 сол муқаддам сари миллатро буррид, имрӯз дубора аз худ дарак медиҳад ва моро ба гунаву шеваи дигар фаро гирифтааст. Ин раванди барои миллати Тоҷик махуф, ки дар тӯли асри 20 гаҳвораҳои фарҳанги миллатро рабуда буд, ҳамакнун дар ҷомаи пурхатартари ҷадид (на ҷадидизм) зуҳур мекунад. Нафаҳмидед? Мефаҳмонам:

-Дар замоне, ки миллатҳои ҷавони ҳамҷавор аз тариқи зӯр номи Тоҷикро аз тоблуи шиносномаҳо ба таври сунъӣ зудудаанд, мо Тоҷики асил меҷӯем!!!

…Тоҷики асил, яъне КӢ?! Оне, ки ба иддаои мо 7 пушташ Тоҷик аст? Мебахшанд, шахсан барои фарҳанги миллӣ ҳамоне асилзодааст, ки хасеро дар таърихи миллат болои хасе гузошта бошад. Кор то ҳаддест, ки имрӯз мо генҳои ягона қаҳрамони Миллати Тоҷик ва мубориз дар баробари урдуи муғул-Темурмаликро кофтан дорем; Ӯ Тоҷики асил буд, ва ё хуни туркӣ дошт?!

Дар мавриди асилзодаҷӯӣ мо асолатбохта гаштаем! Беҳтарин чеҳраи миллӣ, сарсупурдатарин Тоҷик ва ҳатто нафаронеро, ки миллатро аз вартаи маҳви солҳои 90 вораҳонидаанд, дар сӯҳбатҳои «фиш-фиш» мо решакоб мекунем; мабод агар овозаи дурӯғе бар гӯши мо аз 1 дайдуе бирасад, ки «бобокалони фалонӣ … турк аст» … хурсанд мешавем. Намешавем? Мешавем!!!

Гӯё ба миллат хидмате кардем; генҳои Тоҷикеро ёфтем: Ӯ асилзода нест! Зеро тешаи тафриқаи пантуркизм сари моро дукафон кардааст.

Ин ҳама дар мавридест, ки 70 сол аст, ки бо таассуфи зиёд мегӯем, Тоҷиконро бо зӯр дар Ӯзбакистон ӯзбак карда буданд. Хуб карда буданд! Сазои мо ин аст; сазои мое, ки нафареро, ки дар паспорташ «Тоҷик» навиштаанду худро Тоҷик мехонад, решаи муғуливу туркиашро меҷӯем, ана ҳамин асту бас!

Ин ҳама асолатҷӯӣ дар мавридест, ки дигар Тоҷик будан, мояи фахр ҳам нест; таҳқир аст. Бовар надоред? Боре бо паспорти Тоҷикистон аз марзи Ӯзбакистону Қазоқистон гузар кунед. Чӣ расад ба Русия?…

Миллати лӯлиҳоро дар Ӯзбакистон Тоҷик менави-

санд. Медонед барои чӣ? Барои ор кардани Тоҷик аз миллати худ. Ва бо ин ҳама мо решаи нафареро меҷӯем, ки ба бахти бади худ Тоҷик асту аз Ӯзбакистон ба Тоҷикистон омадаву парчами фарҳангро бардоштааст…

Чаро бо Лоиқ дастобагиребонем? Боре аз худ суол кардаем? На! Суол кардаем, ки КӢ зидди Лоиқ баромадааст? Гузашта аз ин КӢ аз Лоиқ пуштибонӣ мекунад, дар ин баҳсҳои бемантиқи «аввал мурғ буду баъд тухм»? Ҳамаи онҳое, ки дар ин моҷаро даст доранд, аз ҳар 2 тараф шодихӯрдаи идеологияи пантуркистии ихтилофандозанд! Лоиқ ниёз ба пуштибон надорад! Лоиқ ниёз ба оппонент ҳам надорад! Танҳо ин рашки маҳалл аст, ки мо ба Лоиқшоҳ санги маломат бизанем: Зеро шоири ҳаммаҳалли мо маҳбуби дилҳо чу Лоиқ нест! Ва кор то ҷоест, ки номи Лоиқро ба таври сунъӣ аз хотираи миллат шустан дорем. Чаро имрӯз Лоиқ аз маҳофили адабии мо ғайб задааст? Чаро ҷуз ҳаммаҳаллаҳо ӯро пуштибоне нест? Чаро сабтҳои Лоиқу Ашӯр Сафарро бояд ҳаммаҳаллаҳо ва пайвандони онҳо бо 100 зориву зӯрӣ аз тариқи ТВ ва Радио ба мардум пешкаш кунанд? Ва чарои охирин:

-Чаро пайкараи Лоиқро дар Панҷакенту Ашӯр Сафарро дар Кӯлоб сохтем???

Зеро идеологияи тафриқаандози маҳалгароии пантуркизм ба решаҳои мо часпидааст.

Зеро мо фикр дорем, ки Лоиқ панҷакентиву Бозор файзободӣ, Мӯмин дарвозӣ ва Ашӯр кӯлобист.

Зеро агар имрӯз аз ин микромаҳалчигӣ оҷилан чилавгир нашавем, фардо дер хоҳад шуд.

Зеро имрӯз ин раванд ҳомила аст: Ҳомили миллатчаҳое бо ҳамин номҳо;

миллати панҷакентӣ, файзободӣ, дарвозӣ, кӯлобӣ…



Интеллигенсияи шодихӯрдаи Ғафурову Турсунзодаву Раҳимзода, ки аз марзи 60 убур кардаанд, имрӯз ба ин падидаи нангин хамӯшона менигаранд. Фикр мекунам, ки ин хамӯшии тарсолуда аст! Зеро мо, воқеан, интеллигенсияи ҷасур на дорем ва на доштаем!

Ин ҳамон СССР буд, ки интеллигенсияи моро таҳрик медод ва ҷасорат ҳадя карда буд. Ҷасорати сунъӣ! Вагарна имрӯз, ки ҳатто худи Президент ливои миллатро ба даст гирифтааст… ин мардум интизори амр ё супориш намеистод.

Тасаввур кунед, ки имрӯз пешвои миллат … миллатдӯстдор намебуд: Даҳшати пирӯзро тасаввур кардед?

Оре, даҳшат аст, зеро мо интеллигенсияи ҷасури миллӣ надорем (Воқеан ҳам, ҳатто, ҳамин вожа – ҷасорат Тоҷикӣ нест). Аммо ҷасорати маҳалл дорем; боз чигуна ҷасорате!

Кор то ҷоест, ки шашмақомро ӯзбекӣ мехонему Фалакро моли авом?! Оё ҳамин тавр нест? Ин суол ба намояндагони интеллигенсияи 4 гӯшаи Тоҷикистон аст. Биёед, 1 бор мардона иқрор шавем! Ва агар ҷои эрод бар ин нукта, мардона даст рӯи сина гузоштаву бигӯем, оре, чунин аст, пас нахустин қадамро дар роҳи иттиҳоди миллат гузоштаем.

Мо набояд Шашмақому Фалакро ба хотири риояи таҳаммулпазирии маҳаллаҳо гӯш кунем, навозем, бишнавем ва … тоқат кунем. Ин лжесиёсати таҳаммулпазирии маҳалла аст, ки миллатро дучори балову батар кардааст ва ҳам мекунад. Парчами миллатпарастиро то аз чанги сиёсатмадорон гирифтаву ба дасти интеллигенсия надиҳем, вомондагонем!

То рӯзе ки чароғи маҳофили ёдбуди Ашӯр Сафарро

дар Кӯлобу Лоиқро дар Зарафшон равшан доштаву музейи Қаноатро дар Дарвоз бунёд мекунем, вомондагонем!

То замоне ки пайкараи Шоҳин дар Кӯлобу Рӯдакӣ дар Суғд асту Носир дар Қӯрғонтеппаву Қубодиён, дармондаем!

То рӯзе, ки мо ҷасорати пиндор надорем, осебпазирем!

То даъвову даґо сари ҳазрати Лоиқ ҳаст мо … аслан миллат нестем, чӣ расад ба асолатамон!

СССР, албатта, талош хоҳад кард, ки ин раванди номатлубро решакан кунад! Ва ҳам мекунад. Тоҷикон мақоле доранд, ки «1 гул баҳор нест». Аммо ин мақоли тарсуён аст. 1 гул баҳор ҳаст, агар боғбони хуб дошта бошад! Ва мо он боғбоне мегардем, ки ин гулро ба гулзор ва гулзорро ба чаман ва чаманро ба Меҳан бадал кунем:

Мо Метавонем!

***СССР (№10) 13.11.2008***



# Мушти 4

# МИЛЛАТ ВА ГӮР

***…Суоле оё ба худ додаед, ки пас, мо чӣ миллатем, ки ҳатто мурдаҳои худро, мисле, ки мӯрчаҳо ҷасади ҳамҷинси худро дар берун намегузоранд, кашида – кашида то хонаву ҳавлӣ, зодбуми аввалӣ, яъне ВАТАН мебарем?***

*Фишонад гӯркан гар хок бар сар,*
*Зи мотам нест, дорад дарди дигар!!!*

Боре андешидаед, ки чаро мо-тоҷикон мурдаҳои худро бардошта, саду дусаду сесад километр роҳро тай карда, ба Хоруғу Кӯлобу Қубодиён, Зарафшону Хуҷанд мебарем? Не?

Ин ҳам маҳалгароист-ҳамакнун микромаҳалчигии ҳатто мурдаҳои мо! Ман ҳам медонам, ки айб аст, гуфтану тасдиқи ин мурдамаҳалгароӣ. Аммо бояд гуфт, охир!

Ҷасади адибаи шинохташудаи исфарагиро дар чиллаи замистон, 2 ронандаи тасодуфӣ Бобохон Раҳмонов ва Файзалӣ Раҷабови кӯлобӣ дар даврони шӯравӣ (ҳатто!) аз ағбаи Анзобу Шаҳристон бо азоби алиме гузаронида, ба зодгоҳаш бурданд. Ин ронандаҳо баъдтар қисса карданд, ки … ҷаноза чи азобе медид дар роҳ…

Мақсуди Ҳусейнро, беҳтарин душанбегиро гирифта, Хуҷанд бурданӣ будем!… Чанде қабл аз фавти устод Мақсуд бо журналист Саидқосими Қиёмпур ӯро аёдат рафтем ва раҳматӣ мегуфтанд, ки ин мардум маро зинда бардошта, Хуҷанд бурданианд, то он ҷо-дар «Ватан» бимирам ва маро паҳлӯи наздикон ба дасти хок диҳанд. Бо юморе, ки дошт, афзуд: Корашонро осон карданианд.

Дар умқи чашмаш медидам, ки намехост Душанбеи азизашро тарк кунад. Аммо куҷо? Ҳуббулватани мо микромаҳалгароён мегузорад?

…Бовар кунед, ки агар зимоми кор ба дасти мо мебуд, Лоикро ҳатман ба Панҷакент мекашидему Турсунзодаро дар Регар ва Айниро дар Самарқанд ба хок медодем. Хушбахтона зимом ба дасти ҳукумат буд, на Тоҷик ва имрӯз ҳазорон мухлисин сари гӯри ин нобиғаҳо гулчамбар мегузоранд…



Худобиомурз Искандари Хатлониро аз Маскав бардошта, то Кӯлоб бурдем. Зеро кӯлобӣ буд…

Имомназари Холназар, ки сахт фарди бемаҳал ва зидди микромаҳалгароизм буд ва ин феъли бади мурдамаҳалгароиамонро низ медонист, дар зиндагонӣ, ҳар нафаре ки пешаш меомад, ҳатман таъкидан васият мекард, ки ӯро дар Душанбе гӯронанд. Агар намегуфту садҳо шоҳид намедошт, мутмаинан ҷасади ӯро то ВАТАНаш кашида мебурдем.

…Суоле оё ба худ додаед, ки пас, мо чӣ миллатем, ки ҳатто мурдаҳои худро, мисле, ки мӯрчаҳо ҷасади ҳамҷинси худро дар берун намегузоранд, кашида – кашида то хонаву ҳавлӣ ва ВАТАН мебарем? Пас, Душанбе ватани кист? Шаҳре, ки мурдаи моро намепарастад, шаҳре, ки мурдаҳоямон онро тарк мекунанд, пойтахте, ки будани мурдаи Тоҷик дар он ор аст… пойтахти миллате буда метавонад?

Ман роҷеъ ба ВАТАНҳои бузургу аслии наздишаҳрӣ – Ҳисору Рӯдакиву Регар хамӯшӣ бармегузинам. Ба гумони ғолиб агар тамоми гӯристонҳои Душанберо таку рӯ кунем, ягон ҷасади ҳисорӣ намеёбем! Зеро мо-Тоҷикон ҳеҷ вақт мурдаро ғариб намекунем! Ин аст, ки дар иди Қурбону Рамазон даҳҳо ҳазор нафар савораву пиёда аз пойтахт фирор мекунем: Сари гӯри наздикон дуохонӣ.

Воқеан ҳам авохири ҳафтаи гузашта, тифлаки 1 ҳамсоя фавтид (ки сабаби таҳрики иншои матлаб гардид) ва барои гӯру чӯби ӯ …тағову шинос лозим шуд. Муайян гардид, ки дар Душанбе гӯрёбӣ ҳам амсоли мурдан проблема будааст ва он майитро дар 1 гӯристони кӯҳнаи канори шаҳр, воқеъ дар мавзеи Чортут ба дасти хок доданд.

Пас агар мо бихоҳем ҳам, нахоҳем ҳам сабуктару осонтар аст, ки мурдаҳоямонро гирифта, амсоли

Шоҳ Неъматуллоҳи Марди Зарробии Валии Ҳомонии Кирмонӣ дӯш ба дӯш садҳо километр кашида ба ВАТАН барем. Зеро мурдамаҳалгароӣ ба шуури мо онгуна асар доштааст, ки дар ҷанозаи он тифлак касе мегуфт, ки «дар гӯристони Каратегинский «чужак»-ҳоро гӯр мекунанд».

«Чужак» кист? Тоҷики бечораи дигаре, ки дар Душанбе иқомат доштаву фавтидааст!

Пас агар мардуми ин шаҳр «чужак»-анд, оё Душанбе «свояк» аст?

Мурдамаҳалгароии мо дар аксари маврид абсурд шудааст:

Боре дар ноҳияи Фархор ҷанозаеро думбола доштем. Ва чун вориди қабристон гаштем, дидам, ки гӯристон ба 3 қисм ҷудо шудааст. Ҳайрон мондам ва сабаб пурсидам. Гуфтанд, ки дар ин кӯҳпора балҷувониҳо, дар онаш ховалингиҳо ва дар саввумаш даштиҷумиҳо хобанд!

Кор то ҷоест, ки зану шавҳар агар аз 2 ноҳия бошанд, онҳоро …ҷудо гӯр мекунанд-дар гӯристони маҳаллаи худаш, паҳлӯи ҳамВАТАНон.

Боз пурсидам, ки агар фарзандони онҳое, ки аз 2 ВАТАНанд, мабод фавтанд-чӣ? Ҳайрон монданд. Аз суол не! Онҳо ҳоло наандешидаанд, ки кӯдакони дуВАТАНаро дар куҷо гӯр мекунанд!!!

Дар мавриде, ки мурдаҳоро аз пойтахти Тоҷикон бадар мебарем, суоле посух меҷӯяд, ки муҳаббат ба ин пойтахт мо дорем, ё на? Сареҳатан, на! Зеро турбати худро дар хоке, ки ҳуббулватан… максимуҳаббат дорем, хок карданием.

Пас пойтахти Тоҷикон ба нисбат ҳамон мавзеест, ҳамвазни қасабаҳои Русия, ки намехоҳем мурдаҳоямон «ғариб» монанд.

Пас ин шаҳри зебо – Душанбе чӣ тафриқае аз шаҳрҳои



бегона барои мо дорад? Тақрибан ҳеҷ чиз. Ҳамонгуна ки дар солҳои муҳлики ҷанги шаҳрвандӣ ҳама дастаҷамъона онро раҳо кардаву ба ВАТАНҳои худ ба шимолу ҷанубу ғарбу шарқ фирор карда будем; зеро дар ин шаҳр турбати падару модари мо набуд!

Кӣ, Кай ва Чигуна ба мурдамаҳалгароии Тоҷикон хатм мебахшад? Наход амри ҳукумат? Чаро не? Мо-ку аз пеши худ ба коре наоему ба коҳе намеарзем.

*… З-ин хона чу мо шудем дар гӯр,*
*Дигар туву дашту домани гӯр.*

***СССР (№11) 20.11.2008***

## Мушти 5

# МИЛЛАТ ВА ФАШИЗМИ МАҲАЛГАРОӢ

***Мо аз маҳалпарастии маъмулӣ дар 18 соли Истиқлолият ончунон фохир будаем, ки зинаи микромаҳалгароиро убур кардаву дар наздикии дарвозаи ултромаҳалчигӣ, ки ба дашти Фашизми Маҳалпарастӣ мебарад, қарор дорем.***

*Мо 5 бародарон аз 1 пуштем,*
*Дар дасти замона ҳамчу 5 ангуштем.*
*Гар рост шавем, дар назар чун аламем,*
*В-ар ҷамъ шавем, бар даҳанҳо муштем!*

Ба назар мерасад, ки интеллигенсияи мо ҳадди ақалл мантиқи ҳамин мисраҳои примитивро дарк накардааст ва то ҳанӯз мо аз миллат ба қавм ва аз қавм ба маҳаллаҳо рехтан дорем. Хеле шигифтовар аст, дар мавриде, ки ақвоми степнишин, қабилаҳоро ба гурӯҳҳо рехтаву миллатҳои сунъӣ (!) тартиб додаанд, мо бозпас сӯи обшинаи қабилавӣ рафтаем. Ва мутаассуф, дар саргаҳи ин рехтанҳову бехтанҳо акои ЗИЁЙ меистад. Мисол мехоҳед?

Оё шумо Маҳмадамини Бадахшӣ, Шарифи Даштиҷумӣ, Болтуеви Файзободӣ, Шарифхони данғарагиро мешиносед? Неъ! Зеро 2 тани аввал бонкиранд; он яки байнӣ сиёсатпеша ва ахирӣ…раиси Ширкати Барқи Тоҷик. Ва ному насаб доранд. Худро ба маҳалла набастаанд… Аммо Муҳаммадҷон Шакурии Бухороиро … албатта, мешиносед! Мешиносед ва боре аз худ ё аз устод суол кардаед, ки чаро дар сари пирӣ он кас, ки воқеан ҳам гули сари сабади фарҳанги миллист, ба нохост Бухороӣ шуданд? Даст рӯи сина гузошта, бо 1000 савганд мегӯям, ки устодро ҳадди ақалл на камтар аз ҳар миниҳамватанаш ҳурмат дорам, аммо устодро маҳз бемории микромаҳалгароӣ оварда-оварда часпаки Бухороидор намуд. Устод! Шумо фахри миллатед ва фурӯ гузоред ин часпакро, то дигарон низ часпакпартоӣ кунанд!

Салими Зарафшонфар ва Салими Хатлонӣ аз дӯстони наздиктарини ман ҳастанд ва худ низ медонанд! Ва ҳам ман



медонам, ки агар дар Тоҷикистон 3 нафар миллатдӯсту маҳалгаробадбин бошад, 2 тани ишон инҳоянд. Аммо часпаки маҳалла дар насаби онҳо … норавост.

Дар микромаҳалгароӣ мо аз ҳадди инсоф хеле бадар рафтаем ва онро, маҳалпарастиамонро ба абсурд расонидаем. Вагарна, чӣ маънӣ дошт, Шоҳинро часпаки Кӯлобӣ часпонидан?

Шоҳини Кӯлобӣ?! Аз барои савоб! Боре хондаед, ҷое, ки Шоҳин худро Кӯлобӣ мегуфт? Ё чаро фахри адабиёти авоили асри 20 Ҳоҷӣ Ҳусайн «Кангуртӣ» шуд? Нафаре, ки девони комил дорад, пайгири мактаби Бедил аст ва ахиран «Комде ва Мадан»-сангинтарин достони Абулмаониро бар 3 вазн навиштааст (!), дар асри 21 Кангуртӣ шуд!

Гузашта аз ин! Ман ҳич намефаҳмам, ки Одамушшуаро Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад Ҷаъфари Рӯдакӣ чаро Панҷрӯдӣ шуд???!!! Ӯ ҳич гоҳ Панҷрӯдӣ набуд! Ва набояд бошад. Аммо мо кардемаш! Ва на танҳо ӯро.

Фахри замона ва идеологи ҷараёни Исмоилия Носири Хусрав дар 2 дақиқа часпаки Қубодиёнӣ гирифт. Аз барои худо! Куҷо шунидаед, ки Ҳазрати Носир худро Хусрави Қубодиёнӣ навишта бошад???

Ҳамакнун думболаи Румӣ рафтаву ӯро Балхии… Вахшӣ мегӯем. Тарсам аз он аст, ки рӯзе асаре бо номи «Зиндагиномаи Ҷалолиддини Қӯрғонтеппагӣ» нашр накунем!

### ИНТЕЛЛИГЕНСИЯ ВА РЭКЕТ

Чанд сол муқаддам дуздону ғоратгарону каллабурҳо дар кишвари ҷангзадаи мо бо часпакҳои маҳалла пайдо шуданд;

Рустами Чортутӣ, Фарҳоди Алмосӣ, Рустами Шра-

ми Вахшӣ ва ҳоказо. Ва дар ин росто шарм нест, ки сарояндаи шинохташудаи мо…Хосияти Зарафшонӣ шавад? Таъкиди маҳал бо часпак оё бар ҳунари хонуми мӯҳтарама афзудааст? Ва ё чигуна метавон шарҳ дод, номҳои ҳамкасбони шарафманди моро;

Марямбонуи Фарғонӣ, Бохтарӣ ва Ҷовиди Аштиро?

Воқеан ҳам ҳамтои ахирии мо хабарнигори газетаи ҳукуматист. Пас, биёед, журналистонро раштиву аштиву даштиву восегиву ховалингӣ бихонем? А!!! Дарвозиро фаромӯш накунед!

Шахсан ман, хеле дар шигифтам ва ҳич дарк намекунам, ки чӣ сабаб шудаву мо думболаи часпаки маҳалла рафтаем. Агар манзур Ҳофизу Саъдии Шерозист, пас, ин амал хомии фарҳангпарвардаҳои моро таъкидан таъйид мекунад ва ба 2 ваҷҳ:

1. Дар ин ҷо на танҳо часпаки Шероз, ки худи куният тахаллус аст! Яъне Ҳофиз ва Саъдӣ номи асли машоих нест! Ва:

2. Ҳич кадоми мо ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки ба ин 2 нафар Офоқфарогирон тақлид кунем. Воқеан ҳам ҳатто Умари Хайём ин нуктаро дарк карда буд…

Вале ба назар мерасад, ки мушкил дар тақлид нест! Калиди муаммо дар қуфли маҳалгароии мост, ки миллатро ҳамакнун аз сар метосад, мисли моҳӣ! Вагарна устоди гиромии ман, профессор Раҳим Мусулмонқулов, ки хидмати арзандае барои рушди адабиёт кардааст, дар сари пириҳо ба нохост Раҳим Мусулмониёни …Қубодиёнӣ намешуд!

Имрӯз мо чанд …Қубодиёнӣ дорем? Раҳими Мусулмониёни Қубодиёнӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Раҳим Амини Қубодиёнӣ ва…

Оё медонед, ки дар ягон замон мардуми бумии Қубодиён маҳалгарой набуданд? Зеро ин шаҳр қадимтарин мавзеи таърихӣ буду сутуни поядевори миллат… Фаромӯш кардем, миссияи шаҳрҳои қадимаро ва ё амдан теша ба решаи миллат мезанем?!

Маҳалгароии абсурд, ҳатто ба фахри номҳои шӯравӣ кашидааст. Мо ҳатто Гавҳари Панҷӣ дорем! Ва ҳам Мӯътабари Раштӣ!

«Насаб»-ҳои Бохтарӣ, Аштӣ, Раштӣ, Фарғонӣ, Қубодиёнӣ, Вахшӣ, Чортутӣ (Рустами қотил ҳам аз шумори шумост!) Кангуртӣ, мутаассифона, часпакҳои маҳалгароизми васеътар-Зарафшонӣ, Бадахшонӣ, Хатлонӣ ва Хуҷандиро барҳам задаанд.

Яъне мо аз маҳалпарастии маъмулӣ дар 18 соли Истиқлолият ончунон фохир будаем, ки зинаи микромаҳалгароиро убур кардаву дар наздикии дарвозаи ултромаҳалчигӣ, ки ба дашти Фашизми Маҳалпарастӣ мебарад, қарор дорем. Ва ин даштест, ки оқибаташ фанои миллат аст. Эҳтиёт кунед, мардум ва касе аз ман ранҷидааст…ислоҳ шавад ё ранҷидан гирад:

Ман ҳич гоҳ аз маҳалпарастон узр намепурсам!

***СССР (№12) 27.11.2008***

# Мушти 6

# МИЛЛАТ ВА ИҚТИСОД

*Миллатро бояд бонкдорҳову сарватмандон ва мардони курсӣ дифоъ кунанд. Интеллигенсия солдат аст ва сарбози гуруснаву бараҳна ва бе силоҳ дар набарди фарҳангӣ ба чӣ кор ояд?*

...Агар бинӣ, ки нобинову чоҳ аст!!!

Дирам (усулан бояд дирҳам мебуд!) пояи ғурури миллат ва ҳастии он бояд бошад! Дирам пойдевори иқтисоди миллист, албатта, ва инро нек аз мову манҳои килкбадаст бояд бонкирҳову сармоядорон ва мардони давлат бидонанд. Аммо то куҷо дирамак ба ормонҳои мо расидагӣ дорад? Ин суолест, ки мани не-профи ва ғайрикасбӣ мехоҳам дар ин матлаб шарҳ диҳам. Қаблан аз Шариф Раҳимзода, бонкдори аршади миллат ва дигар мутахассисини соҳа узр барои баҳси бе масъулият мепурсам. Аммо! Бояд гуфт охир!

Оё хонандаи мо медонад, ки дар кишвари соҳибистиқлоли мо, яъне де-юре ҳамсангу ҳамсангари дигар кишварҳое ба мисли Америкову Русия, Шветсияву Германия, яъне Тоҷикистони азиз, пули гарданда ва асъори фаъол на дираму сомонӣ, ки доллар аст?! Чаро чунин шудааст? Чаро кишваре, ки 18 сол арзи вуҷуд дорад ва даъвии Истиқлолият, то ҳанӯз пули миллиро гавҳари мубодила қарор надодааст; яъне истиқлолияти пулӣ надорад?

Ба гунаи мисол, боре вориди мошинбозори Гипроземи Душанбе шавед ва нархи дилхоҳ авторо пурсед. Агар 1 нафар гӯяд, ки фулон қадар сомонӣ мошинаш нарх дорад, шахсан ман омодаам, аз ҳама хонандагони СССР пӯзиш пурсам. Аммо чаро бонкдорҳои мо пӯзиш намехоҳанд, дар мавриде, ки сомониро де-факто натавонистаанд, пули воқеӣ гардонанд? Кӣ ба ҷои онҳо ин корро мекунад? Мо-журналистони бемасъулият?

Гузашта аз ин агар боз баргардем ба ҳамон мошинбозор ва бигирем, ки тахминан рӯзе ба ин бозор 5000 мошин ворид мешавад ва нархи эҳтимолии ҳар яке аз онҳо бошад, ки $5000, ин дар маҷмӯъ мешавад, 25 млн. доллари амрикоӣ:

5000м х 5000$=25000.000. Математикаи оддист.

Ва акнун биёед, ин асъори хориҷаро ба сомонӣ баргардонем, бо қурби сарикӯчагии мубодилаи асъор, мешавад ...86 млн сомонӣ.

Гарав мебандам, ки агар ин пул дар ҷайби ҳар нафари мошинхар мебуд, қурби пули миллӣ на танҳо болотар мерафт, ки ... обурӯи сомонӣ дучанд меҷаҳид!

Вале ин ҷо 1 No-и дигар ҳаст, ки набояд сари он тамаркуз накард. Бонкҳо ин миқдор пули нақдина доранд? Агар пайваста мубодилаи ашёи муҳаррик ва ғайримуҳаррик, маъруфтар барои иқтисоддонҳо ба манқулу ғайриманқул бо сомонӣ роиҷ бошад, бонкҳои мо пули кофӣ доранд, ки мардум онро гирифтаву муомила кунад, ва ё на?

Бигирем, ки 1 хонаи чорҳуҷрагӣ дар Душанбеи азиз $100.000 аст. Пас, ин мешавад (мувофиқи ҳамон курси кӯчагӣ) 344.000 сомонӣ; ва агар дар пойтахти Тоҷикистон дар 1 рӯз 10 хона фурӯхта шавад (мутмаинан мешавад!) пас, дар 1 ҳафта 70 хона бо нархи эҳтимолии 344.000 сомонӣ ба фурӯш меравад. Ҷамъ ин пул мешавад...24 млн. 080.000 сомонӣ.

Тасаввур кардан кофист, ки дар ин шабу рӯзҳо чанд миллион сомонӣ дар гардиш аст ва ҷияни амаки Сэм, акои $, ки пули усулии муомилоти молист, то кадом ҳадд ҷои пойи дирамакро танг кардааст!

Дирам имрӯз мардуд аст, аз муомилоти бузург ва хариду фурӯши гаронҳаҷм. Агар ӯ, яъне дирам забон медошт, сақаташро мо мешунидем, ки чӣ гуна сари масъулини пули миллӣ мерехт! Дирамро ҳурмат кунед, то бар иззати иқтисоди миллӣ ва фарҳанги миллат биафзоед!

Ва кӣ гуфтааст, ки ифтихороти миллӣ ва пуштибонӣ

аз ҳувияти миллат танҳо бар дӯши фарҳангиён аст? Фарҳангиёне, ки дар кунҷи киса 1 дирами мардуд барои «обед» надоранд!

Интеллигенсияи камбизоат, баракс мӯҷиби ор аз фарҳанги миллӣ мегардад ва инро мо нагуфтаем. Ин аст, ки сарватмардони дигар қавму миллату қабоил фарҳанги миллиро дастгирӣ мекарданд, мекунанд ва хоҳанд кард. Илло сарватмандони Тоҷик, ки эҳсоси «метсенатство»-сарпарастии фарҳангиро надоранд. Зеро худи онро надоранд. Чиро? Фарҳангро! Вагарна осори гаронарзиши муосирони мо ва фахри ҳар миллат-Муҳаммадҷон Шакурӣ, Бозор Собир, Лоиқ, Мӯмин Қаноат, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ва садҳо тани дигар рӯи чопро медид.

Дар мавриди таҳоҷуми фарҳангӣ ва бохтҳо дар ин набард ҷои сухан ҳам нест. Кадоме аз сарватмардони мо ҷои эъмори кӯшку коххои инфиродӣ ва харидории автоҳои «девона-ш» барои бачаҳои шабгарди худ, ки «аҷали гаишник» ном гирифтаанд, дирамаке барои маҷаллаву газета, радиову ТВ ҷудо кардааст? Мегӯед, ки ҳастанд ин мардуми мард, вале ангуштшумор?! Ангуштшумор ҳам нестанд! Умуман нестанд, метсенатҳои Тоҷик! Ва бо ин ҳама бонкирҳову иқтисоддонҳо, технократҳову сарватмардон дар сӯҳбатҳои вежа аз мо-журналистон даъвати миллатдӯстӣ ва пуштибонӣ аз фарҳанги миллӣ доранду дорааааанд!

Аз барои худо! Боре ба худ суол гузоштаед, ки худи шумо, ҷанобон, сарватмардон барои миллат хасеро болои хасе гузоштаед? Наход барои метсенатство ҳам шумо амри болоро интизоред? Охир бе ин амр низ маблағҳое маҳз барои пуштибонии фарҳанги миллӣ, зери тамғаи «баргузории чораҳои фарҳангӣ» маъруфтар бар «прочие расходы» сарф мешаванд-ку? Пас, чаро аз пеши худ



фарҳанги миллӣ ва фарҳангиёни миллататонро пуштибон нашавед, ки имрӯз ниёз доранд ба кӯмаки шумо?!

Чаро ин матлабро навиштам? Зеро ин миллату ин фарҳанг ба қавитар пуштибоне бидуни зиёии бе ҳеҷу бе чизу бе пушту бе панаҳ ниёз дорад. Зеро дилгир шудаем, аз шунидани сухани шикамғафсе а ля «миллатро эҳтиёт кунед…».

Ва ахиран! Шояд амре дар ин маврид аз боло садо диҳад? Зеро гуфтаанд:

*Адаб шарт аст, агар фарзанд шӯх аст,*
*Саги девонаро дору кулӯх аст!*

Миллатро бояд бонкдорҳову сарватмардон ва мардони курсӣ дифоъ кунанд. Интеллигенсия солдат аст ва сарбози гуруснаву бараҳна ва бе силоҳ дар набарди фарҳангӣ ба чӣ кор ояд?

***СССР (№13) 4.12.2008***

## Мушти 7

# МИЛЛАТ ВА ДУРӮЯГӢ

***Ва акнун ёд оред, соли 1992-ро, ки аз 2 ҷониб 1 миллат, бо 1 такбири «Аллоҳу Акбар» миёни ҳам ҷангид.***
***Дурӯг аст ин, ки Кӯлобро Мулло Ҳайдар ба шӯр наоварда буду Мулло Нурӣ дар ангезиши сокинони Қӯргонтеппа даст надоштанд!***
***Фронти халқӣ низ барои идеяҳои мазҳабии худ меҷангид, чун гуфта буданд, ки ҷониби муқобил ваҳҳобианд ва исломиҳо низ бо ташвиқи муллоҳо барои мазҳаб ва исломи ноб муҷангиданд.***
***Шоҳид мехоҳед? Аз 7 млн. Тоҷики имрӯза 6 млн. нафараш гувоҳ аст. Ин ҷанг аз хотири мо зудуда нашудааст.***

Вақте ки президент перомуни эҳтимолияти хатару низои мазҳабӣ дар кишвар бонги изтироб мезад…

Воқеан ҳам паёми табрикии президенти кишвар дар арафаи иди Қурбон малеҳтар нависем, андешабарангез буд. Кӣ ва чигуна ин хатарро эҷод кард? Кӣ ва чигуна ба мазҳабу равандҳои махуф ва иртиҷоӣ минбару тавони рушд дод? Кӣ ва ЧАРО хост, ки ин равандҳо реша давонанд ва барои 1 давлати демократӣ ва дунявӣ хатарзо шаванд? Ба решаи ин дарахти Анчар кӣ об мерехт?...

Посух тайёр аст. Мехоҳед бишнавед? МО!

Ба вежа масъулини амнияти идеологии кишвар ва журналистикаи Тоҷик. Зеро масъулини хамӯш ва журналистикаи пайи дарёфти лаҳми ширадор-лакомый кусок мусоидат кард, ки тамомии равандҳои барои кишвар махуф рушд кунанд.

Ҳатто матбуоти давлатӣ дар ин росто хамӯш буд. Ман бидуни Аҳмади Иброҳим, хабарнигори СССР нафареро на дидаам ва на хондаам, ки ҳадди аққал ҳарфе дар ин росто навишта бошад. Зимнан бармеояд, ки Аҳмад ватандӯстдортар аз ҳар 1 зиёии тарсуи Тоҷик ва дар маҷмӯъ бовиқортар аз тамоми журналистикаи миллӣ будааст. Аз масъулин танҳо талошҳои мушовири давлатии президент Исомиддин Салоҳиддиноврo метавон барчид, ки тани танҳо ба ҳимояи Зиё Абдуллои «кофиршуда» бархоста будӣ…

Хатаре, ки таъкид шуд, сӯи низои байнимазҳабӣ мекашад. Дур намеравем; Ислом Каримов ва Андиҷонро ёд оваред. Ёд овардед? Ва акнун ёд оред, соли 1992-ро, ки аз 2 ҷониб 1 миллат, бо 1 такбири «Аллоҳу Акбар» миёни ҳам ҷангид.

Дурӯғ аст ин, ки Кӯлобро Мулло Ҳайдар ба шӯр



наоварда буду мулло Нурӣ дар ангезиши сокинони Қӯрғонтеппа даст надоштанд!

Фронти халқӣ низ барои идеяҳои мазҳабии худ меҷангид, чун гуфта буданд, ки ҷониби муқобил ваҳҳобианд ва исломиҳо низ бо ташвиқи муллоҳо барои мазҳаб ва исломи ноб меҷангиданд.

Шоҳид мехоҳед? Аз 7 млн. Тоҷики имрӯза 6 млн. нафараш гувоҳ аст. Ин ҷанг аз хотири мо зудуда нашудааст.

Вале тарси усулии мо аз ин нест. Тахминан 7-8 сол муқаддам Сайфиддин Суннатӣ, хабарнигори шинохта 1 бонгаки изтироб зада буд, ки мабод рӯзе дар Тоҷикистон сенарияи «ҷанги 2 динро миёни 1 миллат роҳандозӣ кунанд!». Сайфиддин перомуни фарогиршавии маъракаи таблиғотии насоро ҳарф мезад. Ва мо аз ин ҳушдор чашм пӯшидем. Ҳамонгуна ки дар соли 1991 Аваз Юлдошев, журналисти дигар перомуни хатари «ҷанги исломӣ» бонг зад ва мо ӯро хандидем. Нахандидем? Хандидем; ба завқ! Ва ҳоло шарм медорем, иқрор шавем, ки Аваз дурбинтар аз мо буд. Ҳамонгуна ки Сайфиддин дурбин ҳаст!

Чаро чунин шуда? Зеро Саъдиро нахонда будем:

*Сари чашма шояд гирифтан ба бел,*
*Чу пур шуд нашояд гузаштан ба пил!*

Тарси усулии мо аз он аст, ки на танҳо миёни мазҳабҳо, ки миёни адён-насорову мусалмон низоъ барнахезад.

Тарси мо аз он аст, ки ҳамакнун дар ҶТ миёни равияҳои насоро-католитсизм ва православизм низоъҳо мушоҳида шудаанд!!! Ин низоъ аз интервюҳои ҷонибҳо-пешвоёни куништҳои католитик ва православӣ дар матбуоти кишваре, ки 99% мусалмон аст, ба чашм мехӯрад.

Пас ба ҳукми ҳамон пири хирад Саъдӣ бояд аз ин равандҳо ҷилавгир шуд; чӣ гуна? Ана барои посух бар ин суол масъулини маошхӯр курсиҳо ғасб кардаанд!

Ҷилавгирӣ аз равандҳои махуф ва зиддимиллӣ, ки дар ҷомаи ислому масеҳият ва буддоия зуҳур мекунад, кори ҷонии ҳамин масъулини амнияти кишвар аст, на танҳо аз президент. Барои ҷилавгирӣ аз онҳо бояд машинаҳои таблиғотии онҳоро бе сӯзишвор монд, то моро насӯзанд!

Машинаҳои таблиғотии Ғарб бо шумули радиои Озодӣ ба ин равияҳо минбар медиҳанд. Чаро? Демократия? Номаъқул кардед! Боре зидди ин радио сухане бигӯед ва шумо барои солҳои тӯлонӣ (агар на 1 умр) персона нон грат мешавед. Мисле, ки газетаи СССР шудааст. Аҷиб аст, ки Озодӣ ба таҳририён, салафиён минбар медоду медиҳад. Минбари ҳалоли мубаллиғини насронияку микрофони ин радио шудааст! Кор то ҷоест, ки ин радио ҳатто ба Ҳаракати Исломии Ӯзбакистон минбар медод,… то дар феҳристи террористони байнулмилалӣ ҷой гирифтани ҲИӮ.

Воқеан ҳам дар ақсои олам шояд ягона минбари Ғарб, ки Ҳизб-ут-таҳрирро сафед мекунад–ҳамин Радио бошад. Аз сӯи дигар таи ҳафтаи ахир ин Радио конфликти набудаи миёни Тӯраҷонзодаҳо ва ҳукуматро варам кунонид.

Мӯҳтарам Тӯраҷонзодаҳо! Шумо хубтар аз ман медонед, ки оқибати ин дарёфти «чеҳраи кунҷӣ» ва пӯшиши ҷомаи «қаҳрамони Озодӣ» бар қадди муборакӣ 3 тани шумо чӣ маънӣ дорад?! Шумо хеле мардуми сиёсиед, то ҷое ки ман наметавонам, бигӯям «ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳед» ва нагузоред, ки миллат ба хатаре мувоҷеҳ гардаду боз шумо себурҷаи Бермуд буда бошед…

Ва журналистони Тоҷик! Магузоред, ки рӯи Тоҷик по гузоранду биханданд. Бовар кунед; ягон маошу грант намеарзад, ки шумо пешорӯи ин хатари сунъӣ хамӯш нишинед ва муҳимтар аз ҳама аз майдамаҳалгароӣ бадар оед. Озодӣ «кормушка»-и ҳамаи шумо намегардад: Фикри миллат ҳам кунед! Журналистони мустақиле, ки ҳамсафари президент дар ҳар сафари расмӣ ҳастед; шояд ахиран овоз мебарореед ва ақаллан ҳукуматеро, ки шуморо маъош медиҳад, ҳифз мекунед, агар аз Миллататон дуртар афтодаед???

Ва аз ҳама охир: президентро дар ин набардҳои шадид тани танҳо нагузоред! Ин муроҷиат ба масъулини давлат ва журналистони Тоҷик аст!

Ҳар яке дар ҷои худ фаъол бошем, наҳаросем ва нони худро ҳалол куне(м)д, то ин миллат дигар дучори шикасту рехт нагардад! Нагузоред, ки душманони ин миллат фикр кунанд, ки танҳо президент дар фикри ободии ин миллат асту боқӣ…тарсуҳое ҳастанд, ки бо онҳо чи коре хоҳем мекунем; ё ҳамингунаем?

Ин хеле хатарзо равандест. Танҳо ҳалқабандии мо метавонад, аз он хатаре, ки президенти кишвар дар паёми табрикотиаш дар арафаи иди Қурбон ишора кард, Садди Чиноӣ гузорад.

Илло ҳеҷ амале дигар, хоса таҳмилӣ ва фармонӣ садди роҳи ин хатари овезон будан натавонад. Мо бояд ТАВОНЕМ!

Ва Мо Метавонем!

***СССР (№14) 11.12.2008***

## Мушти 8

# МИЛЛАТ ВА ИЗЗАТ

***Эронӣ ё афгонеро дидаед, ки баро-бари дидани Тоҷики тоҷикистонӣ лабу лунҷро гундаву кунда карда, бо лаҳни мо сухан гӯяд? На дидаед ва ҳам на мебинед. Вале мутаассуф, ҳатто, дар сатҳи академикҳои мо ин гунчалаббикшоии ииииршониву дарӣӣӣ мушоҳида мешавад. Гарав мебандам: Агар дар дилхоҳ диалекти тоҷикӣ Эронро ИИИрон ё Ирун гӯянду «вежа»-ро «виже», «перомуни»-ро «пи-ииромуни» ва г.ҳ., расман аз ин мушти бар даҳони Тоҷикони марказшитоб задаам, пӯзиш мепурсам!***

Хеле аҷиб аст, ки бо собиқаи умри 3000 сола мо то ҳанӯз кӯдакем. Чаро? Зеро дар ҷустуҷӯи бародари бузургем!

Оё боре андеша кардаед, ки чаро баробари дидани русҳо оҷилан русӣ ҳарф мезанем? Не? Пас хӯйи ғуломӣ моро бадар нашудааст, ки андеша накунем, чаро чунин аст?! Ман ёд дорам, ки дар 1 ҷаласаи ҳукумат дар сатҳи хеле оливу хеле баланд 1 чиновники рустабори тоҷикистонӣ аз ҷо бадар шуда, бо президенти кишвар русӣ ҳарф зад. Ҳарчанд суолоти сарвари давлат Тоҷикӣ буданд, ӯ русӣ посух мегуфт. Ва ман қарс задам ба русе, ки дар 1 гӯшаи олами тамоман дигар аз ҳувияти миллии худ фахр дорад ва бо Президенти кишвараш бо лаҳни шевои русии худ ҳарф мезанад. Брависсимо!

Вале мо чӣ? Баробари дидани 1 руси кӯчарӯб дар ҷаласаамон русӣ ҳарф мезанем. Намезанем? Мезанем!

Гузашта аз ин! Оё эрониеро дидаед, ки ба таъбири Сӯҳробшоҳи Фаррухшоҳ «миллиард сол» дар Тоҷикистон зиставу баробари дидани мо даҳону лабро каҷ карда, аз умқи нофто пушти хичак садо баркашида бигӯяд: «Ако, шумоба гап нест, чи хел шуд, ки пеши мо омадед» ва ё «хеле баақл менамоӣ худут»? Нашунидаед ва намешунавед! Вале дилхоҳ олим, забондон, фолклоршинос, чиновники Тоҷик баробари дидани эроние… эҳҳҳ, сар мекунадеее: «бародер, чӣ ҷурӣ шудэээ, ке шимо тешриф овардиииид», ё ин ки «хили оғиле оғилииид» (яъне оқили оқилед!). Ва ё афғонеро дидаед, ки баробари дидани Тоҷики тоҷикистонӣ лабу лунҷро ғундаву кунда карда, бо лаҳни мо сухан гӯяд? Дидаед? Номаъқул кардед! Надидаед ва ҳам намебинед. Вале мутаассуф, ҳатто, дар сатҳи академикҳои мо ин ғунчалаббикшоии иииирониву дариййӣ мушоҳида мешавад. Гарав мебандам: Агар дар



дилхоҳ диалекти тоҷикӣ Эронро ИИИрон ё Ирун гӯянду «вежа»-ро «виже», «перомуни»-ро «пиииромуни» ва ғ.ҳ., расман аз ин мушти бар даҳони Тоҷикони марказшитоб задаам, пӯзиш мепурсам. Ин ҳам дар ҳолест, ки лаҳни Тоҷикии мо беҳтарин, нобтарин гӯиши форсист! Ин форсии тозаи Тоҷикӣ на дар Афғонистон ҳасту на дар Эээрон!

…Stop! Пеш аз оне ки ба ман тамғаи ииироншитобӣ часпонииид, андеша кунед. Андеша кунед, ки чаро забону лаҳни худро мо дар баробари дидани 1 ҳамзабон фаромӯш мекунем? Андеша кардед? Акнун посухро бишнавед: Зеро психология, хӯйи ғуломӣ доред! Чаро доред? Зеро ман ҳич гоҳ аз гӯиши Тоҷикии худ шарм надоштаам ва бо дилхоҳ мухотаб бо шеваи ноби Тоҷикии тоҷикистонӣ гуфтугӯ кардаам, мекунам ва хоҳам кард! Ҳам дар Тоҷикистон, ҳам дар Теҳрону Кобул ва Зобулу Бобул ва ҳам дар Амрикову Аврупо. Зеро ман аз Тоҷик буданам фахр дорам! Ва ҳам хеле мутаассифам, ки аз бародарони бисёр гиромӣ ва забондони худ танҳо аз Мирзо Шукурзода, Абдулқодири Раҳим ва Сафват Бурҳонов ҳамин рафторро мушоҳида кардааму бас! Дигар, билкулл Тоҷик (аз ошноҳои ман!) баробари дидани иииирунӣ 120 км аз лаҳни шевои Тоҷикӣ фосила мегиранд. Гӯё шевае, ки бо он дар хонадону кӯчаву бозор ва корхонаву ҷаласаҳои ҳукумати кишвари худ ҳарф мезананд, палид, хабис, мариз ва полуда бошад!

Ва бо ин ҳама фикр доред, ки иииируниву афғонӣ шумо, яъне моро ҳурмат мекунад??? Неъ ва боз ҳам неъи қоқ!

Маро бисёр хушам омада буд, ки боре дар конфронси матбуотии сарони кишварҳои ҳамзабон ба суоли 1 «рӯзноменигоре ирунӣ» президент Раҳмон посух дод, ки

«Бародар, забони ман аз забони эрониҳои шумо дида, хеле форситар аст!». Ин ғурури миллӣ буд!

Он эронӣ бовар дошт, ки президенти ин кишвар ҳам монандаи кулли академику профессорҳояш пӯзиш хоставу бо лабу лунҷи овезон посух мегӯяд ва бар шеваи эронӣ мадҳ мефиристад. Зеро дар ҳама сатҳ бо ӯ бо гӯиши каҷу килеби ируни ҳарф мезаданд...

Подхолимничествои забониро пеши ҳамзабонон бас кунед, ки обурӯи худро ҳамонгуна, ки дар Русияву Ӯзбакистону Қазоқистон рехтаем, мерезонем! Аз бародарони афғон шеваи фахрро биомӯзед, ки 3 аср аст, дар ҳолати ҷанг қарор доранд, вале барои 1 сафари хидматии ройгон ба кишварҳои ҳамсоя обрӯи забони миллати худро намерезанд:

*Хуни худро гар бирезӣ бар замин,*
*Беҳ, ки оби рӯй резӣ бар канор!*

Бовар кун, хонанда, банда чизе бар зидди шеваи хубу гӯиши шунавидании эронӣ ва ё дарии афғонӣ надорам, ки асоси форсии бузургро таъсис медиҳанд бо шеваи Тоҷикии мо тавъам, албатта! Не ва 100 ҳазор бор не!

Аммо маро чун Тоҷик ҳайратам меояд, ки чаро мо ҳини сӯҳбат бо ҳамзабонон аз гӯиши худ ор мекунем?! Ман дар умри на чандон кӯтоҳу на он қадр тӯлониам, ки 4 қитъаи оламро пай задаам, на дидаам ва на шунида, ки миллате аз гӯиши худ шарм дошта бошад, ки мо-Тоҷикон дорем!

Ҳамзабононро иззат кунед, вале миллати худро дӯст доред! Интеллигенсияи мо пеши ҳамзабонон бо ҳамин дум ликкондан обрӯи миллатро ба оҳистагӣ рӯфтан дорад, ки набояд аз ин раванд чашм пӯшид.



Миллате, ки аз гӯиши худ, шеваи модари худ, ки дар гоҳвора «суруди алла ёр»-аш мехонд, ор дорад, оё сазовори номи миллату соҳиби истиқлолият буданро дорад? Ин суол ба ҳама ҳамватанони ман аст.

Ман усулан ҷонибдори ба алифбои арабиасос (на ниёгон) гузаштани Тоҷикистон ҳастам. Вале! Ғурури ватанпарваронаеро, ки профессор Иброҳим Усмонов дар ин росто дорад, наметавон нодида гирифт. Ӯст, ки худро бо фахр Тоҷик мегӯяд. Дигар кадом академику профессураи мо мисли Усмонов ин фахрро дорад? Воқеан ҳам Иброҳим Усмонов низ дар ҳар дидору ҷаласае, ки дидаам, бо гӯиши тоҷикӣ сухан мегӯяд ва аз ин фахр ҳам дорад, ки ҳалолаш бод! Танҳо дар боло набарчидани номи профессор ин буд, ки ӯ дӯсти ман нест…Кай мо ҳадди аққалл чун профессор Усмонов миллатпараст мешавем? Агар ба ин суоли саҳлу сода посух дода тавонем, истиқлолияту миллати мо гоме ба сӯи абадият мебардорад; ва Мо Метавонем!

***СССР (№15) 18.12.2008***

## Мушти 9

# МИЛЛАТ ВА МАЪРИФАТ

*Мо-мардони кайҳо фарҳанги либоси миллиро раҳокарда, 1 зани варшикастаеро, ки дар дифои фарҳанги миллӣ истодааст, фишор болои фишор меорем, ки либоси миллӣ напӯшад. Боре дар баргузории 1 маъракаи мавсум ба «Таронаи чакан» 1 масъул ба толори чаканпӯшида назар кардаву гуфт, ки кош ҳамарӯза занҳои Тоҷик ҳамингуна либос пӯшанд! Ин масъули хеле баландмақом буд. Ва дар толор бонувон сар аз муовини сарвазир то руасои шаҳру навоҳӣ менишастанд ва куртаи чакан доштанд. Вале баробари анҷоми маърака ҷумла либосеро, ки онҳоро на танҳо зебо, ки ҷавон ҳам медошт, аз бар кашиданд ва шиму пиҷаку юбкаи худро аҷала пӯшида, рангу тобиши «аврупоӣ» гирифта, ба сӯи Душанбе, пойтахти аз фарҳанги либоси миллӣ дуршудаи худ, шитофтанд…*

Агар аҳамият додаед, занҳои Тоҷик басо мардонаву ҷасуртар аз мардони Тоҷиканд! Ва басо зиёд шуда, ки маҳз занҳо аз номуси бадаркардаи мо-мардон пуштибон меистанд. Бовар надоред? Боре ба Русия сафар кунед ва бубинед, ки аз миёни 200 мард танҳо 1 ё 2 зан зидди бедоди боҷгирону марзбонҳои ӯзбаку русу тотор садо баланд мекунанд. Маро аз гӯш ҳич гоҳ садои зане бадар намеравад, ки мегуфт, дар ин миён (Тоҷиконро дар назар дошт) марде ҳаст, ки ба ин дуздон эроде бигирад ва ин ҳамаро бо русӣ ва ба русҳои аэропорти Домодедовои Маскав мегуфт. Ман намегӯям, ки аз мардон кӣ ӯро пуштибон шуд, ки хонанда муаллифро дигар хел мефаҳмад…

Аммо сухан сари номуси миллии зани Тоҷик меравад ва фарҳанги миллӣ. Гарав мебандам, ки агар бонуи Тоҷикро расман аз рӯсарӣ (на сатр, ки рӯймоли сар) манъ мафармоянд, ӯ, зани Тоҷик ба ҳич ваҷҳ онро, рӯсариро аз сар нахоҳад гирифт.

Хеле аҷиб аст, ки дар даврони шӯравӣ, табъизи болшевикӣ ва тантанаи атеизми коммунистӣ зани Тоҷикро бе рӯймол накарданд, ки имрӯз маорифи кишвар духтараконро кардааст. Мегӯед, ки маориф ин корро накардааст? Кардааст! Зеро расман дар ҷое сабт нест, ки рӯймоли гулдухтари Тоҷик ҷузъи либоси мактабист! Дар дилхоҳ мактаб кӯдакро бо рӯсарӣ ба дарс роҳ намедиҳанд. Ман, шахсан худам борҳо духтарамро бо рӯймол ба дарс роҳӣ кардам ва бо чашмони ашколуд баргашт, ки роҳаш надодаанд!

Ман ҷонибдори униформаи ягонаи мактабӣ будам, ҳастам ва мемонам. Вале рӯймол бояд ҷузъи ҳамин униформа буда бошад. Зеро зани Тоҷик ҳич гоҳ фарангиву сатри арабӣ дар сар надошт; ҳатто дар замони турктози арабҳои Қутайба, ҳамонгуна ки ҳич гоҳ сари луч ба дарс намеомад, дар даврони репрессияҳои сталиниву хрушевӣ! Пас чаро имрӯз мо зани Тоҷикро аз ин рӯймол, ки ба таҳқиқ ору номуси ӯст, маҳрум кунем?

Бо ин ҳама ҷилавгирӣ зани Тоҷик рӯймол аз сар намегирад. Ва ин ҳатто эътироз ҳам нест. Ин ифтихор аз тоҷикияти зани Тоҷик аст!

Дар вохӯрие зани президентро бо рӯймол дидам! Зиҳӣ иффату номуси бонуи Тоҷик. Бовар кунед, ӯро касе маҷбур накардааст, ки рӯймол бубанд. Баракс, маҷбур ҳам кунанд, ки мабанд, хоҳад баст! Зеро барои зани Тоҷик рӯймол гунае аз номусбардорист! Ва бонуи №1, хонуми президент сабт кард, ки умре бо занони Тоҷик буд ва мондааст! Ман шакке надорам, ки дар хона ин бону умуман либоси миллӣ мепӯшад ва хуб ҳам мекунад! Зеро зани Тоҷик баномустар аз марди Тоҷик аст!

Ва ин мо-мардонем, ки «худогоҳона» кулоҳчаҳои сафеду сиёҳи туркии кокулчадор, арақчинҳои а ля ҳоҷигии арабии «made in China» бар сар дорем. Зеро фахр, ки дар ақл нест, косаи сари тиҳиро бо кулоҳҳои ғайримиллӣ мепӯшонем. Ва бо ин кулоҳчаҳои хориҷӣ, ки ҳадафи усулиашон аз миён бардоштани фарҳанги либоси мардона аст, аз паи муллоҳои аммомадор, ки моли аъроб на, ки бодиянишинони турку муғулу арабу яҳудӣ низ ҳаст (дифоъ аз боду борону нури офтоб ҳини чаронидани гӯсфанду шутур!), намоз мегузорем. Ва намедонем, ки ҳувияти миллии моро аз сар бурдан доранд! Ва чун он, яъне сар, аз ин, яъне ҳувият орӣ мегардад, мо аз миллат ба қавму қабила ва маҳаллу гузару кӯча табақабандӣ мегардем.

Имрӯз бар сар гузоштани тоқии чакани кӯлобӣ, бадахшиву раштӣ ор шудааст. Чаканбарсарро на танҳо авом, ки муллоҳо низ мазаммат мекунанд, ки а ля фулон

араб дар фулон аср ин кулоҳро дар сар надошт… Дуруст аст, ки надошт, зеро фарҳанги чакан надошт!

Ва бо ин ҳама 1 зани варшикастаеро, ки дар дифои фарҳанги миллӣ истодааст, фишор болои фишор меорем, ки либоси миллӣ напӯшад. Боре дар баргузории 1 маъракаи мавсум ба «Таронаи чакан» 1 масъул ба толори чаканпӯшида назар кардаву гуфт, ки кош ҳамарӯза занҳои Тоҷик ҳамингуна либос пӯшанд! Ин масъули хеле баландмақом буд. Ва дар толор бонувон сар аз муовини сарвазир то руасои шаҳру навоҳӣ менишастанд ва куртаи чакан доштанд. Вале баробари анҷоми маърака ҷумла либосеро, ки онҳоро на танҳо зебо, ки ҷавон ҳам медошт аз бар кашиданд ва шиму пиҷаку юбкаи худро аҷала пӯшида, рангу тобиши «аврупоӣ» гирифта, ба сӯи Душанбе, пойтахти аз фарҳанги либоси миллӣ дуршудаи худ, шитофтанд…

Садри осорхонаи ноҳияи Данғара, Бозор Муродов боре дар сӯҳбат ба ман таъкид кард, ки то чакану атлас ба мактаби миён роҳ наёбад, бонуи Тоҷик аз пӯшидани он ор мекунад. Зеро ҳар духтар сар аз 7-солагӣ то 17 ба 1 чиз бовар дорад, либоси модари ӯ либоси мардуд аст; рондашуда аст. Ва пас аз 10 соле, ки ӯро маҷбур кардаем, аз фарҳанги либоси миллӣ, ки ҷузъи усулии фарҳанги миллист, ор кунад, бовар дорем, ки охирон сарбози номуси миллӣ-зани Тоҷик ҳайсияти миллии худро пос медорад??? Ин суол аст, ба дастандаркорони униформаи ягонаи мактабӣ!

*СССР (№16) 25.12.2008*



# Мушти 10

# МИЛЛАТ ВА АНДЕША

***Агар зимоми вақт ба дасти ман замонаке мебуд, Шиносномаҳои дипломосиро лағв мекардам, то депутату дипломату вазирон баробари ҳамватани оддии худ сарҳади Ӯзбакистону Қазоқистону Қирғизистон ва Русияро убур мекарданд ва бо чашми сар таҳқири ҳаммиллатро медиданд…***

Таваккал нар бувад, андеша мода!

Дар Армияи СССР будам ва рӯзе таваккул ба ротае ворид шудам, ки чанд Тоҷик фарш мешуст ва пасисарие бар думбаи худ аз ҳар намояндаи дигар миллату аќвом мехӯрданд. Фаршшӯӣ, касе, ки хизмати сарбозӣ рафтааст, бояд донад, ки барои миллате чун Тоҷик ор буд!

Пурсидам, ки чаро чунин мекунед? Яке гуфт, падарам қабл аз сафар гуфтанд, ки аз андеша кор бигир ва бо касе харҳаша макун, гапи командиратро гӯш кун ва ин ки мешӯям, амри командир аст.

Гуфтамаш, бепадаро! Падари ту аз сари тарси туро гум кардан ин суханро гуфта, вале ту аз тарси чиву кӣ номусатро аз даст додӣ...

Чаро мо миллати пандшунав шудаем? Ва кӣ гуфт, ки пандномаҳои клоссиконӣ шеъри мо барои мо-Тоҷиконанд? Фикр доред, ки бо ин ҳама шӯру шари офоқбарангез шуарои мо моро, яъне худро насиҳат кардаанд? Неъ! Ва 1000 бор не!

Онҳо қавму қабоили степнишин, турку муғулу тоторро сӯи фарҳанги адаб ҳидоят намудаанд, на Тоҷикро, ки худ маҳди одобу хулқу атвори ҳамидааст! Ва ин онҳо буданду насиҳату панди онҳо, ки чингизиёну темурлангҳоро ӯзбакхону манғитиҳоро ахиран сари инсоф кашидаву хӯрҷинашонро аз китф гирифта, шаҳрнишин намуданд! Вале чун мо-бархе Тоҷикони гавҳари мардӣ дар хӯрҷин надошта, бовар кардем, ки ин насиҳат барои мост, он гуна баодоб шудем, ки оҳиста-оҳиста Марву Сарахсу Чочу Ҳуканду Самарқанду Бухороро таслим карда, таслим карда, ба ин рӯз расидем ва агар мабод, марде фарзона, ки номашро намеорам, сари қудрат қарор намегирифт, ин кишварро низ пора мекардем. Намекардем? Мекардем!...

Таваккал надорем, эй миллат, таваккали нар! Вале моломоли андешаи модаем!

Ва бо ин андеша онгуна обрӯи худ назди дӯсту душман рехтаем, ки сафорати Русия дар Тоҷикистон аз сару садои бинг-бингмонанд (на ғиреви шерона!)-и чанд газетаи хусусӣ, ки зиёд не, андаке шуҷоат доранд, бар таҳаййур шудаву дархост кардааст, ки Вазорати Хориҷаи Тоҷикистон даҳони ин газетаҳоро бандад!

Зиҳӣ, сафорати Русия! Бе шӯхӣ ва бе танз! Зиҳӣ, сафорати мардуме, ки моро ҳам ба қатл мерасонад ва ҳам аз эътирози «хирадмандона ва боандешаи мо» нигарон шудааст! Ин шеваи миллатдорист, ки сафорати Тоҷикистон дар Русия бояд омӯзад! Зеро омӯхтан ҳич гоҳ дер намешавад!

Сари бурридаи Тоҷикро дар хӯрҷин ба модари ормонии Тоҷик меоранд ва бар тибқи масали «дузди хубу соҳиби гов» моро муттаҳам мекунанд. Ва хуб ҳам мекунанд. Зеро бовар дорам, ки ҳамон модари тани бе сар дар бағал низ мо-газетаҳои саркашро маҳкум хоҳад кард, ки ҳамин ҳоло, ту-хонанда, ин сутурро хондаву маҳкум дорӣ; бехабар аз он ки рӯзе ҷисми бесари фарзанди туро низ аз Русия хоҳанд овард, агар вазъ тағйир напазирад.

Соли 2004 барои ошноӣ бо қазияи Хуршеда Султоноваи 9 сола, ки қурбони фашистони русӣ буд, озими Санкт-Петербург шудам. Чун хатмуттаҳсили Донишгоҳи ин шаҳрам, ҳамсабақонам, ки унвони генероливу ба масал «новый русский» доранд, маро пешвоз гирифтанд ва сабаби омаданамро пурсиданд. Чун ҳадафамро изҳор намудам, онҳо гуфтанд, ки мо он фашистони ҳаромзодаро, ки боиси бадномии миллати шарифи русанд, боздошт ҳам кардем, вале ягон нота, ягон эътироз, ягон дархосту

талаботу хоҳиш аз ҷониби ягон чиновники кишварат нашуд, то онҳоро ба додгоҳ кашем...

Бо додситони шаҳру адвокатҳо, пулиси криминали ин шаҳри воқеан фарҳангӣ во хӯрдам ва хоҳ бовар кунӣ, хонанда, хоҳ не, талош намудам, то он тоссарони хунхор ҳукм гиранд!

Муҳим нест, ки чанд солу чанд моҳ! Муҳим ин аст, ки мани тамоман ғайрирасмӣ, вале 1 журналисти тоҷикистонӣ тавонистам, қотилонро паси панҷара кашам.

Чаро инро менависам? Барои худнамоӣ мегӯӣ? Намегӯӣ? Мегӯӣӣӣ, зеро Тоҷикӣ ва фикрдорӣ, ки худнамоӣ дорам. Вале дифоъ аз муздури Тоҷик, беҷурбтарин офаридаи Худо дар Русия, ки ҳамсанги ҳатто гурбае нест (!), оё худнамоист? Воқеан ҳам агар умқан ва дарунтар биравем, Хуршеда Юнусовна Султонова Тоҷик ҳам набуд! Ӯ тоҷикистонӣ буд ва муҳимтар маҳз ана ҳамин аст!

Хуб, ҳамакнун биандеш, ки дар паси ин қазия ва садҳо қазияи қатли тоҷикистониён масъуле, чиновнике, мансабдоре, ҳукумати кишвар меистод, кор то ин рӯз мерасид?

Чиновникҳои Тоҷик, ки ба ин кишвари дӯст сафар доранд, боре ҳадди ақҷалл 1 боракак тавассути «паспортный контрол»-и умумӣ фурудгоҳро убур кардаанд? Не! Ва медонед чаро? Метарсанд! Савганд, ки метарсанд, мабод онҳоро «кидат» ва «подставит» кунанд. Вале онҳо худ «кидала» шудаанд, чун ҳаммиллатони онҳоро «подставит» мекунанд. Агар зимоми вақт ба дасти ман замонаке мебуд, Шиносномаҳои дипломосиро лағв мекардам, то депутату дипломату вазирон баробари ҳамватани худ сарҳади Ӯзбакистону Қазоқистону Қирғизистон ва Русияро убур мекарданд.



Чаро ин 4 кишварро? Зеро дар ягон гӯшаи олам, ҳатто, дар қабоили лӯлиёни Руму одамхӯрони Африқо ягон миллатро ин қадар таҳқир намекунанд, ки Тоҷиконро дар ин 4 кишвари ҳамсуду шарики стротегиву дӯсту бародар. Зеро миссияи ин гузаргоҳҳо амдан шикастани ғурури Тоҷикон аст. Ва чун дар марзҳо онро, яъне ғурурро нашикастанд, мехоҳанд номуси моро тавассути нотаҳои сафоратхонаҳои худ дар дили миллат-Душанбешаҳри азиз поймол кунанд. Вале наметавонанд!

...Ҳамакнун дарк кардӣ, хонанда, ки шиори мо чаро чунин аст? Не? Моро бодиву сабукандешу таваккалӣ мехонӣ?

Мо лагад задаем бар андешаи модае, ки обастани тарс бошад ва миллатро ба беномусӣ, заъф дар ирода ва беобрӯӣ раҳнамун аст! Миллион лагад!!!

Мо таваккал бар номус, шараф, виждон ва мардӣ дорем!

Мо Метавонем!

***СССР (№1(17) 1.01.2009***

# Мушти 11

# ЗИЁӢ ВА ФУТУВВАТ

*Кӣ гуфт, ки интеллигент бояд*
*муштзӯр, қавиирода, далер, шуҷоъ,*
*нотарс, шамшерзан, диловар ва озо-*
*да набошад? Медонед хислати киро*
*барчидам? Ориёиро! Оре, ориёиеро,*
*ки мо-интеллигенсияи тарсу бо фахр*
*Соли тамаддунашро соли пор ҷашн*
*гирифтем.*
*Ҷавонмардиву далериву зӯровариро*
*ҳатто коммунистон таблиг мекар-*
*данд ва ҳамдигариро таҳрик медоданд,*
*ки марди мардҳо бошанд…*

*Агар 100 сол зери санг бошӣ,*
*Аз он беҳтар, ки зери нанг бошӣ!*
*(Ҳилолӣ)*

Ростӣ, шахсан ман намедонам, ки кай ва аз ҷониби кӣ интеллигент барои мардум ҳамрадифи тарсу шудааст. Нашудааст? Шудааст, шудааст! Кор то ҷоест, ки мо-интеллигенсия дар бозор, хами кӯчаву паскӯча, дохили мусофирбар таҳқир ҳам шунавем, бо фахр рӯйро дигар сӯ тоб додаву фукро чухт карда, мегӯем:

-Бе фарҳанг!

Ва онгуна аз худ розӣ мешавем, ки гӯё беодобро 100 силливу 200 лагад зада бошем. Ин ҳам дар ҳолест, ки мо бояд шарм кунем. Зеро зери мафҳуми «фарҳанг» тарси худро пинҳон мекунем!

Мо фаромӯш кардаем, ки Тоҷикон аз табори афродеанд, ки асилзодагонаш-зиёӣ, яъне интеллигенташ ҳамеша пештози набардҳо буд. Асилзода чӣ, ки шоҳони мо дар ҷанг нахустин шуда, ба майдон мерехтанд ва даъвии мардӣ мекарданд ва дар ин майдондориҳо авом танҳо дар накши назоратгар буд, ё ҳадди ниҳоӣ силоҳбардор!

Рустами Дастон шоҳзода буд. Сӯҳроб шоҳзода буд. Сиёвуш, ки лашкаркаш будӣ низ писари Кай буд, яъне Шоҳи шоҳон. Исфандиёри Рӯинатан низ аз Каён будӣ. Оё Исфандиёру Рустам наметавонистанд, ки ҷангҷӯву арбадаҷӯеро «бе фарҳанг» хондаву фукро дигар сӯй тоб диҳанд? Суоли матраҳ аст.

Дар Аврупои то авоили асри 20 асилзодагон-интеллигенсия барои 1 ҳарфи хато (таҳқир куҷо?!) муддаиро ба дуэл даъват мекарданд. Ва ин дуэл бидуни ҳувияти мардӣ ва футувват дигар ягон миллату мазҳаб



надошт. Ин буд, ки Пушкини русро Дантеси фаронсавӣ дар пойтахти Русия-Санкт Петербург кушт ва бо сари баланд, бидуни ягон «парвандаи ҷиноӣ» баромада рафт! Аз Пушкин-ку мо интеллигенттар нестем, ба фикрам?…

Воқеан ҳам кӣ гуфт, ки интеллигент бояд муштзӯр, қавиирода, далер, шуҷоъ, нотарс, шамшерзан, диловар ва озода набошад? Медонед хислати киро барчидам? Ориёиро! Оре, ориёнеро, ки мо-интеллигенсияи тарсу бо фахр Соли тамаддунашро соли пор ҷашн гирифтем.

Ҷавонмардиву далериву зӯровариро ҳатто коммунистон таблиғ мекарданд ва ҳамдигариро таҳрик медоданд, ки марди мардҳо бошанд. Беҳуда нест, ки Турсунзода-Қаҳрамони халқи Тоҷик гуфтааст:

*Ҷангҳои болшевикӣ андар ин майдон кунем,*
*Даст агар аз тан биафтад, ҷанг бо дандон кунем!*

Ва ҳам мекарданд охир!

Интеллигенсия бояд ҷасур ва далеру шуҷоъ бошад! Зеро посдори номуси миллат аст. Хоҳ дар майдони ҳарб бошад, хоҳ дар гумруки Ӯзбакистон, хоҳ дар фурудгоҳи Домодедовои Маскаву хоҳ дар Тангеми хатсайри Душанбе-Рӯдакӣ!

Ман на мепарастам, на мефаҳмам ва на дарк мекунаму на мехоҳам дарк кардани, ҷаҳонбинии фарҳангзодаеро, ки аз пуштибонии 1 зани гирифтор, бечораи ҳамёназдастдода рӯ метобад ва ё аз паҳлӯи ҷинояткор, таҷовузгар ва ситамгор бо 1 баҳона – «Ман зиёиям!», фирор мекунад: Зиё нур аст! Ва нур дар чеҳраи тарсу нест!

Вале ман ҳампаҳлӯи он зиёие ҳастам, ки чун Пушкин ба дуэл меравад ва ҳамчун Исфандиёр ба истиқболи марг, сӯи Рустами Дастон мешитобад!

Беномусӣ хоси интеллигенсия нест. Номус таҳкурсии барҳаққи интеллигент буд, ҳаст ва хоҳад монд! Интеллигенсияи тарсхӯрда ягон миллат на дошт ва на дорад; ва ин ки мо пушти пардаи зиё аз таҳқиргарони миллат, душмани худ чашм мепӯшем, хатои фаҳш аст. Интеллигенсияи баномус яке шавед!

…Раҷаби Мирзоро боре аз наздик дидаед? Не? Раҷаб замоне ки хеле ҷавон буд ва бо ҳамин ҷуссаи хурду ҳақир дар авҷи ҷанги шаҳрвандӣ 1 гулдухтари бадахширо аз чанголи ваҳшиёни силоҳбадаст, ки мехостанд ба номусаш таҷовуз кунанд, наҷот дод! Бе силоҳ, аммо бо зӯри иродаи интеллигентӣ ва мушт!

Ана ин аст, интеллигент! Тарсу набояд даъвои зиё дошта бошад! Зеро қудрати мо на танҳо дар илм, фарҳанг, китобҳои навиштаву хондашуда, ки дар зӯри тафаккур, пиндори қавӣ, андешаи ғолиб, тахайюли баору номус бояд бошад, ки ин ҳамаро дар ҷамъ ном Шараф аст!!!

Ҳамон Мирзо Турсунзода буд, ки мегуфт:

*Шараф чизи таҷовузнопазир аст,*
*Ҳар он кас, ки Шараф дорад Кабир аст!*

Таъсири зиёӣ бар мардум хеле қавист ва интеллигенсия набояд ба дили миллат «одоб»-и тарсзои ҳарособастан ворид кунад. Ба ёд оред, ки 1 гуфтаи Лоиқ Шералӣ:

*Таърих гувоҳ аст, ки дар арсаи таърих…*
*Тоҷик ба сари дигаре ханҷар накашидаст!*

Миллатро чанд даҳсола дар рӯҳияи тарсуӣ ва пессимизм «тарбия» намуд. Ва ин ҳам суханони шоире буд, ки ҷасорати ӯро 90 дарсади интеллигенсияи Тоҷик надошт.



Лоиқ ин мисраҳоро аз сари завқ, шӯри илҳом ва талаботи вазн гуфта буд!

Вале мо мардуми насиҳатшунавро Худо дод! Зеро мо аз таваллуд то марг ҳамдигарро насиҳат мекунем: «Гардани хамро шамшер намебуррад»…

…Мебуррад! Савганд, ки мебуррад ва хеле роҳат! Аммо дар ин маврид Лоиқро ёд намеорем, ки гуфта буд:

*Ман ошиқам ба гардани марде, ки бо гурур*
*То зери дор рафтан 100 дор бишканад!*

Миллате, ки интеллигенташ барои ҳифзи шарафи худ ба дуэл намеравад, оқибат надорад!

Зиёӣ бояд пештози миллат дар ҳама ҳолат бошад ва Ватани худро бо килку шамшеру фарҳангу силоҳи атомӣ дифоъ карда тавонад. Чӣ гуна? Ҳамонгунае, ки академик Сахаров кардааст! То интеллигенсия ҷасур нест, таҳдиду таҳқири миллат давом мекунад: Отвечаю!

***СССР (№2 (18) 8.01.2009***

# Мушти 12

# МИЛЛАТ ВА САНЪАТ

*Аз ҳамаи санъатҳо барои мо муҳимтаринаш киност!*

*(В.И.Ленин)*

***...Шукри яҳудиён кунед, ки ҷадди моро ба гунае қаҳрамон метарошиданд. Борис Кимёгаров хидмате, ки барои миллат кардааст, ягон Тоҷик дар тӯли таърихи синематограф накардааст. Кимёгарови яҳудӣ барои сипос аз Куруши Кабир, ки ҳазорсолаҳо қабл, қавми яҳудро аз генотсид наҷот дода буд, ба мо Рустаму Сӯҳроб ва Сиёвуш ҳадя кард! Агар намекард-чӣ? Валлоҳ, ки Шоҳнома на мехондему на Фирдавсиро медонистем, ки кӣ буд!***

*Далерӣ кун, ки майдон аз Далер аст,*
*Агар рӯбаҳ далер афтод Шер аст!!!*

Киноро барои чӣ фикр карда баромадаанд? Барои дилхушӣ? Ба ҳич ваҷҳ! Зеро барои дилхушӣ садҳо навъи санъати дигар ҳаст. Кино гавҳари идеологӣ дорад! Надорад? Дорад!!!

Ёд оред, кинои даврони шӯравиро! Таблиғи ватандорӣ ва қаҳрамонтарошӣ онгуна ривоҷ ёфта буд, ки агар барқ хомӯш мешуд (оре, дар он солҳо 1 бор, ним бор барқ қатъ мешуд дар фосилаи на тӯлонитар аз чанд сонияву дақиқа), мо - пионерони советӣ ҷои Худову Расул ҳадаҳа мегуфтем: Петя Клипов! Павлик Морозов…мадад кунед! Ва аз рӯҳи инқилобӣ, боғурур ва якрави пионерҳои матин илоҷи воқеа меҷустем. Чаро? Зеро кинои советӣ ин нафаронро дар чашми мо қаҳрамон сохта буд. Дар асл инҳо нафароне буданд, ки барои «ғояҳои инқилоб яке ҳатто падари худро фурӯхта буду пасон аз дасти бобояш ба қатл расида (Павлик Морозов)». Ва охири кор… зикри номи онҳо ба мо барқ медод!

Сиёсати идеологии кино ба ҳадде муассир буд ва ҳаст, ки мо то ҳанӯз бобои худро дар симои босмачӣ бад мебинем! Ӯ, яъне ҷадди мо, босмачии дар ҷомаи шабушкин, бӯйин, чашмони хашин, риши ғулӣ пеши назари мо ҷилвагар мешавад. Ӯ дузд аст. Бобои мо! Дузд хоҳад монд, барои мо. Зеро кино ӯро дузд кардааст. Идеология!

Ва шукри яҳудиён кунед, ки ҷадди моро ба гунае қаҳрамон метарошиданд. Борис Кимёгаров хидмате, ки барои миллат кардааст, ягон Тоҷик дар тӯли таърихи синематограф накардааст.

Кимёгарови яҳудӣ, барои сипос аз Куруши Кабир, ки ҳазорсолаҳо қабл қавми яҳудро аз генотсид наҷот дода буд, ба мо Рустаму Сӯҳроб ва Сиёвуш ҳадя кард! Агар намекард-чӣ? Валлоҳ, ки Шоҳнома на мехондему на Фирдавсиро медонистем, ки кӣ буд!

Ҳамин ҳоло ёдам омад, қиссае, ки нақши муассири киноро барои мо равшантар месозад. Соли 1984-86 дар сафи Армияи Советӣ дар космодроми Байконур хизмат мекардем. Дар қисми низомӣ 1 баччаи фархорӣ буд, бо исми Саттор Тағаев. Ӯро русҳо бо насаб Тагай мегуфтанд ва хеле ҷавонмарди ғайюр ва саркашу мардпеша буд-чун ҳама Тоҷики асил ва тақрибан 50% баталони 500 нафара аз ӯ метарсид. Вале рӯзе кинои «Ҷӯра-шикорчӣ аз Минархар»-ро тариқи ТВ намоиш доданд, ки қаҳрамони манфӣ ва марказии он Тагай-босмачӣ буд. Ба ин нақш ҳам ҳунарманд ва ҳам коргардон «ҷонашонро гӯиё ворид карда буданд», ки Тагай мисли дигар басмачҳои шабушкзада неву, ҳамчун ситамгор, вале мардпеша тасвир ёфта буд. Ӯ ҳатто корди ба қафаси синааш задаи Ҷӯрашикорчиро аз қалб кашида мегирифт ва сипас ҷон медод! Хуллас, пас аз намоиши ин филм аз Тагайи ҳамхизмати ман, ки ҳамноми Тагай-басмач буд, ҳамакнун 100% сарбозону афсарон, ҳатто генералитет метарсид! Ин аст таъсири кино ба ҷаҳонбинии мардум. Идеология!

Вале имрӯз, мутаассифона, кинои Тоҷик миллати моро тамоман чумо, тарсу, беандеша ва гирёнчак муаррифӣ дорад. Қаҳрамони №1 барои атфоли Тоҷик кист? Оре! Меҳрубон. Меҳрубоне, ки дар филми «Дар орзуи падар» аз аввал то охир бо чашмони аз алам обӣ пайдо шудаву ҳамонгуна варшикаста дар симои 1 ҷавони дигар моро падруд мегӯяд.

Ҳини намоиши ин филми тоҷикӣ боре ба чашми фарзанди худ назар дӯзед! Дӯхтед? Дидед, чашмони песси-

мистеро, ки 10-12 сол баъд тарсуеро ба кӯчаҳои Маскаву Петербург меандозад??? Дидед-дидед! Ана, инро кинои муосири Тоҷик мегӯянд: а ля тоҷикфилмс продейшн презентс: Ҳувияти миллати тарсу. Дар накш… Идеология!

Меҳрубон дарди бахайр аст. Агар филми «Вақте ки болои шаҳр борон меборид!»-ро марди ҳақиқӣ (кам бошад ҳам якта-нимта мондааст!) бинад, нахустин эҳсосе, ки ӯро, яъне марди асилро фаро мегирад, ин аст, ки ё қуттии ТВ-ро кушад ё қаҳрамони мусбиро.

Бовар кунед, ин қаҳрамонҳо охирон гавҳари мардиро аз таркиби мардони Тоҷик зада-зада мебароранд. Чашмони ҳамон қаҳрамонро дидаед? Ман аз ин нигоҳ назари тарсолудатар дар умрам надидаам! Ва гумони ғолиб аст, ки муаллифини ин намоишномаҳои примитив 1 ҳадаф доранд:

Ба қалбҳои мо тухмаи гавҳари тарсро бебозгашт кишт кардан! Миллатро тарсу намудан! Идеология!

Насозед филмеро, ки миллатро тарсу мекунад. Аз гови бе шиpу шаттазан оғили холӣ 100 бор беҳтар аст!

Ана акнун ёд оред, филмҳои Голливудро! Ба ёд овардед? Фаҳмидед, ки чаро амрикоиҳо худро аз дигар мардуми ақсои олам болотар мегиранду дар Афғонистону Ироқ корнамоӣ доранд? Зеро ин Голливуд аст, ки на танҳо бар қалби амрикоӣ тухмаи мардӣ мекорад, ки бар дили ироқиву афғонӣ донаҳои тарс киштааст! Идеология!

Синематографи фашистӣ-нажодпарастии муосири русиро кадом Тоҷики мусалмон дӯст намедорад? Паааҳҳҳ! Махсусан, «Сармад»-ро, ки ба Тоҷикистону Ченистону Афғонистону дигар …мусалмонистон омада, ҳай мусалмон мекушад, ҳай мекушаде. Завқ мебарӣ. Агар ҳамон замон пеши ту 1 Сармаду 100 ҳамдинат бошаду ту



имкони ихтиёр дошта бошӣ, 100 мусалмонро 1000 тир мезанӣ ва Сармадро наҷот медиҳӣ! Намезанӣ? Мезанӣ, мезанӣ! Савганд, ки мезанӣ охир! Ҳатто Тоҷикро барои Сармад мекушӣ ва хуб ҳам мекунӣ. Зеро бо ин синематографе, ки Тоҷикфилм дораду бо ин чеҳраҳои қаҳрамонӣ-пессимистона-тарсуии ин синематограф Тоҷикро бояд ҳатман парронӣ. Идеология!!!

Синематографи Тоҷик бидуни ҳамон Рустаму Восеъ дигар ягон қаҳрамон наофаридааст!

Воқеан ҳам ҳарчанд Рустами Ватаев абадзинда аст, Восеъи Маҳмадсаид Пиров дар лаҳзаи охир мисли гӯсфанд, бе садо, бе эътироз, бе сухан мемирад. Қаҳрамон набояд ин тавр мемурд. Лозим буд, аххх, как лозим буд, ки Восеъ-фахри Тоҷик аққаллан садое аз қаъри дил чун шери жаён бармекашиду лаънат мехонд душманро ва баъд бо сари баланд сари дор мешуд.

Вале лозим ҳам буд, ки ин миллат дар лаҳзаи охир бо чашми сар бинад, ки қаҳрамонашро турке мисли гӯсфанд, бе садо мекушад; Уххх, как лозим буд!... Идеология!

***СССР (№3 (19) 15.01.2009***

## Мушти 13

# ДРАММАИ МИЛЛАТ

***Мабод, ки фоҷеаи шоми 16.01.2009 бар номаи шаҳрдории мо сабт гардад…***

***…Мо ҳатто маҳофили ёдбуди Ашӯр Сафару Лоиқ Шералиро баргузор намекунем, то…фарзандони онҳо аз куҷое маблағ наёбанду таку дав кардаву барои мо дастурхони пурнозу неъмат наороянд ва чанд шиша коняку водка рӯи он, яъне дастурхон нагузоранд! Дурӯғ гуфтам???***

*Гузашт шавкати Маҳмуду дар замона намонд,*
*Ҷуз ин фасона, ки нашнохт қадри Фирдавсӣ!*
*(Ҷомӣ)*

Шоми 16.01.2009, ҳамон даме ки президенти кишвар перомуни худафрӯзиву ормонҳои миллӣ аз тариқи ТВТ сухан мегуфт, масъулини хадамоти пардохти пули барқи ноҳияи Синои пойтахт хатти симҳои интиқоли барқро ба хонаи шоири мардумӣ, муаллифи «Драммаи Миллат», адиби мариз, Сафармуҳаммад Айюбӣ, ки сангинтарин ҷарроҳиро дар майнаи сар гузаронидаву дар ҳолати хеле ва хеле вазнин бистарист…бурриданд! Бо амбур! Ва ҳатто ба зораву таваллои хонаводаи шоир, ки мегуфтанд, падари бузургворашон мариз асту пул, ки шуд, ҳатман қарзи Барқи Тоҷикро мепардозанд, заррае таваҷҷӯҳ чӣ, ки раҳм накарданд.

Масъулин дар шоми сардтарин шоири мариз ва аҳли хонаводаи ӯро бе барқ, бе гармӣ ва бе рӯшноӣ монданд. Дар маҳаллаи Яккачанор-51 ин шаб қиёмат қоим шуд; қиёмати миллати Тоҷик.

Савганд ба ҳама муқаддасот, ки агар ба ин масъулин пуле медоданд ва ё ин хонаи ягон мансабдор ва ё ҳадди ниҳоӣ кулбаи шоири миллат наву 1 муллои нимчасавод мебуд, масъулин хатти барқро намебурриданд. Аз тарс…

Вале чун хона-кулбаи шоир аст ва ин чанд бефарҳанг медонанд, ки ба доди шоир ва он ҳам ранҷур ва бистарӣ касе на мерасаду на мерасид, барқро бурриданд.

Мӯҳтарам Маҳмадсаид Убайдуллоев! Дастандаркорони ин амали шамрсорро ба муҷозо кашед! Зеро шоир қимате дар ин ҷамъият надошта бошад ҳам одам аст; ва



одамро дар ҷамъияте, ки даъвии мардумсолорӣ дорад, ба ин сон хор намекунандdddd!

Дунё ба ҳоли мо механдад, агар гӯянд, ки дар пойтахти ТОҶИКон шоири ТОҶИКро, ки сахт мариз аст, ин гуна хор кардаанд!

Ман он шом хонаи Устод Айюбӣ рафтам. Шоирро ба бемористон бурдаанд, оҷилан, ки аз сардиву бештар аз дилсардии ҳамватанон дардаш авҷ карда буд. Вале кӯдакони адиб, набераҳои устод, ки умре фахр аз бобои бузургворашон доштанд, дар торикии шаб, чун мусофиракони кӯчаи беинсофии масъулини Барқи Тоҷики н.Сино ларз-ларзон менишастанд. Шамъеро рӯи бистари бобои маризашон фурӯзон гузошта буданд, ба умеде, ки хонаи дили шоир торик нагардад. Вале дили шоир шикаста буд! Дақиқан ва бебозгашт!

… Ин аст қадршиносии миллат аз шоираш! Ба дил гуфтам, агар ин рафторро бо барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ, шоири мардумӣ, соҳибдевон, драмматург, нависанда, мусиқашинос, оҳангдон ва Гули сари сабади Миллат кардаанд, вой бар ҳоли мо-бандагони хокии ин миллат!

Ба ҳурмати Худое, ки моро офаридааст, дилам дар баробари ин амалкарди масъулини Барқи Тоҷик онгуна аз ин ҳукумату давлат монд, ки …ҳатто худам бовар надоштам. Пас ҳар яки мо, сар аз қаҳрамон то беунвон пеши ситами ғайриқонунӣ ва бераҳмии томи масъулини Барқи Тоҷик ҳеҷем? Бовар кунед, ки дар ин сармо, ҳатто фашистон бар дигарон ингуна ситамро раво намебинанд, ки масъулини барқ бар Сафармуҳаммад Айюбӣ раво дидаанд…

Маҳмадсаид Убайдуллоевич, нагузоред, ки солҳо баъд гӯянд, ки ҳини бистарӣ будан, барқи шоири мил-

латро дар замони ҳукмронии фалон давлатмард бурриданду ӯ дар торикӣ азият мекашид ва масъули ин амал бе ҷазо монд…

Воқеан ҳам имрӯз кӣ аз соҳибмиллатон ба қадри шоир мерасад? Кӣ? Нест, надорем, ҳатто 1 нафар, ки дар ғами фарҳанги миллӣ ва афроди фарҳангзой-шоиру нависанда буда бошад!

Мо ҳатто маҳофили ёдбуди Ашӯр Сафару Лоиқ Шералиро баргузор намекунем, то…фарзандони онҳо аз куҷое маблағ наёбанду такудав кардаву барои мо дастурхони пурнозу неъмат наороянд ва чанд шиша коняку водка рӯи он, яъне дастурхон нагузоранд! Дурӯғ гуфтам???

Мо шоиронро ба он ҳадд «иззат дорем», ки билкулл аз Лоҳутии ширинсухан фаромӯш кардаем. Ва медонед чаро? Зеро фарзандони устод дар Тоҷикистон нестанд. Ва чун фарзанд нест-дастурхон нест-спонсори майкашиҳои мо нест=шоир ҳам нест!

Маҳфили адабӣ ва Шаҳномахонии Абулқосим Лоҳутӣ дар Маскав имсол баргузор шуд. Ва медонед чаро? Зеро духтари устод ҳамакнун маскуни Маскав аст ва аз ҳисоби худу такудави наздиконаш ин маҳфилро барои Тоҷикони муқими Русия баргузор намуд!

Мирзо Турсунзодаву Айниро-ку аз хотир бурдаем, чӣ расад бар дигарон?

Ҳабиб Юсуфӣ, парчами идеологияи қаҳрамонофари собиқ абарқудрат - СССР будӣ. Ҳоло куҷост? Оё ӯ фарзанд медошт, фаромӯш мешуд?

Сотим Улуғзода, Ғаффор Мирзо, Боқӣ Раҳимзода… куҷоянд? Дуи аввал, ки фарзандонашон дар Тоҷикистон нест, бо ин иллат, ки дастурхони зиёфати инфиродӣ нест, гумномонд! Боқӣ…

Боқӣ шуароро агар ҷашн ҳам бигирем… дар зод-



бум, маҳаллашон ҷашн мегирем. Зеро маҳалпарастем! Майдамаҳалчигизми мо намегузорад, ки ШОИРи району деҳаамонро фаромӯш кунем…

Мо, ки бонги миллатдӯстӣ мезанем, оё боре бе амри президенту парлумон, ҳукумату колхозу совхоз сари гӯри шоире ҷамъ шудаву шеъри ӯро қироат кардаем?

Мо, ки кундаи сина медамонему миллат мегӯем, 1 бор, аз пеши худ (ҳатто аъзои ИНТ) сари гӯри Турсунзода рафтаву маҳфили шеърхонӣ доир кардаем? Неъ! Мутмаинан мегӯям, ки неъи қоқ! Барои ин амру дастур лозим аст. Гузашта аз ин; Хуб, гирифтем, ки Турсунзода регариву Лоиқ панҷакентист ва Ашӯр Сафар кӯлобӣ… Мо, гулҳои сари сабади миллат зери пайкараи Рӯдакӣ, Сино, Умари Хайём шудаву шеъргӯӣ кардаем?

Ва оё медонед, ки ҳамин русҳо, ки мо пайваста ба ишон тақлид дорем, ҳар сол ҳазорон-ҳазор зери пайкараҳои Пушкину Гогол рехта, ихтиёран, стихиявӣ маҳфили шеъру тарона ташкил мекунанд? Медонем(д). Медонем(д)-у пеши Рӯдакӣ дар 1150 соли дигар намеравем…

Гузашта аз ин; чаро сарватмардону сиёсатмадорон боре аз пеши худ, ҳамту, назди пайкараи Исмоили Сомонӣ нашудаву гулчамбаре нагузоранд ва ёди бунёдгузори давлати Тоҷикон накунанд?

…Метарсам, ухххх как метарсам, ки миллатдӯстдориву тафаххур аз истиқлоли кишвари мо худнамоӣ, ҳубобе беш набошад.

…Шоми 18 январ, 29 соат баъд аз қатъи интиқоли барқ ба кулбаи устод Айюбӣ ин матлабро менавиштаму дар дили шаб бархоста, сӯи хонаи шоир назар кардам: барқ надошт!

То ҳанӯз хонаи устод торикистон буд. Ин лаҳза маро фикре барқосо печид, ки агар Рӯдакиву Сино муосири

мо мебуданд, мо-тоҷикаконе, ки бе талоши ишон ҳуқуқи маънавии миллат буданро на дорему на доштем, барқи онҳоро намебурридем? Намебурридем? Мебурридем-мебурридем;

-ин лаҳза кулбаи торики шоири миллат посухгӯи номи асараш будӣ: Драммаи МИЛЛАТ…

…Воқеан ҳам дар Душанбе ин ҳафта шоири дигар-Хайрандешро 1 масъул аз 1 вагонетка, ки дар он адиб «зиндагонӣ» дошт, ронда буд; қаблан шоирро аз шаҳре, ки маскунаш будӣ, чиновники баландрутбатаре пеш карда будӣ…

*СССР (№4 (20) 22.01.2009*



# Мушти 14

# АДЁН ВА МИЛЛАТ

***Миллати Тоҷик миссияи мусалмонгардонии баргалати аъробро, ки тавассути тег роиҷ мешуд, бар даст гирифт. Шамшери Қутайба накардааст, кореро, ки Тоҷик кард! Таърихи инсоният ёд надорад, ки миллате фотеҳони шаҳру кишвари худро ба дини худ гаравида бошад, ки Тоҷикон қавми тотору мугулро карданд! Яъне онҳо-Чингизу Ҷуҷӣ, Темурлангу Ӯзбакхон онгуна фотеҳ ҳам набуданд, ки таърихи протуркӣ ба мо талаққӣ дорад. Тоҷик дар ягон давр гардан пеши ин қавм хам накардааст ва ин аст, ки мугул дини моро интихоб намуд. Ба масали фаҳмотар Тоҷикон мисли чеченҳои имрӯза буданд, ки ҳарчанд бо шумора (количество) онҳоро мисле, ки имрӯз русҳо чеченҳоро шикастаанд, аммо ба ҳич ваҷҳ фатҳ накардаанд! Мо-Тоҷикон низ ҳамингуна будем, ки чеченҳо ҳастанд… ва ҳамин гаййурӣ, гарданфарозӣ ва фахри миллии мо буд, ки госибон аз пеши худ дини моро пазируфтанд; тақлид бар табори гарданфарози мо карданд!***

*…Доми тазвир макун чун дагарон Қуръонро!!!*

Агар таваҷҷӯҳ кардаед, мо шояд ягона миллатем, ки динро зидди миллату ҳайсияти худ истифода бурдаем. Нафаҳмидед? Мефаҳмонам!

Бо таассуфи барзиёд дини мубини ислом, ки бар тибқи ҳадиси саҳеҳи Паёмбар Муҳаммад (с) ва шаҳодати таърих парчами онро қавми форс, яъне мову ту низ хонанда, дар тоқи олам кӯбидаем, миллати моро хор мекунад; ва мутаассуф дар тӯли 108 соли ахир миёншиканандаи миллат тавассути дин худи Тоҷикон буданду ҳастанд. Боз ҳам нафаҳмидед? Содатар мекунем:

Дирӯз дар 1 мавъиза эшони Нуриддинҷону Ҳоҷӣ Мирзо мегуфтанд, ки бо миллати Тоҷики худ фахр кунед ва аз забони худ бинозед, ки забони аҳли биҳишт аст ва бо тоҷикияту асмои форсӣ онгуна муфаххар буда бошед, ки дигар миллатҳо набудаанд, зеро мо-Тоҷикон миллати баргузидаем!...

Ҳайрон мондед? Бовар надоред? Бовар накунед!

-Зеро ин мавъизаро дар 108 соли дигар ҳам намешунавед!

-Зеро аз дин такя бар миллат гузоштан ба шаби хоби муллову воизи мо намеояд!

-Зеро муллову воизи мо онгуна ба фикри ухравият фурӯ рафтаанд, ки гумон доранд, миллатро ҷонибдорӣ, ки карданд, ҳадаҳа фариштагон ӯро бардошта, рост ба ҷаҳаннам мебаранд!

Аммо ҳар рӯз мешунаве(м)д, ки номи Рустам маҷусист ва Сӯҳробҳову Ҷамшедҳо номашонро иваз намудаву зани худро аз дигар никоҳ бубанданд (бо исми Асаду Муртазову Ҳурайра-дар тарҷумаи таҳтуллафз Шеру гурбаву…) ва Гулу Ситораву Моҳҳо-Фотимаву



Зӯҳро шуда, бо шавҳар дигар ақд бубанданд, ки номҳои ғайримусалмонӣ доштаанд. Ва ин ҳама бехирадгуфторӣ дар ҳолест, ки воқеан ҳам забони мо забони аҳли биҳишт аст ва чун забон биҳиштист, номҳо, гуфторҳо, лаҳҷаҳо, шеваҳо ва ҳатто зану кӯдаки мо, ки муллоҳо ҳар рӯз аз номи мо онҳоро талоқ додаву валадуззино ҳукм кардан доранд, биҳиштианд ва миллати мо низ, ки воизин миссияи Худои бахшояндаву меҳрабонро гирифта, онро, яъне миллатро кофиру дӯзахӣ ҳукм кардан доранд, низ биҳиштист!

Нест муллое, ки фахри миллиро бо дини мубини мо васл карда бошад! Умуман нест, охир!

Ёд оред, 1 суоли авоили асри 20-ро, ки миллионҳо нафар Тоҷики хомеро, ки низ ваъзи муллоҳои хоми имрӯзаро мешунавиданд, тавассути он ӯзбек бароварданду Бухорову Самарқандро дар номнависии нахустини шӯравӣ чигуна расман ӯзбекнишин карданд. Суоли масъулин ин буд:

-Мусалмонӣ ё Тоҷик???

Табиист, ки ҳар Тоҷик мегуфт, алҳамдилуллаҳ, мусалмонам! Ва ӯро ӯзбек сабти ном карданд. Буданд, афроде, ки мегуфтанд: «Тоҷики мусалмон». Вале чӣ каме! Мисли имрӯза ангуштшумор Тоҷике, ки ба ҳамин суол посух гӯяд:

«Тоҷики мусалмон».

Аз 90% Тоҷик бипурсед, ки миллати кистӣ, мегӯяд миллати мусалмон. Ва хато ҳам намекунад. Хато ин ҷост, ки мубаллиғини зиддитоҷикӣ аз синониму омонимҳамсадоӣ ва ҳаммаъноии калимаи «миллат» суистифода бурда, рахна бар ҳайсияти миллат мезананд: Варианти зомби!

Ва ин аст, ки бо таассуф, дин дар тӯли 108 соли ахир

бар зарари миллат буд. Дар ин муддат дар зерҳимояи синонимизм (ва сионизм) варианти Миллат бар алайҳи ҳувияти миллӣ кор кард. Идеология!

Ва хеле ҳам шок мешавӣ, чун дар авоили асри 21, 100 сол муқаддам мебинӣ, ки бо ҳамон шеваи порасра муллову воизин варианти тафриқаандозии вожаи миллатро дастак кардаанд: Ба гузаштаи ҳавлнок бармегардем?!

Дар тамомии мавҷудияти бани Одам динро миллатҳо барои таҳкими қавм истифода кардаанд:

-Бани Исроил аз кеши худ ҳамчун ҳифозатгари ҳайсият кор гирифт. Яҳудӣ усулан миллат аст ва Таврот паспорти ин миллат!

-Ва ҳам ин Насрония буд, ки миллатҳо дар Аврупо шакл гирифтанд, ваҳид шуданд ва бар ташаккули андешаи миллӣ даст ёфтанд, ки то ба ин мартаба расиданд (воқеан ҳам ваъзи муллоҳои имрӯзаи мо Инквизитсияи асримиёнагии Насронияро ба хотир меорад, ки онаш бар зидди ҳама пешравиву пешбарӣ буд ва инаш мутаассифона ҳаст-замони ҳозираи давомдор!).

-Дини мубини Ислом низ миссияи шаклсозии миллат дошт ва ин Ислом будӣ, ки ақвоми хайманишини степгард миллат шуданд.

Нашуданд? Шуданд, шуданд! Қабоили кӯчиро танҳо Ислом миллат кард. Зеро то ин дам ҳар яке худоеву оину кеше дошт ва дар хаймаҳои худ бар парастиши онҳо банд буд. Ва онҳоро кӣ ваҳид кард? Миллати Тоҷик, ки миссияи мусалмонгардонии барғалати аъробро, ки тавассути теғ роиҷ мешуд, бар даст гирифт. Шамшери Қутайба накардааст, кореро, ки Тоҷик кард! Таърихи инсоният ёд надорад, ки миллате фотеҳони шаҳру кишвари худро ба дини худ гаравида бошад, ки Тоҷикон қавми тотору муғулро карданд! Яъне онҳо-Чингизу Ҷуҷӣ, Темурлангу Ӯзбакхон онгуна фотеҳ ҳам набуданд, ки таърихи протуркӣ ба мо талаққӣ дорад. Тоҷик дар ягон давр гардан пеши ин қавм хам накардааст ва ин аст, ки муғул дини моро интихоб намуд. Ба масали фаҳмотар Тоҷикон мисли чеченҳои имрӯза буданд, ки ҳарчанд бо шумора онҳоро мисле, ки имрӯз русҳо чеченҳоро шикастаанд, аммо ба ҳич ваҷҳ сифатан фатҳ накардаанд! Мо-Тоҷикон низ ҳамингуна будем, ки чеченҳо ҳастанд… ва ҳамин ғайюрӣ, гарданфарозӣ ва фахри миллии мо буд, ки ғосибон аз пеши худ дини моро пазируфтанд;

Тақлид бар табори гарданфарози мо карданд!

Ва ин ки мо имрӯз варшикастаему тарсу дигар кори дасти идеологияи пантуркиву панославянист…ва мутаассуф, таблиғоти пропаштунизму проарабии муллоҳои мо.

Медонед, ки кай дар асри 21 дин алайҳи миллати Тоҷик равона гардид? Замоне ки Аҳмадшоҳи Масъуди Тоҷик миёни пан-паштунизми фашистмаоби Толибонро мешикаст, дар мадориси Покистон оҷилан мавъизаву хутбаву фатвоҳои зидди Тоҷикӣ роҳандозӣ шудаву бар дасти пештозони идеологияи пропаштунистӣ маҳкам часпонидаву миссионерҳои тафриқаандози онҳо сӯи Тоҷикон роҳӣ шуданд.

Акнун ба ёд биоред; фатвоҳои зиддитоҷикӣ аз забони кӣ садо медиҳанд? Оре, аз даҳони афроде, ки мадориси хориҷаро хатм кардаанд ва ё муршиди ишон аз он сӯ омада…

Вале хатари аслӣ онҳо нестанд. Хавфи усулии миллати мо тарс аст: Тарс аз ҳукми дилхоҳ аблаҳе, ки моро ба куфр муттаҳам мекунад!

Бовар кун, хонанда, ҳамин ҳоло ин сутур менависаму фикр дорам; мабод куфр нагуфтаам? Яъне ман низ

то ҳанӯз хомам ва ҳимоя аз миллатро куфр медонам ва 2 муллои пропаштунист 3 рӯз маро «обработка» кунанд, пагоҳ зидди миллати худ бармехезам: Бо ту бармехезам, хонанда, бо туе, ки то ҳамин лаҳза гиребон гирифтаву тавбакунон матлаберо мехондӣ, ки ягон тафриқа бо динамон надошт. Дурӯғ гуфтам???

*СССР (№5 (21) 29.01.2009*



# Мушти 15

# ТАЪРИХ ВА ТАҲҚИР

***...Подшоҳи мамлакати мо (!) бо Худо ҷангозмо шудаву тахти Аллоҳро гирифтанӣ будааст!!! Имкон надорад, мегӯед? Дорад, дорад ... агар маслаҳатгарат Шайтон, самолетат Каргас, таърихнигорат Юсуфшоҳ Яъқубов, муҳаррири китобат Муҳаммад Ансорӣ, сарпарастат Бонки Умумиҷаҳонӣ, ҳомиат Вазорати Маориф, ношират «Комбинати полиграфии корпоратсияи «Атамура»-и Республикаи Қазоқистон» ва теъдоди нашрат 120.000 нусха бошад!!!***

Илм дар хурдӣ-нақш бар санг!

Таърихи пурифтихори моро, ки ҳамели ифтихороти ҳар миллату қавм мебудӣ, имрӯз таҳриф на, ки таҳқир кардаанд! Бовар надоред? Ман низ бовар надоштам, то замоне ки ба китоби таълимии «Таърихи қадими халқи тоҷик» барои синфи 5, ки бо тавсияи вежаи Вазорати Маорифи кишвар соли 2000 табъу нашр шудааст, назар надӯхтам. Ва хеле аҷиб аст, ки таҳқиргарони таърихи миллат гулҳои сари сабади ҳамин миллатанд ва ҳам Вазорати Маорифаш. Вазорате, ки аз хандахариш шудани МИЛЛАТ дар тӯли 9 сол аст, ки ҷилав намегирад, ба чӣ кор ояд? Ва хатоеро, ки дар китоби мазбур омадаасту дар поин сари он ҳарф мезанем, набояд сабук гирифт. Зеро ин нахустин дастури омӯзиши таърихи миллат аст, ки дастраси кӯдак мегардад ва умре дар тасаввуроти ӯ нақши ногусастанӣ мебандад – нақши таҳқир ва ор аз миллаташ… Зеро ҳамакнун ин таърихро варақгардон карда, ҳатто кӯдакони синфҳои русиву ӯзбакӣ ба ҳоли ҳамсолони Тоҷикашон механданд. Ва ин 1 раванди дилсардӣ ва нанг аз таърихи миллат амдан рӯи кор омадааст, на бо амри тасодуф, ки мутаассуф 9 насли моро миллатгурез кардааст.

Бовар надоред? Пас таваҷҷӯҳ кунед. Чу муште аз хирвор аз китоби «Таърихи қадими халқи тоҷик», ба боби 18, саҳ.59 рӯ меорем.

Подшоҳии Фаридун:

«…вай 600 сол дар мамлакати мо (Тоҷикистон?-ред) ҳукмронӣ кардааст».

…Ҳайрон мондед? Одам 600 сол умр намебинад? Номаъқул кардед! Подшоҳи мамлакати мо бо ин қадду баст метавонист аз ин ҳам умри дарозтар бинад. Зеро… рӯ орем ба сархати 2, банди 1-и китоб (айнан):



«Фаридун паҳлавони бузург: қадаш 27 м(!), паҳнаи синааш 12 м(!!), даври миёнаш 6 м(!!!) ва дарозии суруни пояш 9 м буд»…

Ин ҳарзаро хонда, танҳо аз сарат мегузарад, ки боз ким-кадом ҷояшро ҳам метр накардаанд, то масъулинро ҷазо медод, Фаридун-акомон. Чӣ? Ман майнаи сарро дар назар доштам ва уне, ки шумо фикр кардед, фантазияи инфиродии шумост!

Хуб, суоле матраҳ аст, ки бигирем, ин сафсатта дар замони вазирии Сафаралӣ Раҷабов&Co, ки воқеан ҳам он замон ҳатто мурғони осмон ба ҳоли маърифати маориф мегиристанд, роҳандозӣ шудааст.

Вале чаро Вазорати ҷадид ин китоби тамасхурбарангезро аз истифода барнамедорад? Хонанда фикр дорад, ки шояд сари 1 саҳви техникӣ ё фактӣ ман ин қадар эрод мегирам? Бовар кун, азизам, ки ман то ҳанӯз торҳои асаби туро нохун задан намехостам, вале чун далели бештар металабӣ, пас ин туву он китоби таърихи миллатат, ки то ҳанӯз кӯдакони ману ту аз он сабақ мегиранду аз миллату таърихаш ор мекунанд;

Сархати 3:

«Лашкари Фаридун ҳама буққасавор ва филсавор буд. Дастаҳои Заҳҳок аз девҳо ва унсурҳои бадӣ иборат буд…».

Яъне подшоҳи мамлакати мо (?) бо девҳо ҷангидаву моро аз чанги париву деву дад раҳонидааст. Чигуна наметавон бо ин шоҳи аввалини худ фахр накард!!! Девҳоро шикастааст! Одамчаҳо куҷо? Бигзор дигар миллатҳокӯдакони онҳо ин ТАЪРИХи моро хондаву аз мо тарсанд. Мо буққасуворҳо девҳоя даб-далашона баровардагӣ…

Ва аммо ин ҳарза охири кор нест! Меравем бар боби дигар.

Боби 5. Кайковус. Саҳ.69, сархати 1…

Бихонам? Мехонннеммм:

«Кайковус. Яке аз подшоҳони машҳури силсилаи Каёниён аст, ки гӯё 150 сол ҳукмронӣ карда бошад…».

Бечора хеле бармаҳал гузаштааст, агар бигирем, ки Фаридун 4 баробари ӯ умри тӯлонитар доштаву бо девҳо мечангид. Вале бо дев ҷангидан чист, ки ин подшоҳи мамлакати мо (!) бо Худо ҷангозмо шудаву тахти Аллоҳро гирифтанӣ будааст!!!

Имкон надорад, мегӯед? Дорад, дорад ... агар маслаҳатгарат Шайтон, самолетат Каргас, таърихнигорат Юсуфшоҳ Яъқубов, муҳаррири китобат Муҳаммад Ансорӣ, сарпарастат Бонки Умумиҷаҳонӣ, ҳомиат Вазорати Маориф,ношират «Комбинати полиграфии корпоратсияи «Атамура»-и Республикаи Қазоқистон» ва теъдоди нашрат 120.000 нусха бошад!!!

Хуб, сари сарпарасту ҳомӣ чизе намегӯем, ки намеарзанд. Вале Шайтонро чигуна наметавон ёдовар нашуд, ки воқеан ҳам дар сари кор омадани китоб хидмати ӯ, шайтонбой аз сатри аввал то охир эҳсос мешавад. Хуллас Шайтон!

Боби 2. Сархати 4.

Айнан!!! «Шайтон пеши Ковус омад ва гуфт: Ба девҳо фармон деҳ, то тахти туро ба осмон баранд ва ту ҷои Худовандро ишғол намо. Ковус (естественно-ред!) аз ин гуфтаи шайтон хурсанд шуд, ба девон фармуд, ки тахти ӯро ба осмон баранд, то вай ҷои худоро гирад…».

Ин нутқ ва каломи айнан нақлшуда миёни «ҳокими давлати мо» ва иблис алайҳилаъна аст, ки хонандаи Тоҷик дар асри 21 ҳамчун дастури таълимӣ мехонад! Ва кунун худ қазоват кун, хонанда, ки чигуна бо шоҳони мамлакати худ «фахр» накунем, ки қаддашон аз бинои 9 ошёна баланду қафаси синаашон аз 5 ошёна паҳнтар, сурини пояшон аз бинои Сирки Тоҷик бузургтар будааст ва бо шайтону девҳо сари 1 пиёла чой нишаста, чақ-чақ мекардаанд? Чаро Сирк гуфтем? Зеро таърихи қадимаи моро ба Сирк баробар кардаанд: Клоунада! Масхарабозист ин таърих, на бешу на кам!

Ман ҳоло перомуни Кайқубоду Кайхусрав ва Лӯҳроспу Гаршосп-«подшоҳони мамлакати худамон» чизе намегӯям. Вале агар бисёр мехоҳед, аз китоби «Таърихи қадими халқи тоҷик» дар бораи боз 1 шахсияти таърихӣ ва подшоҳзодаи худакамон 1 пора меорам.

Боби 23, саҳ.75.

Айнан! «Худованд Исфандиёрро чунон офарида буд, ки дар вақти ҷанг танаш ба пӯлод табдил меёфт» (қариб мисли танк!-ред).

Вале ин танк низ охири кор нест! Дар пеши Шоҳзодаи мамлакати мо супер танк-Тигри гитлерӣ номаъқул кардааст, ки муаллиф менависад:

«Ва ҳеҷ силоҳе ба ӯ кора намекард»!

Вале ин таърих аст! Муаллиф бояд дақиқан далел орад, то моро мутмаин кунад ва ҳам меорад!

Боби 23, саҳ.75.

Айнан! «Аз ориёиҳо дар ин ҷанг 30 ҳазор кушта буд ва дар миёни онҳо 1166 нафар паҳлавонони номдор буданд (оморро бинед, оморро!-С.М.). 1040-ро захмиён ташкил медоданд (аз 30000 нафар танҳо 1040 кас захмдор шудааст; дигарон ё мурда ё 100% сип-сиҳҳатанд!-С.М.). Аз турониён 100 ҳазор кушта буд, ки 800 нафари онҳо аз паҳлавонони номовар буданд. 3200 нафар (на каму на беш!-С.М.)-ро захмиён ташкил медоданд».

Хуб хандидӣ, хонанда, бар ин сафсаттаҳо? Дуруст кардӣ! Зеро таърихи ин миллат ба ашкрезӣ намеарзад.

Зеро агар ин таҳқирнома дар замони СССР, ки мо онро маъракаи залиливу хории миллат мехонем, навишта мешуд, бар муаллифу ҳомиву вазоратхонаи маориф Политбюрои вакт 1000 лагад ва дар даврони аморати Бухоро дастандаркорро 75 дурра на камтар мезаданд. Вале дар даврони истиқлолияти комил метавон миллатро таҳқир кард!!! Зеро ин миллат ҳомии воқеӣ надорад-на дар сурати Вазорати Маорифу Вазорати Фарҳанг ва на дар симои Институти таърихи Академияи Улуми ҶТ.

Ин таҳқирномаи таърихи миллат, танзи қасдан бар фарҳанги ориёист, ки ягон раванди зиддитоҷикӣ-на пантуркизму панславянизм ва на панпаштунизм ингуна ин миллатро хору залил ва хандахариши оламиён на карданд ва на тавонанд кард!...

*СССР (№6 (22) 5.02.2009*



# Мушти 16: Нокдаун

# ФАХР ВА АДАБ

***Тафриқаи вожаи «мардум» аз «мард» 2 ҳарфи барзиёдатист (у,м) ва Мард аз вожаи марг бо 1 садо (г) тафриқа дорад! Оре, мард ҳампаҳлӯи марг аст. Зеро марг беҳтар аз номардист. Ва номардӣ, тарс ва ҳаросу андеша хоси мардон нест. 1 ҳарфи охир моро ҳамвора бар гӯш мерасад: «Г» ё «Д»? Мард(ӣ) ё марг...***
***Дар ягон забони дигар будану набудан, далериву шуҷоату тарсу ҳарос, марду марг ин қадар наздик нест, ки дар мост. Ва ҳам вожаи Одаму Адам-яъне нестӣ! Дидӣ, хонандаи гиромии ман, ки ҳатто забони ниёи мо намегузорад, ки лаҳзае гофил бошему тарсуву хоксор?***

(Мехостам, хеле мехостам, ин рингро хатм кунам! Вале!...)

Зафари Сӯфӣ, яке аз дигар камтарин журналистон, ки сахт эҳтиромаш дорам, дирӯз буд, ки мегуфт, муштзанӣ то кай давом дорад? Гуфтамаш: СССР чанд республика дошт? Файласуфона хомӯшӣ баргузид. Оре! 15 республика ва 15 раунд. Инҳо муштҳои бедорӣ буданд, ки ман сари худ, сари ту мекӯфтам, на дигаре ва ҳам хоҳам кӯбид! Эй, ҳаммиллат! Оё бедор будем бо ҳам?...

Ремарк; иллате, ки имрӯз сабаби бардавомии ин муштҳо шуд: айнан:

Бо Сафвату Шаҳрзод 1 филми гиперсирриро тамошо доштем, ки дӯсти редаксияи мо-Гули Зард вориди дафтар шуд ва суол кард, ки чӣ филмест?

Гуфтамаш: Филм барои супердоноҳо!

Очилан тағйир дар чеҳра пазируфт ва пурсид:

-Оё худро хеле доно меҳисобед?

Гуфтемаш: Оре! Супер-доно, гипер-зебо ва гипер-балоид-инсон!

Ба ҳадде ин гуфта писандаш наомад, ки чеҳра барафрӯхту гуфт:

-Маро оини хоксорӣ омӯхтаанд...

Туро чӣ, хонанда? Хоксорӣ-гуфтаанд, ки гавҳари будан аст?

«Вале оё медонӣ, - гуфтем ба дӯсти худ, - ки «хоксорӣ», яъне ба хоку қуму кулӯх баробар будан, миёни миллати моро шикастааст?».

Ту чӣ, хонандаи ман, оё инро медонӣ? Моро сар аз гоҳвора дасту поямонро сахт барбаставу рӯи сиба гузошта, даҳонамонро баста, ҷои аллаё «урррр алла ёёёр» мегуфтанд! Уррр-ҳамон нидои ҳаросбарангези турку муғулҳо буд... Буд, буд! Имрӯз «урра»-и русҳо реша аз ҳамон «уррр»-и муғулӣ мегирад. Ҳарос аз уррр ва уррра рӯи сиба, бо дастони баста ва ин ҳамаро бо насиҳати «хоксор бош» ва афсонаҳои сентимент мепӯшонидем;

аз гаҳвора то гӯр насиҳатшунавем ва хоксорӣ меомӯзем.

Барои дарки решаи ҳарос дар хунамон, қабл аз иншои матлаб, хоҳиш кардам, ки маро гаҳворабанд кунанд ва сахт такон диҳанд; ҳамонгуна ки тифли ғашкардаро: Бовар кун, хонанда, тифл ҳини сахт ҷумбонидани гаҳвора аз кайфияти ҳой не, ки аз тарси афтодан чашм мебастааст у «хоби ноз» мерафтааст! Моро тарс мехобонад ва садои урррр аллаёр...

Миллати чечен кӯдаки наринаи худро то 18 солагӣ силлие намезанад. Аз 18 то 45 солагӣ ӯ дар ихтиёри силлии падар аст. Зеро то 18 солагӣ тарсу ҳарос ёри инсон мегардад.

Акнун ёд оред, ки агар насиҳати хоксорӣ намешунидӣ ва хоксорӣ намекардӣ, чӣ зарбу лате туро ёр мешуд, хонанда?

Ҳини кӯдакӣ қиссае шунидам. Дар деҳаи ҳамсоя 1 Тоҷик писари ҳамсояро, ки турктабор будӣ, барои duздии қамчин шаппотие задаву аз гӯшаш гирифта, пеши падар мебарад. Он турктабор ба Тоҷик мегӯяд:

«Ҳамсоя аспат медиҳам, вале шасти баччаро нагардон!».

Агар Тоҷик мебуд, соҳиби баччаи тозиёнадузд, ба масал қабри писарро меканд ва бо ҳамон ашёи рабудашуда онгуна қамчинкориаш мекард, ки ин зарбҳо аз хотири тифл Айнимасал то рӯзи марг зудуда намешуданду ӯ умре боодоб, хоксор тарбия меёфт.

Хоксор тарбият мекунем!

Эй мардум, эй ҳамватан! Мову ту хоксор нестем! Нест бод хоксорӣ! Зеро ин хоксории бофта будӣ, ки мо диёрро, Ватанро буррида-буррида, тақсим намудаву то кӯҳистон расидем ва агар ин хоксорӣ бо ҳамин вусъат давом кунад, аз ин поракӯҳҳо низ хоҳем монд.

Мо миллате ҳастем: зебо, раъно, барно, баргузида, донишманд, баландрутба ва гавҳардор!

1 бор бар чеҳраи фарзандони худ назар кардаӣ? Мо зеботарин миллатем!

Бар адабиёти худ чеҳра барафрӯз: Мо донотарин миллатем!...

Ва ин ҳама ҳусну ақлу хиради моро кӣ мекушад? Хоксорӣ!

Хоксорӣ, яъне чӣ? Шоир ҳам дорем бо тахаллуси Хоксорӣ, ки ҳатто либоси шинам намепӯшад: Хоксор, охир, ну, просто песок!

Боре бо ҳамин вожа-песок, тарҷума кардем хоксориро. Бародарони рус ҳайрон монданд. Чӣ расад ба амрикоиву аврупоиҳо?

Медонед, амрикоиҳо 1 шиор дар зиндагонӣ доранд; Аз таърифи худ шарм мадор! Оре, шарм мадор, ки дигарон туро ҳаргиз таъриф накунанд ва ё кунанд ҳам, пас аз марг мекунанд. Дидӣ, ки дар ин ҷода низ мо рӯ ба охират дорем? Ва агар рӯ ба ухро дорем, аз фанатҳои Толибону Ал-Қоида, ки худро ба коми оташу об фиганда, шаҳодат мехоҳанду кайфияти ухро, чӣ тафриқае дорад хоксории мо?

Бовар кун, хонандаи ман, ки миллати «хуб-акаву майлаш-уко»-ро касе на дар ин давру на дар дигар замон иззат нахоҳад кард!

Зеро аз хоксории мо бӯи тарс меояд!



Зеро мо дар таки дил мехоҳем бигӯем, бичаспем, талош кунем, қанот занем, дасте ёзем ва пое пеш гузорем... вале наметавонем.

Хоксорем, охир! Фикр дорем, ки хоксорӣ накунем, «Мардум чӣ мегӯяд?».

Мардум ҳич чӣ намегӯяд! Ва агар гӯяд, мардум нест!

Тафриқаи вожаи «мардум» аз «мард» 2 ҳарфи барзиёдатист (у,м) ва Мард аз вожаи марг бо 1 садо (г) тафриқа дорад! Оре, мард ҳампаҳлӯи марг аст. Зеро марг беҳтар аз номардист. Ва номардӣ, тарс ва ҳаросу андеша хоси мардон нест. 1 ҳарфи охир моро ҳамвора бар гӯш мерасад: «Г» ё «Д»? Мард(ӣ) ё марг...

Дар ягон забони дигар будану набудан, далериву шуҷоату тарсу ҳарос, марду марг ин қадар наздик нест, ки дар мост. Ва ҳам вожаи Одаму Адам-яъне нестӣ! Дидӣ, хонандаи гиромии ман, ки ҳатто забони ниёи мо намегузорад, ки лаҳзае ғофил бошему тарсуву хоксор?

Ва агар достонҳои қадимаву афсонаҳои бобову бибиятро шунидаӣ, дар онҳо, яъне афсонаҳо паҳлавонон, ки маъно аз вожаи паҳлавӣ, яъне Тоҷикӣ бардоштаанд, ба майдон шудаву то рӯи кор омадани рақиб худро таърифу тавсиф мекарданд ва оне, ки баъдтар ба майдон мешудӣ, то шурӯи разм худро таърифу тавсиф мекард! Мисли амрикоиҳои имрӯза (1 тасаввур кун, ки Рустами Дастон ба майдон шудаву назди душман хоксорӣ намуда, худро бечораяк, лоуболак, боадабак мехонд, аз ӯву лашкари ӯ касе ҳарос мекард?).

Ҳамон таърифи инфиродӣ буд, ки ҷадди мо оламгир буданд! Мисли Амрико дар даврони мо! Акнун дарк кардӣ, ки хоксорӣ, шикастанафсӣ, бечорагиву бечоранолӣ, ки писанди ҳар Тоҷик аст, усули шикастпазирии мост?

Боз далел мехоҳӣ???

Боре биозмой худро. Гардани каҷу канорашиниро канора гузор ва бираву бо гардани баланд коре кун. Ку, бубин, ҳампаҳлӯҳои собиқат туро бо кадом чашм менигаранд? Оре, бо чашми ҳақорат. Ва акнун бубин, ки то куҷо ва кадом ҳадде муваффақӣ? Дегат ҷои кул қил мегӯяд ва сари дастурхонат нон ҳаст!

Биноан, нест бод хоксорӣ!

Мо миллате ҳастем, чун амрикоиҳо, чеченҳо, русҳо, испаниҳо ва ҳатто болотар аз унҳо; оламгир, осебнопазир ва мардонаву мардпеша!

Дурӯғ аст, ин ки мо умре забткор набудаем ва қаламро бар шамшер тарҷеҳ додаем. Таърихи моро қасдан таҳриф кардаанд, то мо тарсолуда, хоксор бошем. Киновy достону афсонаву повесту румонҳои хоксорона барои мо бофтаанд, то осебпазир гардем!

Миллате, ки шамшерзан нест; қавме, ки тарсолуда аст; қабоиле, ки дурандеш набувад, маҳкум бар марги зудрас аст. Ва мо чун ҳазорсолаҳо дар миёни ақвоми турку тотору муғулу ӯзбаку паштун истодаем, нишон аз хоксориву тарсолудагимон нест. Мо ҳастем, пас мо мардем! Мо мардем-пас хоксор нестем!

Ҳафтаи гузарон дар Маскав будем ва иттифоқ уфтод, ки бо ҷамъи дӯстон ба шаҳр баромадаву ба ресторане ворид гардем. Пешхизмат, ки хандаву бозӣ ва садои баланди моро мешунид, суол кард, ки «Туркед?». Гуфтем, на! Боз пурсид, ки «Эрониед?», боз ҳам гуфтем, на... ва ман ин замон ҳис кардам, ки бародарон аз гуфтани ТОҶИКем андеша доранд (ё ҳарос?!). Баланд, ки ҷумлагӣ бишнаванд. Гуфтам: ТОҶИКем. Он пешхизмат, ки то ин дам худро хитоӣ муаррифӣ мекард, чун гул баршукуфту гуфт: Ман қирғизам-ҳамсояи Тоҷикон...



Ба ҳиҷ ваҷҳ хоксор - песок, мабош, хонандаи ман! Ту ориёӣ, бузургӣ, суперзебо ва гипердоноӣ! Ва ҳамчунин мебош! Мебош, ки хоксориву песокгунагӣ туву маро ба чунин рӯз афгандаанд, ки ҳар мардуми степнишину ақвоми пастфитрат дар марзу буми худ ба иззати нафси мо мерасаду мерасад.

Нест бод хоксорӣ, ки ҳодии мо сӯи маҳв аст!

Нест бод қавми хоксор, ки маҳкум ба хок шудан аст!

Гардан барафроз, қомат буланд кун ва чеҳра барафрӯз, ки мо миллати гарданбаланд, қоматбаланд ва хубчеҳраем:

Мо баргузидаи Худовандем, ки ҳатто забонамон забони аҳли биҳишт аст, чӣ расад ба фарҳангу ақлу хирадамон!

Зиҳӣ, миллати баргузида!

Нест бод хоксорӣ!!!

*СССР (№7 (23) 12.02.2009*

## Мушти 17

# МИЛЛАТ ВА ТАҲЛУКА

***Боре мо бар худ ҳатто суол намекардем, ки агар ҷадди мо тарсу будӣ, пас чаро Чингиз аз сари ғазаб Самарқанду Чочу Бухорову Хоразмро ба замин яксон кардаву ҷои онҳо ҷав корид ва мардонро қатли ом фармуд? Оё ба Чингиз хизматгор, каниз, саису аспбону алафдарав-мардони тарсу нолозим буданд? Албатта, лозим буданд, вале чун ҷадди пурифтихори мо тамғаи канизу хизматгорро набардошт, аз ин рӯ қатли ом гардид...***

*Чунин гӯянд мардони сухандон,*
*Ки бошад ҷанг бо наззора осон!*
*(Фахриддини Гургонӣ)*

Чаро мо аз ҷанг метарсем? Ин суолро ба худ додаед? Додаед, додаед! Дар тӯли 1 моҳи ахир 300 бор бар худу наздикони худ додаед(ммм). Ва ҳамдигарӣ, яъне худро аз қувваҳои ҳарбиву низомии ким-кадом абарқудрати ҳамсояи дуру наздик тарс ҳам додаед(м).

Иншооллоҳ, аввал ин ки миллати мо дубора ба ҷанг дода намешавад, зеро таҷрубаи талхи ҷанги 8 сола дорад;

Дуввум ин ки касе бо шамшер сари мо тохтанист, ҳатман сари хеш бохтанист! Ва ин ҳақиқати куллро дар соли 1998 миллати Тоҷик дар набард бо Маҳмуди Худойбердӣ собит карда буд ва ин аксиома аст:

Мо-Тоҷикон дилхоҳ миллати ғосибандешаро шикаст додаем, медиҳем ва хоҳем дод!

Ва бас аст, тарсонидани мо, аз ҷониби эмиссарҳои дигар кишварҳо! Тоҷик Искандари Мақдуниро дар Суғд шикаст дод, кӯчиёни арабро дар Хатлон онгуна торумор кард, ки 100 соли дигар дар Самарқанду Бухоро мехонданд:

*Аз Хуталон омадия, -*
*Ба рӯ табоҳ омадия.*
*Овор боз омадия,*
*Ҳашан низор омадия!!!*

Ин гимни бедории миллат то имрӯз побарҷост.

Ва ҳам хуҷандиҳо будандӣ, ки лашкари Чингизро торумор карданд, то аз ситами муғулу тотору турк Аврупо ва Русияи имрӯз барои мо кишвари дӯсту шарики



стротегӣ эмин монад.

Воқеан ҳам вақте Темурмалики хуҷандӣ чингизиёнро шикаст медод ва шоҳзода Ҷалолиддин алави чашми тотор онгуна мегирифт, ки онҳо солҳои тӯлонӣ гурдаи убури Ҷайҳун аз паси ӯ накарда буданд, зеро мушти афшондаи шоҳзода қавми муғулро тарсонида буд (воқеан ҳам ин мушти нахустини Тоҷик буд!!!), қаҳрамони Руси қадим-Александр Невский бо кулоҳи мономахи худ аспи набераи Чингизро ҷав медод ва сари зону пеши такрави чингизӣ-асп нишаста буд…

Ва ин ки нависандаи «мумтоз» Г.Ян навишта, ки 1 муғул фармон медоду 100 Тоҷик дасти ҳамдигариро мебасту интизори каллабурии муғул менишаст, «плевок»-таҳқири шовинистонаи урусии ин адиб, ба рӯи миллати шарифу мардонаи мост, ки солҳои тӯлонӣ онро на танҳо таҳаммул мекардем, ки розӣ шудем, бо ин иддаояш, ки мо-падару бобои мо ҳамин гуна тарсу, бегурда ва занмизоҷ будаанд!...

Зеро моро бовар мекунониданд, ки чунинем ва мо бар худ ҳатто суол намекардем, ки агар ҷадди мо тарсу будӣ, пас чаро Чингиз аз сари ғазаб Самарқанду Чочу Бухорову Хоразмро ба замин яксон кардаву ҷои онҳо ҷав корид ва мардонро қатли ом фармуд? Оё ба Чингиз хизматгор, каниз, саису аспбону алафдарав-мардони тарсу нолозим будандӣ? Ҷадди мо тамғаи канизу хизматгорро набардошт ва аз ин рӯ қир гардид. На беҳуда Носири Хусрав гуфтааст:

*Туркон ба пеши мардон, з-ин пеш дар Хуросон,*
*Буданд хору оҷиз ҳамчун зани саройӣ…*

Яъне Тоҷикон тарсуву барда набуданд, аз ин рӯ муғул онҳоро қатли ом фармуд…

…Андар баёни ҷанг ва техникаву тарсу ҳарос, ки моро

бо ҳамин метарсонанд. Танҳо 1 эпизодро қисса мекунам. Вақте ки ҳамон Маҳмуди Худойбердӣ аз ҷониби Турсунзода ба Душанбе юриш мекард, тифоқо, дар ҳайати низомиёни 1 фармонбари Тоҷик, ки мутаассиф, имрӯз зиндонист, барои репорт сафар доштем. Чанд км дуртар аз заводи алюминиюм банохост танкҳои маҳмудӣ пайдо шуданд ва сӯи корвони мо тир кушоданд. Танкҳо 8 адад буданд ва гулдурраси тир гӯшҳо кар кард. Ин замон он фармондеҳи Тоҷик сари чамбари JIP-и худро сӯи танкҳо гардонид ва бо суръати баробар ба 180 км/соат газро зер кард; тамомии кортежи ҳарбиён сӯи танкҳо шитофт. Ин дам 1 фармондеҳи дигар, ки…генерал буду дар озодист ва тифоқо дар ҳамин мошин буд, аз сари тарс доду фарёд баровард, ки «ака, мекушандамон! Бо мошин кӣ сӯи танк рафтааст?».

Нафари сари чамбар гуфт: «Мо-Тоҷикем ва Ватани худро ҳифз дорем: Даруни он танкҳои оҳанин дилу гурдаи Тоҷикӣ нест; ҳоло бубин чӣ мешавад!!!». Ва медонед, чӣ шуд??? Танкистҳои аз ҳуҷуми мошинҳо мутаҳаййир месароғоз 2-3 тирӣ андохтанду…сипас танкҳоро раҳо карда, ПИЁДА фирор карданд!

Чаро инро менависам?

Ба 1 хотир:

Мо миллати ҷангҷӯ нестем, вале 100 баробар беш аз ин тарсу ҳам нестем! Ва оне ки моро метарсонад, миллион бор номаъқул кардааст. Сари ҳар ҷангхоҳ мо 2 ватанхоҳ дорем ва сари ҳар 2 эмиссари тарспароканда 10 ҷасур!

Маҳз ҳамин сиёсати тарспарокандагии эмиссарони дигар кишварҳост, ки мо ба Ватани худ, Миллати худ ва Худ бовар надорем!

Имрӯз ба масали тоҷикона, 1 дари баставу 100 дари боз дар ҷамъияти ҷаҳонӣ мунтазири мост. Ва ин тарси



мост, ки намегузорад, дар тӯли 18 сол боре биандешем, ки НАТО ҳампаҳлӯи мост ва доимо дар орзуи созиш бо мо;

-Радари ОКНО моли ҳалоли мост, зеро моликияти СССР аст ва ба таври автоматӣ мо меросхӯри он, яъне Шӯравӣ ҳастем;

-Армияи Русия гунае аз моликияти мост, ки бо иллати камсаводиву бехабариву умре дар хумор будани Раҳмон Набиев-президенти вақти Тоҷикистон мо 1 техникаи замонавӣ аз он нагирифтем (вале имрӯз бо исми ин майзада кӯчаҳои шаҳрро номгузорӣ кардаем);

-Муҳимтарин ҷузъи зиндагонӣ, ки болотар аз нону газу барқ аст-яъне ОБ ва сарчашмаҳои оби қораи Осиё ба дасти мост, вале РОҒУН сохта наметавонем;

-Шукноб дорем бо конҳои тило, вале қашшоқем…

Зеро андеша дорем, мабодо, агар, шояд, ваҳ-ваҳу воҳу аҳу оҳҳҳҳ!

Биёед, боре аз андешаи хоми тарсолудагӣ бадар гардем, эй мардум! Ку бубинем, чӣ рӯзгоре насибамон мешавад!

Аққаллан 3 сол бидуни тарсу ҳарос гардем; то сохтани НБО Роғун; то барбастани риштаи ногусастанӣ бо ҷаҳони пешрафта-Иттиҳоди Аврупову Амрико; то санҷиши истеҳкоми дӯстӣ бо ҳамзабонон-Эрону Афғонистон пушт бар ину рӯ сӯи дигарӣ кунем, яъне тарсро раҳову футувватро баргузинем! Ва агар бубинем, ки пешравие насибамон нагардид… пас боз 149 соли дигар думболаи Русияву Ӯзбакистону турку тотор хоҳем рафт, тарсону ларзон. Чизе-ку бой нахоҳем дод, охир?!

*СССР (№8 (24) 19.02.2009*

# Мушти 18

# МИЛЛАТ ВА БУМЕРАНГ

***...Замоне фаро расидааст, ки ба НАТО рӯ орем! НАТО дар 2 дунё зидди мо на буд ва на ҳаст! Ине, ки бо Маскав НАТО, Иттиҳоди Аврупо ва дигар паймонҳо адоват доштанд, маҳз ба хотири ба истиқлолият расидани 15 ҷумҳурии собиқ шӯравӣ буд; ва оё мо зидди истиқлолияти кишвари худем, ки то ҳанӯз бо НАТО гургона менигарем? Ташаккур бояд гуфт ба НАТО ва сари таъзим фаровард, ки моро аз ситами русҳо озод карданд. Пас чаро мо бо паймоне, ки пайваста дар талоши озодии мо буд, ҳамкор набошем?***

Дар олами сиёсат миллати содаро намеписанданд. Чӣ сиёсат, ки масали Тоҷикие низ ҳаст, ки содаро ёфтӣ…

Чаро инро менависам? Зеро ҳар баҳор моро фиреб медиҳанд ва мо бовар дорем; бовар дорем, ки ана акнун русҳо барои мо Роғун месозанд; ӯзбекҳо дигар баркро хомӯш намекунанд. Кор то ҷоест, ки бо содагии тамоман ба Тоҷик нораво хурсанд мешавем: Тошканд ба мо газ медиҳад.

О, буродаро! Тошканд газро намедиҳад, балки МЕ-ФУ-РӮ-ШАД! Ва бо нархи $240 сари 1000 метри мукааб. Бо ин нарх ягон кишвар аз Ӯзбакистон то ҳанӯз газ харидорӣ на кардааст ва на мекунад! Русҳо Роғунро на месозанд ва на хоҳанд сохт! Соли дигар барқ дар мавсими сармо боз ба Тоҷикистон интиқол на-ме-гар-дад; агар гашт, гӯед, ки СССР хом аст!...Зеро:

-Ислом Каримов ҳар баҳор моро фиреб медиҳад! Ва инак боз 2 моҳ моро дар сардиву қаҳтиву қиматӣ нигоҳ дошта, эмиссарҳои худро дар таърихи 18.02.2009 ба Душанбе фиристонид, то моро мутмаин кунанд, ки Тошканд хатти маши худро тағйир додаву роҳи дӯстиву рафоқат ва бародариро бо мо меҷӯяд ва…ҳама бовар кардем; ҳатто Сафват!

Аз барои савоб, биёед, мардона иқрор кунем, ки иллати асливу усулии қатъи барқ ва газ дар сардтарин мавсими соли имсолу порсол нобоварии мардумро нисбат ба Эмомалӣ Раҳмон ва ҳукумати марказӣ барангехтани Тошканд буд!

Тошканд маҳз бо ҳамин сабаб 18 сол аст, ки 7 млн. нафарро дар инзивои иқтисодиву иҷтимоӣ ва ситами сардӣ нигоҳ медорад; барангехтани норизоияти мардум бар ҳукумати худ. Ва ҳам бармеангехтанд, агар газетаҳои



озод бар дифои манфиати миллӣ ва ҳукумат барнахоста будандӣ! Ва чун тири Тошканд хато рафт, дарк кард, ки агар Тоҷикистон, ки азоби алими бебаркӣ мекашад, дар оғози кишти баҳорӣ ба «ҳамсояи дӯст» об надиҳад, норизоияти мардуми кишвараш дар нисбат ба худи Каримов бармехезад-эффекти бумеранг! Ва эмиссарҳои тошкандӣ омаданду мо…аккурат, чун Тоҷики асил бовар кардем ба онҳо…

Ҳазрати Ҳофиз мегӯяд, ки

*Эй кабки хушхиром, куҷо меравӣ, биист,*
*Ғарра машав, ки гурбаи обид намоз кард!!!*

Нафаҳмидед? Мефаҳмонам:

Дар мавсими сармои соли 2010 низ боз мо бе БАРҚ, бе ГАЗ ва дар муҳосираи ТОШКАНД мемонемммм!!! 100%.

Аҷобати кор ин аст, ки эффекти бумеранг ёри мост; яъне ҳар баҳор фиреб мехӯрем ва фикр дорем, КИ ФИРЕБДОДАЕМ, НА ФИРЕБХӮРДА…

Агар дар хотир доред, ҳар аввали баҳор бо баҳонаҳои мухталиф;

-профилактикаи обанборҳо;

-ҷилавгирӣ аз садамаҳо ва ҳатто…

-рахна дар садди обанборҳо обро дар мавсими кишту кори баҳорӣ сар медиҳем.

Биёед, 1 бор тоқат карда, лаб бар лаб ниҳода, намоишкорона нишон диҳем, ки мо-Тоҷикон ҳам дандон дорем! Абулмаонӣ Бедили Лоҳурӣ на беҳуда гуфтааст:

*Сахтгӯро сухани сахт ба ислоҳ орад,*
*Чирки пероҳани пӯлод ба собун наравад!*

Ман ҷонибдори зулм нестам. Вале ҳамсоякишвари мо пеш аз он ки ҳамасола шамшери ситам сари мо занаду мезанад, 1 бор дар бадани худ неши сӯзанро бояд ҳатман ҳис кунад! Бовар кунед, ки то Тошканд ин неши сӯзанро набинаду аз доштани дандони Душанбе огаҳ нагардад, ба ҳич ваҷҳ дасти тааррузу ситам аз сари мо барнамедорад!

Гузашта аз ин ОБ барои худи мо лозим аст. Агар нахоҳем, ки ситами бебарқиро дар соли дигар ҳам кашем, Вазорати хоҷагии об ва Вазорати энергетика бояд обанборҳои Норак, Бойғозӣ, Сангтӯдаҳо ва Сарбандро ҳатман то гӯш пур кунад!

Ҳукумат бояд донад, ки косаи сабри халқ гӯша дорад ва рӯзе не рӯзе лабрез мегардад!

Ҳукумат бояд дарк кунад, ки Тошканд қасдан зидди ӯ шӯридаву ҳадафмандона мехоҳад ин коса-косаи сабри мардумро лабрез кунад ва бояд аз тадобири оҷил кор бигирад!

Бас аст, таҳаммули Тоҷиконаи ҳаросбарангез расодалавҳона. Зеро бо ин таҳаммулу сабру ҳарос генофонди миллатро ҳамсоякишвар ҳадафмандона вайрон кардан дорад; имрӯз дар Тоҷикистон ҳазорон кӯдаки иллатӣ аз занҳои сармохӯрда таваллуд шудаву, миллион кӯдаки сармозадаву ваҳмак (иллат торикии шабҳои дарози замистонист!) ба воя мерасанд, ки дар таркиби худ 1001 маразе доранд, ки маншаъ аз сармозадагиву ҳарос аз торикӣ бардоштаанд…

Ситаме, ки Тошканд сари миллати мо дар асри 21 бо блокадаи барқӣ овардааст, қавми яҳуд сари фаластиниҳо накардааст ва чаро мо бояд хомӯш бошем? Аҷиб аст, ки ҳизбҳои сиёсии мо барои пуштибонӣ аз «мардуми азияткашидаи Фаластин» митинг барпо кардаву номаҳои эътирозӣ қабул мекунанд ва маблағҳои ҳангуфт мебанд, вале дар ростои ситами сари миллати худ овезон хамӯшанд: Мӯҳтарам лидерҳои аҳзоби сиёсӣ! Фаластини шумо ин ҷост!!! Фаластин Тоҷикистон аст ва чаро аз 1 гиребон боре сар набарореду бар дифои Ватани худ, Давлати худ, Миллати худ ва зану фарзанди худ садо баланд накунед? Метарсед, ки дар оғози маъракаҳои сиёсӣ ва интихобот ба парлумони касбӣ грант намегиред? Ё иллати дигаре дореду мо намедонем?!

Чаро ин моҷароро расман изҳор надорем ва расман ба Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва СММ мурочеъ нашавем? То кай думболаи Созмону Паймонҳои СНГ, ОДКБ, ЕврАзес ва Шанхай гардем; паймонҳое, ки дар ҳалли қазияи дохилии 2 узви худ расидагӣ надоранд, умуман ба чӣ кор оянд?

Инак, замоне фаро расидааст, ки ба НАТО рӯ орем! НАТО дар 2 дунё зидди мо на буд ва на ҳаст! Ине, ки бо Маскав НАТО ва Иттиҳоди Аврупо ва дигар паймонҳо адоват доштанд, маҳз ба хотири ба истиқлолият расидани 15 ҷумҳурии собиқ шӯравӣ буд; ва оё мо зидди истиқлолияти кишвари худем, ки то ҳанӯз бо НАТО гургона менигарем? Ташаккур бояд гуфт ба НАТО ва сари таъзим фаровард, ки моро аз ситами русҳо озод карданд. Пас чаро мо бо паймоне, ки пайваста дар талоши озодии мо буд, ҳамкор набошем?

Содагии сиёсиро бояд хатм кунем. Хоса имрӯз, ки 18 сола шудем; ба балоғат расидем. Вагарна ҳамон масали дар оғоз оварда, мову кишвари моро то абад думболагир хоҳад монд:

Содаро ёфтӣ, фиреб надиҳӣ, вуболаш мегирад!!!

***СССР (№9 (25) 26.02.2009***

# Мушти 19

# МИЛЛАТ ВА ЭЗОР

*Усулан набарди марду зан дар тӯли асри 20 набарди эзору рони урён будӣ. На бешу на кам! Дар ин доду гирифт, мо фаромӯш кардем, ки озодии зан дар озодии андешаи ӯст. Андеша тавассути дониш, хирад, илму фанноварии ҷадид муяссар мегардад. На бо эзорпартоӣ. Ва ин гиру дор мардро маҷбур кард, ки зани худро паси пардаи бедонишӣ кашад ва бо фатвои 4 тангназари дигар, ки занро қалин гузоштаву нарх мемонданд, зан ба дастгоҳ табдил ёфт-машинаи секс ва таваллуд.*

Шер-шер аст, агар мода в-агар нар бошад! Биёед, 1 бор мардона иқрор шавем, ки чаро сари бонувони Тоҷик мо-мардон даст мебардорем; агар аҳамият додаед, бештар мардҳое сари зан ситамгортар мешаванд, ки табиати заиф доранд. Яъне занро ҳамчун алтернатива, ҳариф ва рақиб дар хона қабул доранд. Рақобат, ки пайдо шуд, албатта, латту кӯб низ роиҷ мегардад…

Боре Сафват Бурҳонов навишта буд, ки мардони аз худ нобовар занро зери фаранҷӣ мекашанд ва шӯру валвала сари Сафват шуд; оне ин шӯрро фиганд, ки мухотаб будӣ. Яъне сухани муаллиф ба ҳадаф расида буд.

Миллате, ки занаш озод нест ва дар баробари мард ҷамъият намесозад, оқибат надорад! Мутаассуф, эмансипатсия ва баробарии сунъии ҳуқуқи зану мард дар даврони шӯравӣ боиси беҳуқуқии бонувони Тоҷик гардид. Шояд ин моҷароро равонпизишкон дурусттар биомӯзанд, ки чигуна Миллате, ки бонувонаш аз қаъри қурун дар паҳлӯи мардҳояш меразмиданд, шоҳ буданд, ҳоким буданд, вазиру маслаҳатгари императорон буданд, бо зан дар набард шуд.

Беҳуқуқии занро аслан бо Ислом рабт додан, камоли бехабарист. Зеро ин паёмбари Худо, Муҳаммад (с) будӣ, ки барои нахустин бор дар таърихи башар бар дифои ЗАН бархост ва ҳуқуқи бонувонро дар Китоби осмонӣ дарҷ намуд. Ва ин ки зумрае аз мусалмонони мо имрӯз занро ба дастгоҳи шаҳват ва машинаи тавлиди Одам табдил додаанд, дурӣ аз Исломи ноб аст!

Дар ягон кишвари мусалмонӣ зан камҳуқуқтар аз мард нест. Зиёд сари ин моҷаро душманони Ислом баҳс доранд, ки чаро марди мусалмон дар биҳишт соҳиби 4 зан буда метавонад, вале мавқеи зан дар биҳишт мушоҳида



нашудааст. Посухи суол хеле саҳлу оддист: Зеро зан худ биҳиштист! Ва ин ки сари ҳар мард 4 зан ҳаст, далели ин иддаост, ки теъдоди зан дар нисбат ба мард 4 баробар бештар аст, дар фирдавси барин!

Бо ҳама иззат аз дастовардҳои шӯравӣ бори дигар мегӯям, ки коҳиши обрӯву мартабаи зан аз ҳамон даврон маншаъ мегирад.

Доштем, 8 март ҳам доштему, маъракаи фаранҷи афғанӣ ва институтҳои такмили ҳуқуқи зан. Вале дар 15 ҷумҳурии бародарӣ чаро 1 хонум котиби аввали Ҳизби коммунист набуд? Ин ҳам дар ҳоле, ки дар Покистони исломӣ зан сарвазир буд (дар кишварҳои зертобеи Англия то ҳанӯз мақоми сарвазирӣ болотар аз президентист). Индира Гандӣ ҳокими Ҳиндустони афсонавӣ буд, то соати фавташ. Гузашта аз ин дар лагери сотсиалистӣ-Аврупои Шарқӣ, Хитой, Вйетнаму Куба зане лидер-пешво набуд. Ё буд?...

Депутатҳое, ки аз замини пахтаву тамоку гирдовар кардаву мандат дода, ба Маскаву Душанбе роҳӣ мекарданд, меҳвари гапу калоча ва анекдотҳои мардумӣ қарор мегирифтанд. Ва маҳз аз ҳамин ҷо реша мегирифт, нобоварӣ ба зани ҳукуматӣ.

Духтарони худро камтар мардони кӯҳистонӣ ба хондан иҷозат медоданд. Ва имрӯз низ ин моҷаро чашмрас аст. Набояд фаромӯш кард, ки миллат ба маънии мардон не, ки мардум омадааст. Ва то ҳар Тоҷик зани худро ҳамҷогаҳ не, ҳамҷода ҳис накунад, миллат дар ботлоқи дармондагӣ дармемонаду бас ва роҳи наҷот надорем дигар.

Имрӯз низ 8 март чун рӯзи озодии бонувон таҷлил мегардад. Бигзор бошад! Ҳарчанд, ки занро қабл аз Капиталу Клара Сеткинаву Роза Лйуксембург Қуръон ва

пайғамбари ислом озод кардаанд.

Хеле шигифтам, ки чигуна озодиро дар он даврон танҳо дар набуди поҷома медиданд: Ин 1 навъ калкаи озодӣ аз русӣ буд. Чун зани рус поҷома надошт, дигар республикаҳо низ бояд бо эзор ҷанг эълон мекарданд. Эзорпартоӣ-фронти зарбдор шуда буд. Агар 1 бор ба газетаҳои солҳои 1970-80-и асри 20 мурури карда, ба акси «намояндаҳои тоҷикистонӣ» дар Майдони Сурхи Маскав назар дӯзед, дар чашми ҳар яки он бечора-говдӯшу пахтачинҳо шармро мебинед; шарм аз ин ки ӯро бо ин ронҳои урён марди номаҳраме хоҳад дид. Ва дар ин гиру дор, марди Тоҷик фикр дошт, ки озодии зан, соҳиби маълумот шудан ҳатман ӯро, яъне занашро бе он, яъне поҷома мекунад.

Усулан набарди марду зан дар тӯли асри 20 набарди эзору рони урён будӣ. На бешу на кам! Дар ин доду гирифт, мо фаромӯш кардем, ки озодии зан дар озодии андешаи ӯст. Андеша тавассути дониш, хирад, илму фанноварии ҷадид муяссар мегардад. На бо эзорпартоӣ. Ва ин гиру дор мардро маҷбур кард, ки зани худро паси пардаи бедонишӣ кашад ва бо фатвои 4 тангназари дигар, ки занро қалин гузоштаву нарх мемонданд, зан ба дастгоҳ табдил ёфт-дастгоҳи шаҳватӣ ва таваллуд. Бубинед, ки ин вожа «қалин(г)» туркист на тоҷикӣ. Маҳр тамоман чизи дигар аст ва қалин рабте ба ашёпарастии ақвоми степнишин ва хаймагузин дорад, на бар фарҳанги ориёно-ҷадди мо. Имрӯз низ эзорпартоӣ ба маънии озодӣ талаққӣ мешавад. Вагарна ягон зани вазифадори эзорпӯшро медидем! Қуттиҳои ТВ аз бараҳнаронҳо пуранд; санъатро дар рони урён дидаем ва ин ҳама тазодд набарди марду занро шиддат мебахшад.

Бо ин ҳама занро андешаи озод боядо. Биёед, дар ин



рӯзи саид, ки 8 март номгузорӣ кардаву онро рӯзи озодии зан муаррифӣ кардаем, ба зан озодии воқеӣ бидиҳем. Тӯҳфа не, зеро тӯҳфа таҳқир аст. Озодии воқеӣ-андешаи озод ва интихоби озод; ва муллову воизин ҳам боре ба зан аз даричаи Қуръон назар андозанд; на аз зовияи ҳавову хоҳишҳои нафси ҳайвонии худ. Зеро сухан ҳамон аст, ки гуфтем:

-То зан дар паҳлӯи мард созанда, сӯзанда ва бунёдгар нест, ҷамъияти рӯҳан фалаҷи мо осебпазир боқӣ хоҳад монд.

Ид муборак, эй ҳаммиллат-зани Тоҷик!...

***СССР (№10 (26) 5.03.2009***

Мушти 20

# МИЛЛАТ ВА МАНСАБ

***Сарафрозии Шерони Хатлон-авлоди мо буди̅, ки лашкари арабро пароканда-ву саркӯб намуданд ва сипас андаряк аз дами шамшери Қутайба гузаштанд ва дини ба зӯровардаро қабул надоштанд, ҳарчанд дини барҳақ буди̅.***
***Ғурури Темурмалик буд, ки нагузошт Тоҷик назди қавми мугул сарафганда бошад ва пас аз фирори шоҳзодагони Хоразм бо хуҷандиёнаш солҳо бо Чингизхон ҳарб мекард ва роҳи тааррузи таторро ба Аврупову Эрон барои муддатҳо бубаст.***

Аз соҳибмансабон шунидаед, ин шиори овезон:

«Миллатро дӯст доред, миллатро!»?...

Зиёд шунидаву мешунавем ин шиорро. Вале «дӯстдории миллат» муҳаббати миллат, яъне чӣ?

Ҳуббулмиллат барои онҳо хамӯшӣ гузидан пешорӯи мушкилоти рӯзафзуни ҷомеа, карӣ назди бедодгарист ва кӯрӣ дар назди чоҳе, ки ишон барои мардум кофтаанд ва ё мекобанд. Кор то ҷоест, ки дилхоҳ матлаб, ҳамагуна интиқодро онҳо «фармоишӣ» меҳисобанд. Бовар кунед, ҳар чиновнике, ки СССР ӯро зери тозиёнаи танқид (чӣ ибораи зебои фаромӯшшуда аз даврони СССР!) гирифтааст, масъулинро ба ҳарос меорад ва онҳо «дӯстона» аз мо хоҳиш мекунанд, ки бигӯем, «закази кист?».

Воқеан ҳам ин соат замоне фаро расидааст, ки ба чиновникҳо расонем: СССР матлабҳои фармоишӣ танқидӣ нашр мекунад! Оре, матлабҳои интиқодӣ «заказной» ҳастанд дигар: Онҳоро аз номи Миллат президенташ фармоиш додааст, то бо фасод, тамбалӣ, бекорӣ ва каммасъулиятӣ мубориза барем. Миллатро раги неш бояд зад, то аз хоб бархезад. Ва мо менависем ва хоҳем навишт!

Вале чиновникҳо…

Дар сӯҳбатҳои зиёд мардуми мо сари моҷарои ба кадом миллату қавм дахл доштани ин ва ё он чиновник кнопкаи Ғ.-гайбатро пахш мекунанд. Бародарон! Чиновник 1 миллат дорад: ЧИНОВНИК!

Дилхоҳ нафаре, ки паҳлӯи мову шумо тарбият дидаву сари 1 табақ бо ӯ нишастаем, 2 рӯз баъд аз мансаб гирифтан тағйир намепазирад? Мепазирад!

Ва медонед чаро? Зеро психологияи ғуломии момиллати озода ӯро ҳамингуна мекунад, ки ҳаст; бари дидани ҳамон дӯсти бо мо баробар оё ҳама аз ҷо ҷаҳидаву пеши ӯ рост намешавем? Оё навбат намегирем (мисли дарвозаи Мавзолей), то ҳамон дӯсти дирӯзаро зиёрат кунем? Оё мошини ӯро дида, даст рӯи сина, то ғайб задани гарди мошин дуқат намеистем? Дар сӯҳбати «баъдимансабӣ» аз ӯ бут наметарошем? Метарошем. Рост мешавем! Навбат мегирем!! Дуқат меистем!!!

Ва дар ин доду гирифт чиро интизорем? Навмансаб тағйир наёбад? Хестед, ки хобед! Бо ин тамаллуқпарвардагӣ мо на танҳо миёни он мансабдор, ки миёни миллатро шикастаем! Ва ин аст, ки он чиновники бечора, навкиса ва навмансаб бовар дорад, ки воқеан ҳам нофи замин ва сутуни миллат ӯст ва танқиди ӯ ба хиёнат ба миллат баробар аст. Бовар надорад? Дорад, дорад! Бе шӯхӣ бовар дорад.

Ва ин ҳам тамаллуқпарвардагии миллатест, ки ин шикастағуруриро ҳич гоҳ надошт; вале ғурур дошт! Ва ҳамин ғурур будӣ, ки мо Искандари Мақдуниро, ки эрониёни ҳамхуни мо пас аз шикасти Доро дигар сари таслим ба ӯ фароварда буданд, қабул надоштем. Ин ҷадди мо-Спитамони Суғдӣ буд, ки то марг ва ҳатто пас аз он бо Искандар ҷанг кард!

Сарафрозии Шерони Хатлон-авлоди мо будӣ, ки лашкари арабро парокандаву саркӯб намуданд ва сипас андаряк аз дами шамшери Қутайба гузаштанд ва дини ба зӯровардаро қабул надоштанд, ҳарчанд дини барҳақ будӣ.

Ғурури Темурмалик буд, ки нагузошт Тоҷик назди қавми муғул сарафганда бошад ва пас аз фирори шоҳзодагони Хоразм бо хуҷандиёнаш солҳо бо Чингизхон ҳарб мекард ва роҳи тааррузи таторро ба Аврупову Эрон барои муддатҳо бубаст.

Ва ҷавонмардиву диловариву сарафгандагии бухориён-бобоҳои мо буди, ки дар набард бо Армияи рус дар авоили асри 20 аз куштаҳо пуштаҳо карданд, ки саворагони лашкари Фрунзе вориди шаҳри Шариф шудан наметавонистанд ва сипас набардҳо ба кӯҳистони Тоҷик зад, ки то соли 1940 дар Мастчоҳу Кӯлобу Ғарм «босмачиҳо»-падарҳои мо фаол буданд.

Ва ин ҳам моем, ки пушти тамаъ бар кадом 1 чиновник хам кардаем?

Бисёр мешунавам, ки Тоҷикеро, ки фахр аз ҳайсияти худ дораду тамаллуққор нест, аз пасаш гӯянд: Характери русӣ дорад!

Эй, бародарон! Ӯ характери русиву туркиву тоторӣ надорад! Ӯ характери тоҷикӣ, мардӣ дорад. Ва ин мо характери русиву туркиву муғулӣ дорем, ки тамаллуқием!

Ва медонед, чаро саркашеро, гарданкашеро, соҳибғуруреро бо ибораи «характери русӣ» номнавис мекунанд? Зеро сари мо бо болғаи идеологӣ мекӯбанд, ки «ту-тоҷикаки асил усулан набояд ғурур дошта бошӣ!».

Гузашта аз ин дар ҷамъияти мо ибораи нохушоянди дигари таҳқиромез роиҷ аст, ки гӯянд: «Тоҷикиаш кардем». Яъне чӣ? Халтураро «тоҷикӣ» мегӯянд. Мегӯянд? Ме-гӯ-еммммм!

Дар авохири солҳои 90-и асри пор ва авоили асри 21 дар Ӯзбакистони ҳамсоя милисаву гумрукиён ин масалро зинда карда буданд: «Худо надод - Тоҷик медиҳад!». Ва медонед чаро? Зеро ме-до-демммм!

Фикр доштему дорем ҳам, ки биё, аз кашмакаши зиёд ҳамин 5-10 сомонӣ додаву равем. Бо ҳамин андешаи хом обрӯи Тоҷикро на танҳо дар марзу буми ҳамсоякишвар, ки дар Русия резондем. Ва барои бардоштани он-обрӯй солҳо боядо, то ақвоми дигар бидонанду дарк кунанд, ки



Тоҷик боғурур, гарданфароз ва сарбаланд аст!

Шахсан боре муаллифи ин сутурро ғайрат даст дод, ки 1 взводи марзбонони ҳамсоякишварро маҷбур кардам, ки биринҷи аз 2 халтаи 1 Тоҷик рехтаи худро дар сарҳад аз замин бичинанд ва дохили халтаҳо ҷой кунанд. Ва дар ин амри хайр маро 1 эшелон Тоҷик кӯмак кард. Ман аз онҳо даъват кардам, ки мард бошед ва аз вагонҳо фароед ва то ин амалро марзбонҳо анҷом надиҳанд, сувор нашавед. Садҳо нафар аз қатор ба замин рехт ва аз тарс афсари ӯзбак ба зердастон амр дод, ки оҷилан биринҷро ғунд овардаву ба халтаҳо ҷой кунанд:

*Мӯрчагон гар бикунанд иттифоқ,*
*Шери жаёнро бидаронанд пӯст!*

Вале медонед, чӣ маро он лаҳза ба ҳайрат оварда буд? На! На, шикасти психологии афсар, ки ингунаҳояшро борҳо шикастаем!

Он Тоҷики соҳибмулк ба ман мегуфт, ки «биё, мон ҷӯра, бало паси он биринҷҳо, саломат равем, ман боз 2 халта ба ту ҳам медиҳам». Он ҳаммиллат намедонист, ки он лаҳза ман аз ӯ не, аз ту ҳам не-хонанда, ки аз худ, яъне аз Миллати худ пуштибонӣ доштам, то бори дигар манҳоро дар ин марз озор надиҳанд…

…Пас метавонем, умед бандем, ки дигар ҳадди ақкалл пеши мансабдорони худ пушт дуто накардаву дар марзҳо сарбаланд буда бошем? Бовар кун, хонанда, ки Мо Метавонем!!! Агар хоҳем…

***СССР (№11 (27) 12.03.2009***

## Мушти 21

# МАОРИФ ВА ЗАБОН

***Ман намегӯям, ки атфол бояд Саъдиву Ҷомӣ, Унсуралмаоливу Ҳусайн Воизи Кошифӣ нахонанд. Не! Баракс; хонанд. Вале набояд забони дарсии кӯдаки Тоҷик, ки дар асри 21-садаи Нано ва Инет ба сар мебарад, забони асрҳои 10-15 буда бошад! Бовар кунед, дар баъзе мавридҳо омӯзиши Нано ва алгебраву химия ва дигар фанҳои дақиқ содатар аз омӯзиши забони Тоҷикӣ барои синфҳои 2 ва 3 шудааст!***

Мушкили рақами 1 дар соҳаи маорифи кишвар мушкили забони китобҳост!

Аҷоиб миллате ҳастем бо ғароиб интеллигенсия, ки дар тӯли 108 соли ахир аз кунҷе ба кунҷе меҷаҳем, мепарем. Оре, мепарем! Дар тӯли 100 соли ахир, ки дигар ақвому миллатҳо технологияи ҷадид кашф кардаву аз Радиову ТВ то спутнику Интернету Нанотехноложиро тасхир намуданд, мо-Тоҷикон ҳадди аққалл забони ягонаи тадрисро барои кӯдаки худ таҳия накардем! Имрӯз алифборо варақгардон кардаву шах мешавӣ:

*Сӯи мактаб мераванд,*
*Мурғобиҳо медаванд?!*

Суол: Кадом мурғобӣ? Чаро мурғобӣ??? Ан-неъ! Қофияро намедонед, мардум, қофияро; танг омадааст. Қофия, албатта. А, шумо чиро дар назар доштед? Вале даву този мурғобиҳои қофиясолор дарди бахайр аст…

Шумо китоби забони модарии баъдазалифбоиро варақ занед, ҳуш аз саратон мепарад. Зеро матнҳое, ки дар китобҳои кӯдак барои синфҳои 1, 2, 3, 4 омадааст, аслан қобили қабули майнаи атфол нест! Акнун дарк кардед, ки чаро аз кунҷе ба кунҷе парвоз мекунем?

Яъне агар дар тӯли даврони шӯравӣ забонро онгуна сода кардем, ки назди ҳамзабонони худ шарм медоштем, пас имрӯз онро, яъне забонро онгуна муғлақ, печида намудаем, ки ба дарки маънии пораҳои дарсӣ атфол сарфаҳм намераванд. Чӣ расад ба ишон, ки фардо билкулл бесавод, бефаҳм ва дуруштдониш ба воя бирасанд? Борҳо муаллимин дар сӯҳбатҳои хоса мегуфтанду мегӯянд, ки забони китобҳои дарсӣ душворҳазм барои атфол аст, вале танҳо дар сӯҳбатҳои ғайбатмасал. Зеро аз



ҳар мударрисе, ки даъват кардаам, ошкор сухан гӯяд, аз тарси бе кор мондан (бо ҳамин маоши кӯчак!) дам фурӯ мебаст.

Эй мударрисин! Шумо гулҳои сари сабади миллатед, зеро дар пояи хиради миллат-кӯдаки манҳо об мерезед. Пас агар тарсуед, чигуна миллатеро ҷасур тарбият кардан тавонед?

Ва аммо баргардем сари забони кутуби дарсӣ: Ин ҳама муғлақгуфториву номафҳумӣ маншаъ аз шӯравигурезии олимони мо мегирад, ки талош кардаанд, «китобҳои нави замонавӣ» барои маориф таҳия карда бошанд. Ин матнҳоро хондаву баъзан ба худ мегӯӣ, ки шояд масъулини маориф худ намедонанд, ки чӣ мехоҳанд?

Зинҳор, аз даричаи дониши худ, ки тӯли 40-50 сол андӯхтаед, сари кӯдакро машғул надоред, ки он воқеан ҳам вайрон мешавад! Чӣ вайрон мешавад? Сар? Неъ. Кӯдак вайрон мешавад. Имрӯз атфолеро, ки ба нохост, ҳамон матни мурғобиҳои давон ва ё Мижгонаҷон-Мижгонаро мебинанд, аз чашм оташи шавқу аз дил лахчаи ностанжи мерезад. Зеро Мижгонаву Мурғобӣ ба диди ӯ, ба ҷаҳони ӯ наздиктар аст.

Ман намегӯям, ки атфол бояд Саъдиву Ҷомӣ, Унсуралмаоливу Ҳусайн Воизи Кошифӣ нахонанд. Не! Баракс; хонанд. Вале набояд забони дарсии кӯдаки Тоҷик, ки дар асри 21-садаи Нано ва Инет ба сар мебарад, забони асрҳои 10-15 буда бошад! Бовар кунед, дар баъзе мавридҳо омӯзиши Нано ва алгебраву химия ва дигар фанҳои дақиқ содатар аз омӯзиши забони Тоҷикӣ барои синфҳои 2 ва 3 шудааст!

Мисол мехоҳед? Мегӯед, ки «чу боре бигуфтӣ, далелаш биёр?». Марҳамат!

Рӯ меорем ба китоби Забони модарӣ (синфи 3):

Дарси 51-52:

«Ҳеҷ кас наметавонист Алиро бо моли дунё гӯл бизанад». Аз чанд хонандаи синфи 3 маънии ин ҷумларо пурсидам, ки яке гуфт, «гӯл задан ба маънии химчакорист», дигарӣ афзуд, «бо гул задан аст». Ва 1 тан ҳам посухи дуруст надод. Ва чигуна ҳам диҳад, ки дар бархе маврид матнҳо на танҳо барои тифл, ки ба мударрисин нофаҳмоанд.

Дарси 93-94:

«Ин тадбири ту аз роҳи дуруст берун аст. Хирадмандон қасди душманро бояд тарзе кунанд, ки дар он хатари ҷон набошад. Зоғ гуфт: Аз ишорати дӯстон гузаштан мумкин нест…».

Хонанда чизеро фаҳмид? Бовар намо, ки мо-донишҷӯён дар дарсҳои матни классикии худобиомурз Шарифҷон Ҳусейнзода низ аз ин матнҳо камтар кор мегирифтем.

Дарси 115-116:

-Муошир, барошуфта, мӯнис, маъвои дигар, бемурувват…кӣ аз калонсолон маънии ин вожаҳоро медонад???

Асҳобу айтому маҷолисро чӣ?

Тирагӣ, адоват, мардумаки дида, соилро чигуна кӯдак ҳазм кунад?

Ва ҳам ин ҷумларо кӣ ва чигуна ба тифл шарҳ медиҳад: «Соиле биёмад дид орзу бурда мегуфт ки аз он чиз, ки мехӯред, ба ман лукмае бидиҳед» (аломатҳои китобатӣ аз матн риоя шудаанд!)?

Мегӯед, тасодуф аст, китоби Забони модарӣ барои синфи 3…

Хуб, рӯ меорем, ба китоби Забони модарӣ барои синфи 4, ки тасодуми зеҳнист.



Дарси 1:

«Баъди сари Исмоили Сомонӣ бегонагон мулки моро соҳиб шуданд…Шукри Худо, баъди ҳазор сол Ватани азизи мо-Тоҷикистон аз нав озод ва мустақил гардид…»???

Дарёфтед, фикри сари миллат борнамудаи пантуркизмро? Китоб ба кӯдаки ману мо мегӯяд, 7 не, 70 пуштат ғулом буду худат ҳам озод буда наметавонӣ! Зеро Миллате, ки 1000 сол соҳибдавлат набуд, ба ҳич ваҷҳ вуҷуд дошта наметавонист ва ин дурӯғи пантуркистонаро маориф бояд раҳо кунад, ки сари ин моҷаро дар дигар гузоришҳо сӯҳбат мекунем. Имрӯз ҳадаф мушкили сунъии забонист, ки аз афзоиши зеҳни тифли Тоҷик амдан ҷилавгир мешаванд. Зеро кӯдаке, ки дар хурдсолӣ ба дарки маънои матнҳо намеравад, фардо аз ин забону ин миллат ор хоҳад кард!

Дарси 7-8:

Камин, тааммул, доми фано, вартаи бало…бо бовар мегӯям, ҳатто филологҳо ин вожаҳоро бе варақгардонии луғат на-ме-до-нанд!

Дарси 12:

«Писараш мақбул ва соҳибҷамол, вале духтараш зишту бадрӯ буд»…ва дар ин матн вожаҳои зишт, мутаассир, мавриди лутф, аъмол, эҳсон…омадаанд, ки аз дилхоҳ кӯдак суол кунед, ба маънии он сарфаҳм намеравад.

Дарси 16:

Туро чӣ муносибат, ки…бо вай дар маҳалли иқомату манзили истиқомат ҳампоя дорӣ?

Дарси 19-20:

Эй ёрон…ин муҷодалаи беҳосилро бугузореду аз ин муқовалаи бефоида даст бидоред.

Дар дарси 26 дар 1 матни санҷишӣ ин калимот ҳаст:

-Нафақот, хазон, нузул, қурбдор, ҷавор, дарюза, ғамза, қилу қол, лайл, наҳор, ғарра, рамз, сабо…

Мард барин, чизе фаҳмидед? Агар ҳа, пас раведу мударриси матни классикии Донишгоҳ шавед. Ва агар фикр доред, ки бо ин муғлақбаёнӣ ба кӯдак хатти савод меомӯзед, миллион бор хато кардаед, мӯҳтарам масъулини маорифи кишвар. Пайваста мегӯем, ки кӯдак дар даврони шӯравӣ босаводу баҳуштар буд. Оре, чунин буд, зеро ба ӯ бо забони сода ИЛМ меомӯхтанд, на мубҳамгуфториву муғлақбаёнӣ!

Кӯдаки имрӯзаи мо дар баробари уқдакӯшоиҳои Вазорати маориф лол мондааст. Ва агар вазъ оҷилан ислоҳ нагаштаву китобҳои дарсии ба ҳуши атфол наздиктар нашр накунем, фардо 1 насли мутлақо бесавод моро интизор аст. Ва ба назар мерасад, ки касе амдан атфоли моро ба ин кӯйи бесаводӣ раҳнамост.

Иван Сусанини насли оянда кист, ки аз синфи 5 ба боло ин матлабҳои миёнификршикани атфол аз китобҳои дарсӣ ғайб задаанд?...

Ва медонед чаро чунин шуда? Мутмаинан, масъулин бар боваранд, ки миёни андешаи тифлро то ин вақт шикастаанд.

*СССР (№12 (28) 19.03.2009*



# Мушти 22

# МИЛЛАТ ВА УНВОН

***Тоҷикон таоруфи ба номи ИНСОН номгузории шаҳру деҳоташонро надоштанддд! Ин фикри хом зодаи тахайюли Тоҷикони имрӯза аст; масъулини номгузории ҷадид дар ин росто бояд аз тадобире кор гиранд, ки ҷои салла калла ба каф нагирем. 1 бор ба таърихи номҳои ҷуғрофӣ назар афганед, эй масъулин: Хуҷанд, Кӯлоб, Балҷувон, Мастчоҳ, Ховалинг, Хоруғ, Дарвоз, Ванҷ, Ашт… Куҷо бо исми одам дучор омадед? Ва акнун 1 ба навоҳии пойтахти ҷоноҷонамон назар дӯзед: Исмоили Сомонӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ…***

*Чу дар бозӣ шуданд он лӯъбатон боз,*
*Замона кард лӯъбатбозӣ огоз…*

*(Низомии Ганҷавӣ)*

Барои аз миён бардоштани миллат бояд унвони шаҳру деҳот, маҳаллу кӯчаву хиёбонҳои онро туркиву русӣ намуд.

Мутаассифона, ин шиор замони ахир ба номгузорӣ-Тоҷикгардонии асмои шаҳру деҳот асар намудааст. Вагарна чигуна фаҳмем, ки номгузории ахирии «ҳукуматӣ» ва аъмоли комиссияи ивазгардонии унвонҳои ҷадид дар кишвар ба 1 амали малеҳтар бигӯем…истеҳзоомез бадал шудааст?

Дар назар аст, ивазгардонии номи навоҳӣ ба унвонҳои нав.

Ба гунаи мисол ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ чӣ маънӣ дорад? Бо ҳама иззат аз шахсияти ахирӣ, ки тани танҳо беш аз 500 млн. нафарро бо амри Илоҳӣ мусалмон намудааст, чигуна метавон номи ин файласуф ва ходими Исломро ба ноҳияе часпонид? Танҳо тасаввур кунед, ки зодаи ин ноҳия худро такрибан ингуна бояд муаррифӣ кунад: мирсаидалиихамадонигӣ, ё ҳадди ниҳоӣ Ҳамадонӣ.

Ва ё рӯдакигӣ, рӯдакичӣ, абдурраҳмониҷомигӣ, носирихусравиён, спитаменчиҳо чӣ?

Темурмаликӣ ба гӯш ҳамчун унвонии сарбозону лашкариён мерасад.

Чаро инро менависам? Зеро масъулин номгузории Тоҷикиро тавре матраҳ кардаанд, ки дили мардум аз ин унвонҳои ҷадид сард гардад ва дар зеҳн бовар дошта бошем, ки забони Тоҷик бори унвонро бардошта наметавонад! Браво, масъулин! Агар қасдан ва ҳадафмандона ба ин роҳ рафтаед, яъне бар решаи Тоҷикбезорӣ об рехтанисед. Ва ҳайфи комиссияи давлатӣ, агар новоқифона дили мардумро аз унвонҳои Тоҷикӣ сард кардан дорад.

Ҳамонгуна ки ҳуқуқшиносон мегӯянд, «надонистани қонун ҷавобгариро коста намекунад!», андешазудоӣ низ бояд ҷавобгарӣ дошта бошад: Сахт, сангин ва ҳатто муҷозобарангез!

Зеро Тоҷикон аз унвонҳои нави маҳаллаву шаҳрҳои худ шарм дошта, боз ҳам рӯ меоранд, ба номгузории қаблӣ: советский, московский, куйбишев… Гузашта аз ин номгузории туркӣ «гӯшнавозтар» мерасад: қӯрғонтеппа, уялӣ, обикиик, даҳанакиик…

Ва ҳамакнун суол бар масъулини номгузорӣ:

Чаро маркази маъмурии бузургтарин вилоят дар кишварро Тоҷикӣ намекунед? Чаро Қӯрғонтеппаи муғулӣ-тоторӣ (ин ном туркӣ ҳам нест!) иваз бар Леваканд нашавад? Ва ҳам боқӣ номҳое, ки овардем, чаро то ҳанӯз ороиши вилояти Хатлонанд ва дар қад-қади шоҳроҳи Душанбе-Қӯрғонтеппа ба чашм меҳӯранд? Суоле посух мехоҳад, ки чаро метавон Дарбанди гӯшнавозро Нуробод кард, вале қӯрғону уялӣ бе тағйир истодаанд? А, мӯҳтарам масъулин? Шояд ба ин суол Ғайбуллои Афзал, раиси вилояти Хатлон посух гӯянд, ки чигуна мешавад, аз ормонҳои сарвари кишвар дар мавриди милликунонии ному унвонҳои кишвар сарпечӣ намуд?...

Ва ҳамакнун баргардем сари ҷумлаи оғози матлаб. Чаро номгузории шаҳру навоҳӣ, деҳаву қасаботи мо сароғоз туркӣ ва баъдан русӣ шуд? Зеро нахустин гоми аз байн рафтани миллат маҳз адами номгузорӣ бо забони ҳамон миллат аст; пасояндагон воқеан ҳам бар бовар мешаванд, ки аждоди шаҳрсоз надоштаанд.

Мисол мехоҳед? Чоч ва Чочканд, ки миёни аъроб бо исми Шош маъруф будӣ, аввал Тош шуд ва баъд Тошканд

ва ахири кор Ташкент ва аз миён бархост; аз миёни мо-Тоҷикон бархост. Ҳуканд Қӯқанд шуд, Марви тоҷикон Мары-и туркманҳо. Агар боре Ғиёс-ул-Луғотро варақ бигардонед, бо чашми сар протсеси туркшавии шаҳрҳои тоҷикнишинро мебинед:

ЧОЧ-номи шаҳрест, аз Тӯрон, ки ба Тошканд шӯҳрат дорад ва камони хуб аз он ҷо оранд ва Шош муарраби ҳамин аст (аз «Баҳори Аҷам» ва «Сироҷ»).

Аҷиб аст, ки ғосибон дар тӯли 1400 соли ахир маҳз бар пояи асмои шаҳру деҳоти мо задаанд ва ба оҳистагӣ аз хотирот мафҳуми шаҳрҳои миллиро зудудаанд. Воқеан ҳам ҳамон Тӯрон Туркистон шуда буд, қабл аз ғасби русҳо. Ва моҷароро саҳл гирифтан камоли бехирадист, ки протсеси туркистоншавиҳо будӣ, ки Самарқанду Бухороро бебозгашт раҳо кардем…

Ва имрӯз агар ба таърихи асмои ҷуғрофӣ назаре афганем, мебинем, ки деҳоту марокизи аҳолинишине дорем, бо исмҳои туркиву муғулӣ. Вагарна чигуна фаҳмем, ки Рашт дар тӯли 100 соли ахир (ва гузашта аз ин дар шеваи Тоҷикони ин водӣ) Қаротегин аст?!

Вақте ки савори авто аз Душанбе ба дилхоҳ самт, бигирем сӯи ҳамон Қаротегин, сафар мекунӣ, номҳои «гӯшнавоз»-и туркӣ ба чашм мехӯранд. Самти Қӯрғонтеппа-ку тамоман дилбеҳузуркунанда аст, барои 1 фарди миллӣ. Перомуни самти Душанбе-Хуҷанд ман хамӯширо авло медонам…

Номҳои деҳоти Қазноқ, Қулмунда, Қулписта, Ҷарбулоқ, Нунҷемас, Қипчоқ (ҳатто!), Қаратоғ, Қизилмазор ва ғ.ҳ. ҳатто боиси фахри Тоҷикон-зодагони ҳамон маҳалланд, ки ҳич намехоҳанд бо унвонҳои нав мини-ватани худро муаррифӣ дошта бошанд; ва чигуна ҳам хоҳанд, ки унвони навоҳиро Рӯдакӣ монем ё Ҷомӣ?



Эй масъулин, аз барои савоб, оё намедонед, ки Рӯдак номи деҳест, ки Одамушшуаро дар он ҷо таваллуд шудааст? Ва месазад, ки номи деҳаро ба ноҳия часпонид? Ва агар сахт мехостед, шояд беҳтару гӯшнавозтар ин будӣ, ки номи ноҳияи Ленин Рӯдак мешуд на Рӯдакӣ?! Ва ё чигуна Ҷом наву ноҳия Ҷомӣ шуд? Ҷомӣ яъне чӣ? Ҷом билодест, ки Абдурраҳмон таваллуд шуда буд.

Ва муҳимтар аз ин ҳама! Тоҷикон таоруфи ба номи ИНСОН номгузории шаҳру деҳоташонро на-дош-тандд! Ин фикри хом зодаи тахаййули Тоҷикони имрӯза аст; масъулини номгузории ҷадид дар ин росто бояд аз тадобире кор гиранд, ки ҷои салла калла ба каф нагирем. 1 бор ба таърихи номҳои ҷуғрофӣ назар афганед, эй масъулин: Хуҷанд, Кӯлоб, Балҷувон, Мастчоҳ, Ховалинг, Хоруғ, Дарвоз, Ванҷ, Ашт… Куҷо бо исми одам дучор омадед? Ва акнун 1 ба навоҳии пойтахти ҷоноҷонамон назар дӯзед: Исмоили Сомонӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ…

Метарсам, ки Хуҷандро ба хотири Камол номгузорӣ карда бошед! Ва ҳам метарсам, ки аъмоли шумо ҳадафмандона ва барқасд набошад, ки тавре гуфтем, мардумро аз исмҳои Тоҷикӣ дилсард кардан мехостед. Ва агар ҳадаф ин аст, бовар кунед, ки ба мақсад расидаед. Вале агар на, пас бикӯшед, ки ин саҳвро рафъ кунед ва ҳадди ақалл маркази маъмурии бузургтарин вилояти худ-Қӯрғонтеппаро номи гӯшнавоз бигузоред, на Шоҳину Ҳофизи Шерозӣ ва ё (Худо накунад, ки) Амир Хусрави Деҳлавӣ?! Зеро ном аз аносирест, ки роҳӣ сӯи абадият аст! А, Ҷирғатолу Ӯялиро бошад иваз накунед. Ба ҳич ваҷҳ, зеро номҳои дигари гӯшнавози Тоҷикӣ мисли Кӯлобу Ашту Рашту Мастчоҳ бояд ба номҳои хандабарангези Тоҷикӣ иваз шаванд, охир…

Ба умеди тавфиқ, ин байти Камоли Исмоил ҳаволаи хотири хонанда гардид:

*Бо турктози турраи ҳиндуи ту маро,*
*Ҳамвора ҳамчу бунгаҳи лӯрист хонумон…*

***СССР (№13 (29) 26.03.2009***



# Мушти 23

# МИЛЛАТ ВА НАСЛ

***Мирзо Турсунзода, Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Боқӣ Раҳимзода, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирсаид Миршаккар, Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат,… феҳристро метавон давом дод, ки фарзандони худро тоҷикгӯ накарданд ва атфоли ишон мактаби русӣ мехонд. Чаро? Чигуна шуда, ки қаҳрамонҳои миллатсоз барои миллати худ чизе нагузоштаанд? Дар назар аст, меросбари фарҳангӣ! Мӯзадӯзӣ авлодист; тиҷорат таборист; сиёсат ҳатто авлодист:***
***Пас чаро фарҳангдорӣ аждодӣ, пуштӣ, таборӣ набошад?***

Мохи майи соли 2006, ҳини 1 сафари хидматӣ, дар Стокголм-пойтахти Шветсия дарак ёфтам, ки Тоҷикон низ дар ин кишвар будаанд. Шодии маро карона набуд, чун фаҳмидам, ки ин Тоҷикон набера ва абераи устод Айнӣ будаанд! Вале ҳайрати ман ҳадд надошт, чун бо табори устод во хӯрдаву дидам, ки ин 2 бону Тоҷикиро 1 ҳарф намедонанд! Пеши дигар миллатҳо, ростӣ, шарм доштам, ки чигуна шавад, табори қаҳрамони миллат ва асосгузори адабиёти советии Тоҷик, нафаре, ки ба таъбири Бозор Собир дафтараш шаҳодатномаи миллати ман аст, худ Тоҷикӣ надонанд???!!!!

Чун бо он 2 хонум нишастем, русӣ ҳарф задем. Ҳарчанд дидани «тоҷик» дар Аврупо шодифизо буд, вале хиҷолат бар ман фузунӣ кард ва зуд асбоби сӯҳбат барчидам ва дӯкони гуфтугӯ бастам ва фирор аз ишон намудам…

Ва ҳамакнун суоле бар ҳама: Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд? Яъне чаро гулҳои сари сабади миллати мо фарзандони худро Тоҷикидон накардаанд?

Бо таассуф бояд зикр кард, ки табори ҳазрати Айнӣ ягона нест, ки фарҳанги хонаводагиро русӣ намуда буд. Аксарияти кулли «гулҳои сари сабади миллат» бо иллати мухталиф, ки фикр мекунам, нобоварӣ бар ояндаи дурахшони миллат бар саргаҳи он иллат истодааст, кӯдакони худро русгуфтор намуданд ва фарҳанги Тоҷикиро бо шаттаи обдор аз остонаи худ ронданд.

Дар мо одат шудааст, ки перомуни хатои бузургон хомӯшӣ баргузинанд ва ё иллати Тоҷикбезории ишонро рӯпӯш кунад: хайр, зебанда нест, охир, донистани ин нукта, ки абармардони фарҳанги мо аз Тоҷикият ор медоштанд…

Вале бояд гуфт охир! Касе бояд гӯяд, ки эй миллат, онеро, ки идеал мепиндоред, шояд ба хотири шӯҳрат ва ё хидмат хиштҳои бинои фарҳанги миллиро гузоштанд, вале худ аз он фарҳангу он миллат ор мекарданд! Ор мекарданд, ки дасти таъсир бар табори худ надоштанд!

Мирзо Турсунзода, Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Боқӣ Раҳимзода, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирсаид Миршаккар, Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат,… феҳристро метавон давом дод, ки фарзандони худро тоҷикгӯ накарданд ва атфоли ишон мактаби русӣ механд. Чаро? Чигуна шуда, ки қаҳрамонҳои миллатсоз барои миллати худ чизе нагузоштаанд? Дар назар аст, меросбари фарҳангӣ! Мӯзадӯзӣ авлодист; тиҷорат таборист; сиёсат ҳатто авлодист, вагарна Фирдавсӣ намегуфт:

*Чу андар табораш бузургӣ набуд,*
*Наёрист номи бузургон шунуд.*

Пас чаро фарҳангдорӣ аждодӣ, пуштӣ, таборӣ набошад?

Агар таваҷҷӯҳ кардаед, фарҳанги ақвоми дигар барои он пешрафтатар аст, ки маҳз таборист:

3 пушти Александр Дюмаи фаронсавӣ далели ин гуфтаҳост.

Ва ё агар ба зиндагиномаи Бедилу Ҷомӣ ва ғ. ва ҳ. назаре афганед, ҳатман мехонед, ки фулону бисмадон баҳрае аз сӯҳбатҳои фарҳангии падару бобои худ барчидаанд. Пас чаро фарҳангиён ва фахри мо аз худ ба миллат меросбари фарҳангӣ на танҳо намонданд, ки гоҳвораи андешаи атфоли худро русӣ бунёд гузоштаанд? Оё бовар надоштанд ба ин миллату оқибати он? Ва ё ор мекарданд аз Тоҷикгӯӣ? Ин ҷо чӣ сирре ниҳон аст?

Ва оё мешавад нафареро қаҳрамон хонд ва он ҳам

қаҳрамони миллат ва бо ӯ фахр дошт, ки дар хонаводааш аз Тоҷикият ор медоштаанд? Тасаввур карда метавонед, ки фарзанд ва ё набераи Шолохов русӣ надонад? Табори Ҳамза Ҳакимзода Ниёзии тоҷиктабори асосгузори адабиёти советии ӯзбак чӣ? Наметавонед(м). Аммо табори адибони маъруфи мо роҳат русӣ мегӯянд, Тоҷикиро ҳатто дар сатҳи кӯдаки синфи 2 намедонанд ва …ягон ҷои шарму айб нест:

На барои ишон ва на барои мо.

Биёед, умқтару дуртар наравем; имрӯз чӣ? Онҳое, ки мушт бар кундаи сина мекӯбанд ва миллат мегӯянд, оё фарзандони худро ба макотиби русиву литсейҳои туркӣ намедиҳанд? Барои савод мегӯед? Падару модарони ин атфол оё дар мактаби русиву туркӣ сабақ бардоштаанд, ки дар ин шабу рӯз мӯҳтараманд?

Чаро мо аз Тоҷикияту забони худ ор дорем? Ана ба ин суол бояд посух гӯем. Зеро то даме ки мардона ин посухро наметавонем гуфта бошем, пас миллат мушобеҳи шикасту рехтҳои фарҳангист!

Роҷеъ ба мушкили глобализатсия ва таъсири манфии он ба фарҳанги миллӣ ҳай мегӯему мегӯем. Вале боре наандешидаем, ки фарҳанги миллатгароии мо паси маҳалпарастии мо хоке беш нест. Маҳалпарастии мо пурхатартар аз гӯсолапарастии қавми Мӯсо калимуллоҳ шудааст. Ва мо инро намебинем. Тасаввур дорем, ки фарҳанг-ин мо ва ҳаммаҳаллаҳои мостанду бас. Маҳалпарастӣ ба адабиёт онгуна муассир ворид шудааст, ки хиёнатро қаҳрамонӣ медонем.

Аъзои ИНТ то рӯзе, ки охирон узви ин ҷамъият ҳаст, бояд қадамҷои президент Эмомалӣ Раҳмонро тавоф кунанд, ки дар соли 1993 ишон талош намуданд, то ҳамтои онҳо ҳукми қатл гирад ва ин хиради Эмомалӣ Раҳмон



буд, ки он адибро афв кард ва доғи ҳаммаслаккушро аз гиребони удабои Тоҷик баршуст! Акнун тасаввур кунед, ки ҳикмати уффув (бахшандагӣ)-и сарвари кишвар намебуд ва он адиб бо талоши инҳо қатл мешуд, бо кадом рӯ ишон байни мардум мегаштанд ва оё мегаштанд ҳам, ки ин рӯсияҳӣ пайгири ҳар Тоҷик то ва баъди рӯзи қиёмат низ гашта будӣ…

Ва ана ҳамин аст, зиёии Тоҷик! Гули сари сабади миллат! Ва шояд дар таърихи башар нахустин бор будӣ, ки ҷамъияти удабо алайҳи 1 ҳамкасби худ барошуфта будандӣ. Вале оё «будандӣ»?!

Метарсам, ки бо ин ҳисси баланди патриотизми маҳалла, ки дорем, боз ҳам удабову уламои мо ҳамкасбу ҳамтои худро ба қатлгоҳу эшафотҳо хоҳанд кашид!

Чаро инро менависам? Зеро хатои сиёсиро метавон бахшид, вале набояд хатои зиёиро, ки бар пояи миллат задааст, раҳо кард! Ин раванд басо хатарҳо дар пай дорад. Зеро Сангаку Ризвонҳо фиребхӯрдаҳо буданд ва худ тӯъмаи бозии маҳалгароён шуданд. Ва он ҷанги хонумонсӯз зодаи маҳалгароии мо-Тоҷикон буд. Қувваи саввуми махуфро дар ҷигаргоҳи худ биҷӯед, эй мардум: дар ботини торики маҳалгароии мост он қудрати сиррӣ ва барҳамзананда!!!

Ва дар ин гирудор, фахри миллат, бузургони мо, ки фикр доштему дорем ҳам, маҳалгарой набуданд, миллатбезор шуданд. Ин муамморо, ки ишон фарзанди худро аз Тоҷикӣ садд гузоштаву ёри фарҳанги русӣ мекарданд, чигуна метавон муаррифӣ намуд, бидуни аз Миллати хеш ор доштани бузургони миллат?

Кӣ намедонад, ки авлоди Турсунзода, Лоҳутии ширинсухан, Миршакар, Улуғзода, Ғаффор Мирзо … Тоҷикӣ ҳарф намезананд ва рус шудаанд? Зеро мансу-

бияти миллат аз андешаи афрод аст. Чун Тоҷикӣ андеша накунему Тоҷикӣ дар хонадон сухан нагуфта бошем, агар миллиард сол «хидмати миллат» кунем ҳам…Тоҷик нестем!

Инро ман нагуфтаам; ин аксиома аст…

*СССР (№14 (30) 2.04.2009*



# Мушти 24

# МИЛЛАТ ВА ОИЛА

***Агар вазъи таблиғоти гендер ва эмансипатсия ба ҳамин тартибе, ки ҳаст, давом кунад, рӯзе кадом муздури Тоҷик аз ғарибӣ баргаштаву мебинад, ки зани ӯро зани ҳамсоя ба занӣ гирифтааст…***

Беҳтарин, ҷолибтарин, муқаддастарин дастоварди миллати мо фарҳанги хонаводагист! Рӯи оламро бигардед ва агар амсоли зани Тоҷик хонуми таборпарвар, баодоб ва муҳимтар аз ин ҳама содиқ ба шавҳар ёбед, дигар 1 сатри маро нахонед! Нест, набуд ва ҳам нахоҳед ёфт чунин занро!

Зани Тоҷик он отифаест, ки саду ҳазорсолаҳо перомуни садоқат ва муҳаббату фарҳанги табордориаш қиссаву афсона мегуфтанд; Рудоба, Таҳмина, Гурдофарид, Манижа, Томирис… қаҳрамонбонувони миллатанд, ки ҳазорсолаҳо бо онҳо марди Тоҷик фохир буд ва бузургтарин дастоварди ишон на танҳо ҷасорату паҳлавонӣ, ки барпо кардани оилаи бутун ва тавлиди фарзанди бузург низ будӣ.

-Таҳмина барои Рустам умре содиқ монд ва никоҳи якшабаро дигар ба маишати тӯлонии шоҳона иваз накард;

-Рудоба ба Зол онгуна содиқ монд, ки пас рустамзоиву оламкушоии фарзанд, ахиран аз ситами Баҳмани Исфандиёр бо шавҳари пир тамғаи ғуломӣ бардошт ва боқии умр дар ҳайси канизон гузаронид;

-Гурдофарид аз фироқи Сӯҳроб шавҳар накард: Садоқат!!!

Бонуи Тоҷик бар пояи ана ҳамин қаҳрамонҳо парварда мешуд ва шакл мегирифт.

Дур намеравем: Ёд оред, бибиву момоҳои худро, ки шавҳари ишон дар ҶБВ фавтида буду арӯсҳои 18-20 сола ба умеди «мабод, зинда бошаду рӯзе ояд!» 1 умр шавҳар накарданд! Ба ёд овардед?

Ҳамакнун ба хотир оред, ки ҳамсояву шиносҳои ману ту, хонандаи гиромӣ, ба шавҳари муздури худ, ки умри махеш сарфи маишати ҳамин зани куртаҳои рангобарангу



гарданбандҳои тилоидор намуда аст, хиёнат ба шавҳар намекунад? Инро гендер мегӯянд!!!

Созмонҳои хориҷӣ барои ҷилавгирӣ аз афзоиши миллатҳои «ҷаҳони саввум», ба вежа осиёиҳои мусалмонтабор, ки барои эшон «аборт» баробар ба қатли фарзанд аст, аз гунаи дигари таблиғ кор гирифтаанд:

Гендер ва эмансипатсия меомӯзанд бонуи Тоҷикро!

Ҳадафи аслӣ ва усулии ин созмонҳо якест; халал ворид намудан ба фарҳанги табордорӣ! Барои дилхоҳ хориҷии мубаллиғи Гендер иззати шавҳар бадтарин гуноҳ аст! Кадом иззат? Кадом ҳурмат??? Талош бояд кард, ки мард низ ҷома шӯяд-ҳуқуқи худро донед бонувон: Чаро шумо табақ шӯеду мард не? Чаро кӯдакро тамиз намоеду мард не? Чаро зан бояд хона рӯбаду шавҳар на???

Гӯиё, чизе барзиёдатӣ нест, дар ин барчидаҳо…

Аммо! Худи бонувон даст рӯи сина гузоштаву ба дурустӣ посух гӯянд: Оё худи онҳо марди косашӯву, хонарӯбро дӯст медоранд? Ҳурмат мекунанд? Иззат мегиранд???

Неъъъ! Зеро фарҳанги хонаводагии миллати мо болотар аз пиндори аврупоист ва ин ки ғарбиён гумон доранд, ҳуқуқпоймолкунист, мардсолорист, барои зани Тоҷик он фарҳанги табордорӣ ва шеваи ифтихор аз марди хонадон аст!!!

Гендеризатсия ва эмансипатсия худи Ғарбро безорӣ кардааст. Бовар кунед, ба нафаре, ки бо фарҳанги эмансипейшн аз наздик ошност: Аврупову Амрико 2 фиреб хӯрдаанд, ки ҳамакнун мехоҳанд қубҳи зодаашонро сари олами саввум бор кунанд. Ва он 2 хато ин аст:

1. Фарҳанги бараҳнагӣ, ки ба думболаи худ 1001 марази ҷинсӣ бо шумули сифилису СПИД оварда буд ва;

2. Гендер, ки ба гиреҳи ҷамъият ва барҳамрезии оилаҳо расонид.

Ба гунаи мисол, бонуи куриёӣ, яке аз пешрафтатарин кишвар дар олами муосир, ҳар шом шавҳарро назди дар бо сари афганда ва шамшери ёзида истиқбол мегирад; ҳуҷҷат: хоҳӣ маро бикуш, хоҳӣ раҳм намо, вале ғазаби аз берун овардаро вориди оила манамо!

Оё куриёиҳо бемаданиятанд? На! Ин фарҳанги табордорист. Албатта, ягон марди аблаҳ кордро кашидаву сари бонуи хонадонашро намебуррад. Баракс. Муҳаббате, ки дорад бар зан афзунӣ хоҳад кард. Вале суоли матраҳ ин аст, ки чаро Ғарб куриёиҳоро ситамгор нахондаву Гендер намекунад? Зеро Куриё кишвари пешрафта аст ва ҷинояту зӯроварӣ дар нисбат ба зан зеле коҳиш ёфтааст ва муҳимтар аз ин: Куриё ин гендермубаллиғонро ба кишвараш роҳ намедиҳад!

Зани ҷопонӣ бо шунидани хиёнати шавҳар дар нисбат ба худ бештар мулоимтар ва шаҳватбарангезтар мегардад: Зеро хиёнати шавҳарро дар камбуди муҳаббат ва нуқси бадани хеш мебинад!...

Дар ин росто Гендери аврупоӣ ба зани Тоҷик чӣ мегӯяд? Оҳо-о-о! Бар тибқи талаботи Гендер зан низ ҳуқуқи хиёнат ба мардро дорад: 100%!

Баробарҳуқуқии марду зан то нуқс дар зиндагонии иқтисодист, давом хоҳад кард ва ин ки созмонҳои хориҷӣ зани моро озод карданианд, ҳеч чизе бидуни фурӯрезии оила ва фурӯпошии ҷамъияти солим нест. Зеро бо ҳама нуқсу камбуд миллати мо бафарҳангтарин қавме дар самти табордорист. Ва агар ин силсила гусаста шуд, ҷамъияти мо шикастпазиртарин ҷамъият мегардад. Инро ман нагуфтаам. Ин аксиома аст. Аксиомае, ки созмонҳои гендерпарвар ва эмансипатсиясоз нек медонанд.



Гузашта аз ин созмонҳое ҳастанд, ки бар такя ба Гендеру эмансипатсия ҳатто аз ҷуфтакбозии ҳамҷинсон арҷ мегузоранд. Дар миёни журналистони Тоҷик ин мушкил маълуму машҳур аст, ки созмонҳое талош кардаанд, ки дар Тоҷикистон ҷамъиятҳои бигзор сунъӣ, вале ҳамҷинспарастии инайн-гомосексуалҳо ва ҷуфтаклесӣ-лезбиянкаҳо расман ба қайд гирифта шаванд: Гендер, охир!

Биноан ба назар мерасад, ки агар вазъи таблиғоти гендер ва эмансипатсия ба ҳамин тартибе, ки ҳаст, давом кунад, рӯзе кадом муздури Тоҷик аз ғарибӣ баргаштаву мебинад, ки зани ӯро зани ҳамсоя ба занӣ гирифтааст…

Гендеризатсия дар кишваре бо суръат тавсеа меёбад, ки бо амри ҳукумат ҳатто бонувон иҷборан мансабнишин мегарданд, ки бори дигар аз курсии обрӯи бонуи Тоҷик пеши марди Тоҷик гувоҳ аст.

Имрӯз замоне расидааст, ки фишори сунъӣ сари оилаи Тоҷик коҳиш ёбад ва қадру манзалати зотии занро Ғарб аз Миллати мо омӯзад, на баракс. Зеро рони урёну секс нишони баробарҳуқуқии марду зан нест, балки иллати аслии зиллати зан аст. Зеро рони урён танҳо барангезандаи шаҳват аст, на такондиҳандаи иззат…Ва бонувоне, ки ба сиёсати Гендер дода шудаанд, бояд донанд, ки паси грантҳои ҳангуфти ғарбии гендерӣ доме истодааст:

Панири ройгонро танҳо дар мушқаппак мегузоранд, мӯҳтарам хонумҳо!!!

***СССР (№15 (31) 9.04.2009***

## Мушти 25

# МИЛЛАТ ВА НОСТАЛЖИ

*Ҳар тире, ки дар ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон зада шуд, аз тирдони қиссаҳои носталжики бобоҳомон маншаъ мегирифт;*
*Ҳар корде кашида шуд, реша бар афсонаи ҳуббулдиёри бибиамон дошт;*
*Ҳар қатраи хуне, ки рехт, баста ба суруди ғарибии модар буд;*

*Қувваи савуми афсонавӣ-афсонаи бобомон буд*

Медонед, сабаби усулии ҷанги шаҳрвандӣ чӣ буд? Намедонед? Носталжи; Афсона! Бовар надоред?

Бовар кунед, ки маҳз афсонаву қиссаҳои бобову бибиякони маъсумаву поку беолоиш ва бегуноҳи мо миллатро ба коми бало афканда буд. Чигуна? А, ин шарҳи тӯлонӣ мехоҳад.

Дар ин қиссаву афсонаҳо, ки гунае аз минихуббулватан, ё носталжи дошт, «хиради мардумӣ» моатфолро ба думболаи худ ба Ғарму Балҷувон, Рашту Дарвозу Кӯлоб мебурд. Зеро аз афсонаҳои бобову бибии мо ҳуббулмаҳал бармехест. Ва ин аст, ки кӯдаки 7 пушташ Ғарму Кӯлобу Дарвозро надида, дар дилхоҳ мавзеи дигар ба воя расидаву на Тоҷик, ки ғармиву кӯлобӣ, зарафшониву дарвозӣ, помириву ленинободӣ мешуд. Намешуд? Мешуд, мешуд! Боз чӣ хел кӯлобиву ғармиву вахёчиву зарафшонӣ мешуд…Э-ҳҳҳа!

Ба маҳалгароии ин атфол ҳамакнун худи сокинони он маҳаллаҳо бо ҳайрат менигаристанд. Зеро дар худи он маҳалҳо ин афсонаҳои хуморӣ-носталжи на-буданд; чун эшон муҳоҷир нашуда буданд. Дар такдашт ҳуббулватани бобоӣ кӯдакро манкурттарин фард мекард. Мекард? Ме-ку-над!!! Имрӯз низ кӣ ба атфоли худ афсонаи ҳуббулватан намегӯяд?

Соҳиб Табаров-олими саршинос боре дар таърихи 21.09.1983 дар дарс гуфта буд: «Тоҷик аз қишлоқи ҳамсоя шавҳар мекунаду умре суруди ғарибӣ месарояд!».

Хонандаи ин сутур бигӯяд, ки оё профессор Табаров хато гуфта буд? Намесароем? Месароем!!! Зеро хиради бобоии мо дар хуни мо дар гардиш аст ва ҳатто моеро, ки умре кӯҳистон-миниватани ӯро надидаем, ҷониби он, яъне маҳалли муштӣ мекашаду мекашад-еее!



Чаро муҳоҷирони мардуми кӯҳистон маҳалгаротаранд? Боре андешидаед? Зеро хиради тангтар, мининосталжи ва таронаҳои ғарибӣ замоне моро сӯи «ватан»-и бобоӣ мекашид, дигар ақвом бо комерсия банд буд; зиндагисоз буд.

Имрӯз даст рӯи сина гузоштаву 1 бор дилхоҳ шаҳру ноҳияро чарх занед ва гӯед, ки комерсия моли Тоҷик аст? Неъи қоқ! Зеро мо то ҳанӯз маҳал меофарему теша тез мекунем, вале хиради комерсионии дигар ақвом бозору молияро пахш кардан дорад. Ва хуб ҳам мекунад! Охир, ишон «хиради мардумӣ» ва гуманизми маҳал надоранд. Пас чӣ кор кунанд? Теша тез кунанд, мисли мо, то бар решаи миллати худ зананд?!

Ин ҳама таъсири носталжи дар қиссаҳои бобоист, ки мо номи мини-ватани падари падари падари худро шунида, дилгумак меравем: Оҳ, Кӯлоб, ах, Зарафшон, вахх Дарвоз. Ин ҳам дар ҳолест, ки агар моро дар ин «ватанҳо» банданд ҳам намеистем!

Ягон нафарро дидаед, ки аз шаҳру навоҳӣ ба деҳае, ки дар собиқ ҷаддаш муҳоҷир шудаву бо зӯр оварда шуда буд, баргашта ба он, яъне мини-ватан рафта бошад? На дидаед ва на мебинед! Ин ҳуббулватан танҳо андешазудой аст: хирадфурӯрез аст. Вагарна чигуна бифаҳмем, ки 1 рӯз тоби он мавзеи кӯҳманзар надошта бошему умре «ғарибии табаровӣ» сароем?

Воқеан ҳам Соҳиб Табаров. Маро андешае ором намегузорад, ки чаро китобхонаи Табаровро дар Мӯъминобод сохтаанд; дар ноҳияе, ки устоди гиромӣ танҳо ба дунё омадааасту бас. Беш аз 7 даҳсола ин марди Шариф дар пойтахт буд ва барои рушди адабиёти Миллат хидмат кард. Ва бубинед, ки ин Миллат 1 хоначае наёфт, то хазинаи гаронарзиштарини устод, китобхонаи беамсоли ӯро

дар пойтахт гунҷонад. Ва бурданд ин ҳамаро ба мавзеи кӯҳманзар. Зеро андеша ҳам дорем, ки кори хубе кардаем! Бовар кунед, агар устод аз Самарқанду Бухоро мебуданд, китобхонаи ӯро дар пойтахт месохтанд…

Аммо!

Аммо мо, ки думболаи ностալжи-қиссаҳо меравем, маҳалсозем. Хиради аҷдодӣ дар таркиби хуни мо ҳар лаҳза таронаи ғарибии мини-ватани бобоӣ дорад. Ва ин қиссаву афсонаҳои маъсумаи бибиву бобоҳои мо буд, ки ба нохост, чун тундар дар рӯзи равшан садо дод ва моТоҷикони умре ҳамсояро ба майдонҳои мухталиф кашид ва қисса ба дасти мо туфанг доду афсона - корд ва таронаи ғарибии модар дасти моро сари ҳаммиллат бардошт:

Ҳар тире, ки зада шуд, аз патронажи қиссаҳои носталжики бобоҳомон маншаъ мегирифт;

Ҳар корде кашида шуд, реша бар афсонаи ҳуббулдиёри бибиамон дошт;

Ҳар қатраи хуне, ки рехт, баста ба суруди ғарибии модар буд;

Ҳар ҷинояте, ки содир шуд, гунае аз хумори падарамон буд…Ҳу, ҳамон хуморе, ки модар моро сари зону шинонидаву бо ҳасрат ёди «ватан» мекард.

Ва атфоле, ки 10 сол паси 1 парта нишаста буданд, кӯлобиву дарвозиву ғармиву зарафшонӣ ба воя расиданд.

-Дигар ягон китоб, мактаб, мадраса, донишгоҳу донишкада натавонист моро ислоҳ кунад.

-Дигар таронаи ғарибии модар, носталжии бобо, афсонаи бибӣ ва ҳуббулдиёри падар аз дарун хуни моро полудаву гандида мекарду мекард.

-Дигар мо аз дӯсте, ки 10-у 5 сол паси 1 партаи мадраcаву донишгоҳ бо ӯ нишастаем, дур мегаштему мегаштем:

ХУН ВАЙРОН АСТ, ОХИР! Ва ин хунро қиссаҳои маъсумаи бибиву афсонаҳои содаи бобо ва «хиради аҷдодӣ» полуда кардаанд ва онгуна ки ҳамин ҳоло ин сутурро хонда, фикр дорӣ-хонанда, ки муаллиф ҳатман ҳамшаҳри туст:

Хато кардам?

***СССР (№16 (32) 16.04.2009***

# Мушти 26

# МИЛЛАТ ВА ИСТИҚЛОЛИЯТ

*Медонед, нахустин тост-нӯшбоди амрикоиҳо пас аз интихобот чист? «Ба саломати сари президент!» Ва ин нӯшбодро усулан намояндагони аҳзоби маглубшуда мегӯянд. Зеро аз ин соат ба баъд президенти интихобшуда президенти аҳли амрикост ва атрофи он гирд меоянд, муттаҳид мешаванд. Зеро иттиҳоди миллат пирӯзии давлат аст. Ва ҳамакнун як суол: Нафареро дидаед, ё шунидаед, ки нӯшбод гӯяд: «Ба саломати сари президент!»? Дар Тоҷикистон? Надидаед? Акнун дарк кардед, ки мо чаро Амрико намешавем?*

*Дигар дар ҷомаи душман сари ёрӣ макун бо ман,*
*Ҷигардорӣ наметонӣ, ҷигархорӣ макун бо ман!*

*Ҳазрати Лоиқ*

Аҷаб миллате ҳастем, ки то ҳанӯз аз ҷойгаҳи бардаандешагии ғуломпиндорӣ бадар нашудаем. Ва чун нашудаем, наметавонем дид, агар касе берун ҷаҳад. Бо ҳар роҳу восита мехоҳем он бадаррафтаро баргардонем.

Кори мо то ҷоест, ки барои расидан бар аҳдофи худ ҳатто аз шахсиятҳои аввал ширма месозем; мехоҳем президенти худро сензор кунем. Пеши мардуми олам ӯро сензор хонем ва обурӯи ба сари сӯзан ҷамъовардаи ӯро, ки дар тӯли 18 сол имиҷи давлати Тоҷиконро сохтаву онро, яъне обурӯро аз ҳамсоякишварҳо болотар бурдааст, барои рафъи ғубори хотири хеш мехоҳем бирезонем. Намехоҳем? Мехоҳем, мехоҳем.

Ва акнун суоле пайдо мешавад, ки кӣ паси пушти президент пинҳон мешаваду кӣ ӯро таҳрик медиҳад, ки сензура дар ин ё он соҳа гардон кунад? Ба вежа дар ВАО?

Мо-ҳамаамон. Ҳамаамонро, ки зӯр омад, ширмаи президентро мекунем! Ва медонед чаро? Зеро ба имиҷи кишварҳо дар 50 соли ахир маҳз тавассути набуди сензура дар ВАО баҳогузорӣ мекунанд. Зеро матбуот халқ аст, омма аст, оина аст. Ва ҳамин аст, ки матбуотро оинаи ҷамъият гӯянд...

Спектаклро мебандем? Марҳамат! ВАО дар олам бонг мебардоранд, ки сензура ба театрҳои Тоҷик роҳ бурдааст!!! Ва ин, ки Саймурод Фаттоев, мушовири давлатии Президенти ҶТ оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа оҷилан ин хатои масъулинро ислоҳ кардаву сензураи сунъиро рафъ кард, бар обурӯи мо афзуд, ё кост? Оё дар он набарди иттилоотӣ, ки бар пояи имиҷи давлат мезанад, мушоҳида нашуд, ки «бе «добро»-и мушовири президент ҳатто 1 спектакл дар ҶТ роҳандозӣ намешавад!»? Нашуд мегӯед? Пас аз ҷанги иттилоотӣ бехабаред ва пресса намехонед!!! Суоли матраҳ ҳам ин аст, ки мабод Фаттоев мисли мо тарсу мебуду низ паси ширмаи президент мегузашт, имиҷи давлат чӣ мешуд?

Ин моҷаро 1 сӯ нашуда, сӯи матбуоти озод шитобидем ва академику таърихнигору неозабоншиносон аз президент даъватро сар кардем: барои баҳси босмачизм, вожаҳои русиву интернатсионалистӣ ва ғ. ва ҳ. президент бояд газетаҳоро бандад. На ошкоро, ки олимони ҷасур надорем, ки бо ишорот. Аммо гуфтем охир!

Аз барои савоб, шумо, ки чунин андеша доред, оё намедонед, ки имиҷи кишварро мекоҳонед?... Чиро интизоред? Президентро фиреб додаву ахиран ҳамчун сензор ба маърази тамошо гузоштан? Бовар кунед, агар аз ин «саҳв», ки амдан президентро «подставит» кардан мехоҳед, даст набардоред, СССР феҳристи ному насаби шуморо бармечинад, то ҳукумат дӯстони нохунакдори худро шиносад; Ин таҳдид нест: Мо Метавонем!!!

Президент мафҳуми болотар аз пиндори заъиф аст! Президент ман ҳастам ва ту ҳам хонанда ва ҳатто онҳое, ки ба оҳистагӣ, аз сари тарс аз обурӯи болорафтаи кишвар, мехоҳанд, таки девори ин обрӯ об монанд... Онҳо низ ҳастанд, охир! Президент садои 7 млн. нафар аст. Зеро ӯро, яъне президентро аксарият интихоб кардаанд ва дар ҷамъияти демократӣ ақаллият побастаи аксариятанд: инро ман нагуфтаам; ин ҳақиқати бе баҳс аст!

Медонед, нахустин нӯшбоди амрикоиҳо пас аз интихобот чист? «Ба саломати сари президент!» Ва ин

нӯшбодро усулан намояндагони аҳзоби мағлубшуда мегӯянд. Зеро аз ин соат ба баъд президенти интихобшуда президенти аҳли амрикост ва атрофи он гирд меоянд, муттаҳид мешаванд. Зеро иттиҳоди миллат пирӯзии давлат аст. Ва ҳамакнун як суол: Нафареро дидаед, ё шунидаед, ки нӯшбод гӯяд: «Ба саломати сари президент!»? Дар Тоҷикистон? Надидаед? Акнун дарк кардед, ки мо чаро Амрико намешавем? Аҳа, мегӯед, ки ин Шарқ аст? Хуб, гирифтем, ки Шарқ аст...

Ва суоли дигар: Портрети президентро дар хонае дидаед? На дар кабинетҳои чиновникҳои ранги болову поин, ки дар хона, манзили зисти одамон??? Ин портретро дар хонаи вузаро ҳам намебинед! Вале акси президенти мо дар хонаҳои Тоҷикони оддии Афғонистони ҳамсоя ҳаст. Чаро чунин аст? Инро бояд аз ҳамон нафароне пурсид, ки номи президентро ширма кардаанд ва ҳукуматро сӯи сензура такон медиҳанд...

Ҷанги иттилоотӣ, ки зикри хайраш ҳамакнун дар долонҳои ҳукумат шурӯъ шудаву СССР аз шумораи нахустини хеш перомуни он бонги изтироб мезад, доманкашон то долонҳои маҳаллии Тоҷикистон фурӯ нишастааст. Ва ин ҷанг ҷома иваз намуда: Дигар бо сухани талху фаҳшо, иғвову дасиса не, ки бо роҳи зиракиву зарангӣ мехоҳанд ба оташи ин ҷанг равған резанд ва ба гуфти ҳамон Лоиқшоҳ «ба ханда бикушанд» моро.

Набардҳои хашин, диверсияҳои иттилоотӣ ҳамон рӯзе, ки матбуоти сирф сиёсии қавӣ ва ростгӯ ва оппонент, чун ба ҷонибдории ҳукумати марказӣ садо баланд карду дар бетолеътарин соат барои давлат ба ваҳдати миллӣ даъват намуд, роҳу равиши худро тағйир дод: Акнун ин матбуот, ин газетаҳо ҳадафи тиру тӯпи лашкариёни сиррии масъулини ҷанги иттилоотӣ қарор гирифтаанд. Ва бо ҳидояти онҳо зархаридони андеша, пиндор ва интеллект ба миён омадаву худи ҳукуматро таҳрик додан мехоҳанд; сӯи сензура. Яъне бо дасти дӯст даҳони душманро мебанданд. Душман, албатта, душмани адӯи Миллат, матбуоти озод аст ва ҳамакнун назаре бояд кард, ки дӯсти душмани Миллат кист? Оне, ки таҳрикгар аст!



Мо бояд ба набардҳои иттилоотӣ саривақт омода мешудем ва мебудем. Зеро то соате мо 1 усулро дарк мекунем, ки он, яъне ҷанги иттилоотӣ ҷомаи нав ба бар мекунад ва боз солу моҳе андешаи моро зери таъсир нигоҳ медорад.

Мубҳам гуфтам?...

Имиҷи давлатро давлатмардон ҳифз бояд кунанд, зеро барои ин кор маош мегиранд:

*Хуни худро гар бирезӣ бар замин,*
*Беҳ, ки оби рӯй резӣ бар канор!*

Ин байт бояд шиори давлатмардони мо бошад! Тамом вассалом!!!

***СССР (№17 (33) 23.04.2009***

## Мушти 27

# МИЛЛАТ ВА МУЗОФОТ

*Даҳҳо барномаҳои радио ва шабакаҳои ТВ Ӯзбекистон ҳадафмандона дар минтақаи ҷанубу шарқу шимоли Тоҷикистон пахш мешаванд. Ҳадафмандона ин ҳамсоякишвар мавҷгирҳои пурқудратро атрофи Тоҷикистони азиз гузоштааст. Ва муҳиму ҷолиб ин аст, ки ТВ-ҳои тоҷикистониро дигар дар ин навоҳӣ тамошо намекунанд. Агар аз 1 ҷониб сатҳи касбияти барномаҳои мо паст бошанду аз тарафи дигар «Шоу»-и диданӣ надорем, пас аз сӯе набуди ин каналҳо дар тӯли 180 рӯзи бебарқӣ гӯши мардумро ба ӯзбакӣ одат кунонидааст.*

*Ба тавофи Каъба рафтам, ба ҳарам раҳам надоданд,*
*Ки буруни дар чӣ кардӣ, ки даруни хона оӣ???*

*(Муҳаммади Ироқӣ)*

Агар 200 км онтарафтар ба навоҳии Қубодиёну Панҷу Қумсангир биравем, бо чашми сар хоҳем дид, ки мардум дар умқи асри 17 ё 18 ба сар мебарад. Дар тӯли ним сол, 180 рӯз бештар торикии том, сияҳии комил, адами иттилоот, набуди сивилизатсия дар маҷмӯъ ва дар алоҳидагӣ, нестии роҳи ҳамвор, биноҳои обод, кинову театру порку марказҳои ҷамъомади мардум дар ин навоҳӣ моро интизоранд. Ва аз ин мардум мо чӣ интизорем? Мехоҳем, ки дар асри 21 ҳамқадами замона бошанд???

Беҳтарин падидае, ки олами торикро дар ин гӯшаи диёр пардадар мешавад,

…ҷаноза аст! Хоҳ бовар кунед, хоҳ на! Ҷаноза имрӯз ягона маъракае шудааст, ки мардумро дар гӯшаҳои дури диёр сарҷамъ меорад. Тӯйу сур не, ки ба онҳо на ҳама даъват мешаванду на ҳама меоянд: Танзим охир! Вале ба ҷаноза бе хабар ҳозир мешаванд, зеро хондани намози ҷанозаи мӯъмин барои мӯъминин фарз аст. Вақте ки аз ин мавзеъот дидан мекунӣ, шукр менамоӣ, ки масоҷид ҳаст. Масҷидҳое, ки мардум велосипедсавор ба он ташриф меоранд. Ташриф меоранд, то шурӯи намози ҷаноза ваъз бишнаванд.

Боре дар 1 ҷанозаи бародари мусалмонам иштирок доштам ва чун мавъизаи хоми муллоро шунидаву дилсард аз масҷид бадар мегаштам… ба зиндагонии рӯзмарраи одамон ошно шудаву, шукрона кардам, ки ҳамин муллои хомтолеъ ҳам ҳаст. Вагарна…



Вагарна ин мардум кайҳо ӯзбаку афғон мешуд. Зеро раият зертаъсири машинаи идеологии ин 2 ҳамсоякишвар мондааст.

Ҷанги иттилоотӣ, ки зикри хайри он дар гузориши ахирии сарвари кишвар рафт, кайҳо фарогир шудааст ва бояд сареҳатан зикр кард, ки мутаассиф мо ин ҷангро бохтаем! Ин шикастро бояд расман гуфт, то барои рафъи хатар кореро анҷом диҳем. Ва чигуна метавон хомӯш буд; дар ин маврид касеву касҳое хомӯш будаанд, ки миллату манофеи миллиро сарфи нафси ҳайвонии худ кардаанд ва ба «боло» аз хатари пирӯз ҳисобот намедиҳанд.

1 мисол меорам. Дар ноҳияҳои Исфараву Хусрав (Носир) аз мактаббачаҳо пурсидаанд, ки «Президенти шумо кист?».

Маъмултарин суол ва оддитарин пурсиш. Кӯдаки душанбегӣ дар боғча ҳам медонад, ки президенти Тоҷикистон кист. Вале!... Медонед посухи ишон чӣ буд? …Ислом Каримов!!!

Ҳамакнун дарк кардед, мӯҳтарам масъулин, ки ҷанги иттилоотиро бохтаем(ддд)?!

Президент рамзи истиқлолият аст! Ба вежа президенте, ки Миллатро аз хатари маҳв ва ҷанги гражданӣ берун кашидааст. Вале агар 1 кӯдак дар 1 гӯшаи диёр номи президенташро надонад, чӣ гуна аз ин тифл талаби ҲуббулВатан бикунем?

Даҳҳо барномаҳои радио ва шабакаҳои ТВ Ӯзбекистон ҳадафмандона дар минтақаи ҷанубу шарқу шимоли Тоҷикистон пахш мешаванд. Ҳадафмандона ин ҳамсоякишвар мавҷгирҳои пурқудратро атрофи Тоҷикистони азиз гузоштааст. Ва муҳиму ҷолиб ин аст, ки ТВ-ҳои тоҷикистониро дигар дар ин навоҳӣ тамошо намекунанд. Агар аз 1 ҷониб сатҳи касбияти барномаҳои

мо паст бошанду аз тарафи дигар «Шоу»-и диданӣ надорем, пас аз сӯе набуди ин каналҳо дар тӯли 180 рӯзи бебарқӣ гӯши мардумро ба ӯзбакӣ одат кунонидааст.

Ҳамакнун дидед, ки басташавии барқи туркманӣ аз ҷониби Тошканди расмӣ ҳадафҳои дигар низ ба думбол доштааст? Боз чанд соли дигар эксперименти «Косаи сабри мардум кай лабрез мегардад?» дар кишвар давом мекунад?

Барномаҳои ТВТ ва ТВ Сафинаро сахт диданӣ бояд кард ва сатҳи профессионализми журналистонро баланд бояд бардошт, то дар 180 рӯзи набуди барқ мардум ба ин ТВ-ҳо носталжи пайдо кунанд: Ба ёди барномаҳои тоҷикӣ торикиро паси сар намоянд…

Кор то ҷоест, ки дар Қубодиёну Шаҳритус Тоҷикони баору номус ба пойтахт омадаву барои фарзандони кӯчаки худ барномаҳои Субҳи ТВТ-ро сабт карда мебаранд ва тавассути DVD CD-player намоиш медиҳанд; такрору ба такрор. Медонед барои чӣ? Неъ! На барои кайфияти хуби ин барномаҳо, ки барои забони Тоҷикиро гум накардани кӯдакон!!! Зеро мехоҳанд кӯдак дар баробари таронаҳои Севинчу Озодаву Юлдуз суруди Шабнаму Манижаву Фирӯза Алифоваро низ зам-зама кунад!

Ҳамакнун дарк кардед, ки вазъ то кадом ҳадд печида аст?

Воқеан ҳам чун сухан сари ин 3 бонуи ахирӣ рафт, бояд таъкидан қайд кард, ки масъулини ТВТ ва ТВ Сафина таблиғу ташвиқи роҳати ин 3 танро аз сар бигиранд. Муҳим нест, ки Манижаву Шабнам ва Фирӯза ба касе писанд ҳасту ба нафаре на. Муҳим ин аст, ки онҳо мунодии забони модарӣ барои миллион кӯдаку наврасанд. Ва ин кӯдаконро бо зӯр фалакхону шашмақомшунав кардан НА-МЕ-ША-ВАД! Зеро алтернатива доранд; ҳамоно Юлдузу Севинчу Озодаҳо…

Ва дар ҳоле, ки кафилони амнияти иттилоотии хоббурдаи миллат ҳамакнун ба дарки хатар дар мавзеи шарқу шимол мерасанд, минтақаи ҷануби Тоҷикистонро расонаҳои иттилоотии Афғонистон забт карданд! Ҳамакнун дар Фархору Шӯроободу Ҳамадонӣ ТВТ ва ТВ Сафина алтернативаи пурқудрат дар симои ТВ-ҳои афғонӣ касб кардааст. Мегӯед, ки забонашон дариву муносибатҳо ҳасанаанд? Бовар дорам, ки рост мегӯед. Вале ин муносибатҳо то кай ҳасана мемонанд? Ва оё кишваре дар дунё ҳаст, ки умре бо дигар кишваре «бародар» будааст? Ҳатто Амрико-дӯсти абадии Англия, дар охири асри 18 тухми англисҳоро бехта буд ва дар миёнаи ин аср сароғоз фаронсавиҳо ва сипас бритониҳоро аз дами теғ гузаронид; ин далел танҳо барои факт буду бас.

Имрӯз замоне расидааст, ки мо бори дигар сари ин муаммо андеша кунем, ки Миллат Душанбе нест! Миллат Қӯрғонтеппаву Кӯлобу Хуҷанд ҳам нест! Миллат ин 7 млн. Тоҷик аст. 7 млн нафаре, ки дар умқи фаромӯшӣ ва ҷаҳолати пирӯз ва вакууми информатсионӣ мондааст… Бо мусоидати мо!

*СССР (№19 (35) 7.05.2009*

## Мушти 28

# МАҲАЛ ВА ИШҚ

***Муҳаббати поки фарзанди худро сарфи худкомагии маҳалпарастона накунед, ки оқибати нек надорад: Инро аз нафаре қабул кунед, ки 20 сол муқаддам қурбонии ин ҷаҳолат шуда буд!***

Агар аҳамият додаед, мо-Тоҷикон дар беҳтарин ва нодиртарин амал-издивоҷ, ки решаи миллат, ояндаи ҷамъият ва ҳадди ниҳоӣ сарнавишти ҳар индивид аст, аз маҳалгароӣ кор мегирем! Намегирем? Далел металабед?

Имрӯз насле, ки худ қурбонии маҳалгароӣ дар издивоҷ будӣ, зеро ба духтар ва ё ҷавони ҳамкурс ошиқ будему маҳз маҳалгароии волидайн моро аз васлати ӯ маҳрум карда буд, худ маҳаллагарой-муҳаббатпараст шудаем. Мо намехоҳем ҳатто тасаввур кунем, ки духтари мо аз фулон маҳалла шавҳар кунад. Поктарин эҳсоси Худовандӣ, ҳазрати Ишқро мо сарфи эмотсияҳои дурӯғин ва миллаткуши маҳаллагароӣ кардаем!

Ва агар аҳамият додаед, дар бештари маврид «гулҳои сари сабади Миллат» фарзандони худро маҳз ба ҳамшаҳриҳои интеллигенташон инъом кардаанд. Оре, инъом намудаанд, тӯҳфа. Зеро имкон надорад, ки 1 духтар маҳз писари ҳамшаҳри падарашро дӯст дорад ва баракс!

…Ориёнои аҳди қадим аз маросими Гаҳворабахшон ҳамчун гунаи ҳифзи хун аз издивоҷ бо қабоили степнишин истифода мекаранд. Вале Тоҷикони муосир миниГаҳворабахшони тахаййулии нав кашф кардаанд, ки ҳадафи аслӣ ва усулиаш ҳифзи ифтихороти бардурӯғи маҳал аст: Зарафшонӣ 100 сол дар Душанбе зиндагонӣ кардаву зарафшонӣ гирифт; Кӯлобӣ кӯлобӣ: Ғармӣ ғармӣ.

Кори маҳаллагароии ин миллати шӯрида то ҷое буд, ки чун диданд, никоҳи миёнимаҳаллӣ аз ҷанги шаҳрвандӣ садд мегузорад, 4 муллои бесавод дар соли 1990 ҳукм карданд, ки «касе бо мардуми фулон маҳалла издивоҷ кардааст, никоҳаш макрӯҳ аст»… Сафсата? Аммо бовар



кардем! Барои ҳукми 1 бузриши бузтабиати таккаандеша зани ҳалол, фарзанди ҷигарбанди худро аз хона бадар кардем. Бадар кардем ва Худо моро аз Ватан берун намуд!!! Зеро гуфтаанд:

*Калтаки Худо садо надорад,*
*Баъд аз заданаш даво надорад!*

Ман интеллигентеро медонам, ки хок хабараш мабарод ва рӯҳаш ором бод, ки бо ин «иллат», ки духтараш бар алайҳи ин бемаънигӣ шӯридаву бар Ишқ содиқ монда, пофишорона аз дигар маҳал шавҳар карда буд…фавтид. Мардак натавонист охир, ки бори нанги маҳаллагароиро бардорад ва гирифту мурд:

Марги бемаънии ӯ ахиран сабаби хонавайронии фарзандаш гардид; ҳамакнун духтари бечора ангуштнамои ҳама хешу бегона шуда буд, ки «ҳай-ҳай, дадота куштӣку?!». Ва барои оромии рӯҳи маҳалгарои падари маҳалчӣ духтар маҷбур шуд, ки кӯдаки кӯчаки худро бағал гирифтаву аз хонаи маҳбубаш бадар равад. Зеро ин васияти охирини он маҳалгароии падар буд.

Мутмаинан, қиссаи ин духтари ошиқ ҳамчун бадтарин сарнавишт барои гулдухтарони ҳаммаҳаллааш хонда мешавад ва рӯзе дур нест, ки достони шифоҳии «он бадбахт» ҳам сароида шавад. Ин марги худкомае аз никоҳи миллӣ садди чиноӣ гузошт; барои 1 маҳалча.

Ва акнун бигӯед, ки маҳалчаҳои дигар ин гуна «қаҳрамон» надоранд?

Ва ҳар яке дар алоҳидагӣ маҳаллагароиро дар издивоҷ зинда кардаву дар маҷмӯъ бар пояи Миллат теша мезананд!

Имрӯз шахсан ман, ки умре зидди фармону амру

дархостҳои болоӣ будаву ҳастам, роҳи раҳоӣ аз вартаро танҳо дар 1 дастур мебинам:

Бояд фармоне бароварду Миллатро ба таври зӯр, сунъӣ ассимилятсия кард. Зарафшонӣ кӯлобӣ гирад, бадахшонӣ хатлонӣ, хуҷандӣ фархорӣ, аштӣ раштӣ…

Зеро дигар роҳе намондааст.

Агар аҳамият додаед, никоҳи байнимаҳаллӣ ва ҳамдеҳагон ҳатто бар ҳусни Тоҷикон задааст. Тоҷиконе, ки андешаи Ишқу муҳаббаташон аз доираи маҳалла фаросӯтар нарафтааст, безеб ҳам ҳастанд. Бар чеҳраи наберaи худ назар кунед, эй маҳалгароён! Назар кардед? Акнун бар хубии фарзандони дигар афрод, ки никоҳи байниноҳиявӣ доранд (на вилоятӣ!), дида андӯзед: Дидед, ки чигуна зебоянд? Зеро барои хун гардиш лозим аст! Ва ин хун аст, табиати одамист, ҳукми Худост, ки бар зидди маҳалгароии бадбахтонаи мо шӯридааст!!!

Табиат аз мо ниқор мегирад; аз мо-маҳаллагароён. Вале мо онгуна кӯрем, ки инро ҳам намебинем.

Ман ҳатто бо 1 назар мардуми бархе аз навоҳии кишварро фарқ мекунам. Ҳама 1 чеҳра доранд; чеҳраи маҳал; маҳсули никоҳи маҳаллаанд…

Никоҳи маҳалгароӣ ҳатто бар ақли кӯдаки мо пирӯз шудааст. Ба таҳқиқ агар назар афганем, атфоли аз никоҳи байни маҳаллаҳои мухталиф мутаваллид муваффақтар дар зиндагонӣ шудаанд, ки атфоли аз 2 индивиди 1 маҳалла ба дунё омада. Зеро андешаро низ хуни нав такон медиҳад, на маҳдудаи маҳал!!!

Аз оғози зиндагонӣ ба кӯдак талқин мекунем, ки никоҳи ҳаммаҳал моро аз танҳоӣ наҷот медиҳад: дар маъракаи гӯру чӯби ҳаммаҳаллаҳомон ба тифлони худ ангуштнамо таъкид медорем: Дидӣ, бачем, ки ҳаммаҳаллаҳо моро гӯр мекунанд? Ҷавононро дар ин маъракаи гӯру



чӯб «солхӯрдагони зиндагидида» насиҳат кучо, ки «панд» медиҳанд; ҳаммаҳалларо ҳаммаҳалла гӯр мекунад-тифоқ бошед… Зиндагонии мо аз чаҳорчӯбаи ҳамин тарс аз гӯру чӯби «шарафмандона» бадар нарафтааст-дар асри 21…

Бовар кунед, ягон аврупоиро ҳаммаҳалла чӣ, ки ҳамсояаш гӯр намекунад! Вале таъкиди ин ки аврупоӣ миллати пешрафта аст, ширро сафед гуфтан нест оё? Ва ҳам бовар кунед, ки моро миллион кӯлобиву миллиард зарафшонӣ ва триллион бадахшонӣ гӯр кунад ҳам, ин ба он маънӣ нест, ки фариштагон ҷанозаи моро бардошта, рост сӯи биҳишт медаванд! Ва ё дар ҷанозаи мо намояндагони дигар маҳаллаҳо бошанд, моро дӯзах интизор аст?…

Иттифоқ ва иттиҳоди мо набояд сари маҳал ва маъракаи ҷаноза таваққуф кунад, ки ба назар иттиҳоди шағолу каргасон сари ҷасади ҳайвонеро ба хотир меоварад:

*…Кафтор наем, гирди ҳам ҷамъ шавем,*
*Мо тоқа аз онем, ки Шерем ҳама!!!*

Шери миллат бояд буд! Бибурред, аз ин иттифоқи маҳалтарсуӣ ва шерона сӯи Иттиҳоди Миллӣ гом гузоред. Агар мо Артиши Шерон гардем, ба таҳқиқ асри 21 чӣ, ки ҳазораи саввум аз мо хоҳад буд…

Аммо ҳақиқати талх ин аст, ки мо дар сари 21 низ Ишқ-поктарин эҳсосоти атои Худовандиро сарфи амбитсияҳои маҳал кардаем: Бовар кунед, дар баробари дасти издивоҷҷустанҳои зеботарин ҷавон шонси бадрӯву бадхӯтарин писари ҳаммаҳалламон бар духтари мо 100% зиёдтар аст. Муҳаббати поки фарзанди худро сарфи худкомагии маҳалпарастона накунед, ки оқибати нек надорад:

Инро аз нафаре қабул кунед, ки 20 сол муқаддам қурбонии ин ҷаҳолат шуда буд!

…Чӣ гӯям, ки кори мо то ҷоест, ки аз Тоҷики «дур» дида, фарзанди худро ба турку муғултабори маҳаллӣ инъом карданро афзал медонем ва худфиребона маҳалчигии профессионалии худро бо ин иддао мепӯшонем:

Дар паҳлӯям бошад шуд...

Рост гуфтам?

*СССР (№20 (36) 14.05.2009*



# Мушти 29

# МИЛЛАТ ВА ДИН

***Боре ба масҷидҳои Эрону Покистон, ё ҳадди аққал Ҳиндустон равед ва ё тавассути Интернет онҳоро тамошо кунед!!! Масҷид бояд дар баробари калисо, куништ, синагог, дайр ва ҳатто бутхона дар набард бошад ва бо ҳусн, шаҳомат, шукӯҳу азамат панҷа нарм кунад. Ва ин лойхонаҳое, ки мо Масҷид мехонем ва оне, ки пешво-эмом ва хутбахон…оё мусалмонро онгуна дилсард намекунанд, ки ҳамчун бозориёни Корвон дигар бовар надоранд, то 1 мӯъмине бародари мӯъмин аст ва мусалмоне дасти сахо бар ниёзмандон мебикшояд? Аз мост, ки бар мост!***

*Гар мусалмонӣ аз ин аст, ки …Тоҷик дорад,*
*Оҳ, агар аз паси имрӯз бувад фардое…*

*(Ҳофизи Шерозӣ, ремикс)*

Дирӯз буд, ки аз бозори Корвон гузар доштам ва садои сӯҳбати мардуми тоҷир ба гӯшам расид:

«Дар бозори Шоҳмансур ярмаркаи фурӯши маҳсулоти мавриди ниёзи мардум бо қимати дастрастарин роҳандозӣ мешавад!».

Чун дастандаркори ин фурӯшгоҳ будам, таваҷҷӯҳ кардам, ки мусоҳибон боз чӣ мегӯянд (Ярмаркаи фурӯши маҳсулоти мавриди ниёзи мардумро СССР бо масъулини бозори Шоҳмансур ҳудуди 6 моҳ роҳандозӣ карда буд, ки дар он нафақагирон ва маъюбон бо нархҳои дастрас маҳсулоти бозоргир мехариданд, амсоли гӯшту равған, картошкаву пиёз ва ғ.).

Мусоҳибон ҳич дарк намекарданд, ки чаро гӯштро бо нархи 11 сомонӣ (7 сомонӣ арзонтар аз қимат) ва равғану шакарро мутаносибан бо 4 ва 2 сомонӣ басо камтар аз нархномаҳои бозор метавон дастрас намуд. Ҳар яке чизе мегуфт, вале ҳисси кунҷкобии мардум қонеъ намешуд, то нафаре нагуфт:

-Инҳо христиан (насоро) ҳастанд ва ба ҳамин тартиб мардумро фирефта, ба дини худ мегароваңд!

Ва ҳама розӣ шуд. Садоҳои «оре, оре, кадом мусалмон хайр мекунад?! Ин насороанд, мардумро ба дом меафганд…» баланд шуд ва ҳама аз ин фарзия гӯиё, ки кӯҳе аз камар барафгандаанд, розиву қаноатманд пароканда шуданд. Ва ман ғамбор шудам…

Ғамбор шудам; на аз оне, ки мардум ҳадафи моро нафаҳмид. Ва ҳам на аз он, ки хайри моро дом барои бединӣ қабул кард. Ва ҳатто на аз ин ки мардуми 1 кишвари мусалмон ба мусалмониву футуввату сахо бовар надорад. Ғамин аз он гаштам, ки дигар ин мардум ба Миллати худ, Тоҷики мусалмон эътимод надорад!!!

Ва ӯро кӣ ингуна боварзудоянда кардааст? Фикр дорам, ки мо! Мо-мусалмононе, ки андаке ҳамён варам кардаву бародари мусалмон ва ҳаммиллатамонро фаромӯш кардаву дар сар ҳавои Ҳаҷ дорему бас. Мовоизини хомталош, ки дар фикри суде имонамонро коҳиш додаем; агар набохтаем! Мо-муллоҳое, ки бардаи нафсем.

Агар аҳамият додаед, дар масоҷиди мо, мисли театрҳои Аврупо ва кинотеатрҳои даврони шӯравӣ сафҳои хуб, пеш ва барҳаво моли ҳалоли пулу мансабдор аст. Ишон меоянд ва гӯиё нофи замин бошанд, аз пеш мегузаранд. Ҳол он ки шояд баъди «похмел» ҳозир шудаанд. Бигзор дар ҳоли сабӯҳӣ-похмеланд ва ё баъд аз ғарӣ биоянд; раҳмати Худо поя ва ғоя надорад. Сухан ин ҷо сари «муллоподхалимничество» меравад. Эмомхатибоне ҳастанд, ки ҳатто намозро андаке ба таваққуф мегузоранд: Дар интизори сармоядор-неотоҷики дермонда! Ва ҳуҷҷат ҳам доранд, «боре ҳазрати паямбари акрам (с.) намозро барои саҳобаи нобиное ба таваққуф гузошта». Надонам, ки ин далел то куҷо саҳеҳ бошад, вале дақиқан ин сармоядорон кӯр нестанд ва даҳҳову садҳо намозгузор чун навбат ба саҷдаи Худованданд, набояд мунтазири кадом пулмасте бинишинанд. Ё не?

Аз сӯи дигар тамаллуқи масҷидгароён нигаронкунанда ва дилбазан аст. Масҷид барои ниёзмандон аст; ниёзмандони маслаҳат, афв (покояние) ва суҷуд. Ва чун дар ин масоҷид мулло тамаъҷӯст…чӣ расад ба мардум,

ки дигар бар мусалмониву сахои аҳли Ислом бовар надорад?!

Дар калисову дайру куништ ба доди ҳар муддаӣ мерасанд. Тавбаи ишонро қабул доранд; сӯҳбат бо барҷомондагон ва кӯмак ба мӯҳтоҷон аз авлавияти ин даргоҳҳост. Миссияи масҷид низ то асри 21 ҳамин будӣ…

Вале имрӯз-чӣ? Кӣ шаҳодат медиҳад, ки ба даргоҳи Худовандӣ-Масҷиди мусалмонӣ ҳозир шудаву ӯрову тавбаи гунаҳи кардаву накарда (пиндори гуноҳ)-ашро мулло гӯш кардаву он сирро ҳифз доштаву бар ислоҳи он кӯшидааст? Ҳаҳ! Хестед, ки хобед! 1 соат ба баъд сирри ин мусалмон дастраси умум мегардад. Бе шубҳа масоҷиди мо дар ҷанги иттилоотӣ пирӯзу дастболост! Масоҷиди мо ғайбатхона шудаанд, ки хеле мутаассифем. Ё чунин нест?

Масоҷиди мо оё ба мӯҳтоҷе дасти хайр дароз медоранд? Ба ин ҳарза, ҳатто сарсахттарин мутаассиб, хонандаи ин сутур ҳамин ҳоло хандид. Кадом муллоро дидаед, ки намоишкорона на, ки сидқан аз рӯи усули «хайри дасти ростро дасти чап набинад!» амал мекунад?

Масоҷиди мо-сиёсатхона ҳам шудаанд. В-агар не, пас чаро салафиву таҳририву ваҳҳобиву… дар масоҷид нумӯъ доранд?

Ва ахири кор, чаро масоҷидро ба оғилу сарой табдил кардаву манфиат меҷӯем? Масҷидро барои тантанаи дин ва фарогиршавии Исломи Ноб бунёд бояд кард ва ҳам мекарданд. Вале чаро мо хоначаву сароякҳои похсагину пурбӯву таф сохтаву танҳо ба ин хотир, ки «эмом-хатиб»-и вежа дошта бошем, онро масҷид бихонем?

Ҳафтаи пор, меҳмони ноҳияи Сарбанд будам. Шигифтангез ҳодисае дидам. Яке бонги азон баромад ва сари



ҷойнамоз шудам ва ният мекардам, ки боз бонги азоне бархост. Таваққуф намудам ва мутаҳаййир шудам, ки шояд азони аввалия хато бар гӯшам расида. Ва чун боз ният кардаву дар нимаи ракаат будам, ки бонги азони нав ва боз нав ва боз дигару дигар садо додан гирифт…

Баъдан гуфтанд, ки ҳар маҳаллачаву гузар дар ин ноҳия масҷидҳои худро сохтаанду байни муллоҳо баҳсҳои тунд сари вақти намозу усули бонги азон мерафтааст ва ҳар до-муллое муаззини худро доштааст, ки бо усули ӯву вақти муайянкардаи ҳамин мулло азон медодааст; азонҳои мо ҳатто маҳаллӣ шудаанд!

Ва чун ҳукумат имрӯз мехоҳад аз ин бенизомӣ, бетартибӣ ва бемаданиятии масоҷид ҷилав гирад ва ҳар хоначаи бӯйинро, ки ба он номи Хонаи Худо додаем, поккорӣ кунад, ба Масҷид мақоми аввалияро баргардонад, ба ҷангу пархош мехезем.

Даъво мекунем, ки Хонаи Худоро чаппа кардаанд! Аз барои Худо! Боре ба масҷидҳои Эрону Покистон, ё ҳадди аққал Ҳиндустон равед ва ё тавассути Интернет тамошо кунед!!! Масҷид бояд дар баробари калисо, куништ, синагог, дайр ва ҳатто бутхона дар набард бошад ва бо ҳусн, шаҳомат, шукӯҳу азамат панҷа нарм кунад. Ва ин лойхонаҳое, ки мо Масҷид мехонем ва оне, ки пешвоэмом ва хутбахон…оё мусалмонро онгуна дилсард намекунанд, ки ҳамчун бозориёни Корвон дигар бовар надоранд, то 1 мӯъмине бародари мӯъмин аст ва мусалмоне дасти сахо бар ниёзмандон мебикшояд?...Аз мост, ки бар мост!

Хонандаи гиромӣ! Ин сутурро хондаву гиребон гирифтаву тавба макун. Гуфтани ин қубҳу шунавидани ин ноҳамворӣ гуноҳ нест.

Гунаҳ ин аст, ки мо-7 млн. мусалмон сари ҳам ома-

даву 7 масҷид сохта натавонем, то фахри Ислом бошад; то фавҷ-фавҷ мардум вориди Ислом гардад. Вале 70.000 масҷиди гилину бӯйине месозем, ки ори Ислом аст. Ва дар ин маврид аз афкори хатои хоксориву камбағалӣ кор нагиред. Кор нагиред, ки «мин ал фақри ило-л-куфри шибрун»- «аз камбағалӣ то куфр 1 ваҷаб аст»: Ана инро ман нагуфтаам!!!

*СССР (№21 (37) 21.05.2009*



# Мушти 30

# МИЛЛАТ ВА ҒУРУР

***…Ҳилол Каримов дар соли 1982 дар арафаи иди таъсисёбии СССР ва 60 солагии он дар ЦТ-ТВ марказии СССР гуфта буд, ки «до революции таджики были никем» (тахминан чунин гуфта буд). Ва сардафтари Алифбои Тоҷик зери тозиёнаи танқид монд. Олимони Тоҷик зери унвони «Таърих гувоҳ аст» мактуби расмӣ ба алифбодони мо навиштаву дар газетаи «Маориф ва Маданият» чоп карданд. Дар ин нома муаллифи Алифбои нахустин шадидан маҳкум шуд. Шоҳидон мегӯянд, ки бар асари ин моҷаро Ҳилол инфаркт гирифт ва Бӯринисо Бердиеваро аз вазифаи сардабири «Маориф ва Маданият» сабукдӯш карданд…***
***Аҷиб аст, ки гурӯҳи уламои мо дар даврони шӯравӣ ва идеологияи советӣ&russia бар дифои Миллат бархост! Аммо дар даврони истиқлолияти***

***кулл чаро касе сару садое баланд намекунад? Чаро касе намегӯяд, ки ин Миллат, ки номаш Тоҷик аст таърихи беш аз 5000 сола дорад ва бе русҳо 4930 сол арзи вуҷуд дошт ва табиист, ки «кем то был» охир?!***



Замоне, ки президент ба истиқлолияти мо бовар надорад!!!

Биёед, 1 тасаввур кунем, ки президенти АУ Ӯзбекистон бигӯяд, ки «Ӯзбекистон бе Русия чизе нест!». Тасаввур кардед? Акнун тасаввур кунед, ки ӯ фардо оё ба дасторчаи сурх-красный ковёри Ислом Абдулғаниевич даъват намешавад? 1 соати дигар дар вазифа мемонад?

Боз ҳам тасаввур кунед, ки 1 академики қазоқ баромадаву бигӯяд, ки «ҳама дастовардҳои мо ба Русия вобаста аст ва русҳои инқилобии аввали асри 20 қаҳрамону қазоқҳо хоинанд»…

Ҳатман ин муддаӣ гӯштоби кафили истиқлолияти кишвар-Президент Назарбоевро мехӯрад! Зеро имрӯз тамомии тавону нотавонии кишвари худро марбут ба давлати дигар-бигзор дӯсттарин дӯсту калонтарин бародар баста донистан…агар малеҳтар карда гӯем, қадрношиносии президент, ҳукумат ва ахиран ҳар 1 сокини кишвари хеш аст ва ин иддаоро ҷое нахоҳед шунид. Илло дар Тоҷикистон!

Дар Тоҷикистоне, ки президенти АУ (Академияи Улум)-и он рӯирост ва бепарда ба хабарнигори Комсомолская Правда, хонум Галина Сапожникова мегӯяд:

«Без России мы были бы никем»-Бе Русия мо касе (чизе) намебудем…

Ин андешаи кист? Индивид??? Ба ҳич ваҷҳ, зеро олими мӯҳтарам ҳамчун ПРЕЗИДЕНТи АУ муаррифӣ шудааст.

Вале оё академик Илолов танҳост дар ин ҷодаи ватанфурӯрезӣ ва обрӯгудозии Миллат? Не! Садҳо профессору академик-таърихнигорони мо то ҳанӯз мушт бар сина кӯфтаву кафк бар лаб Миллат ва Давлати навтаъсиси моро хор мекунанд, ки мегӯянд, бобои мо ватанхоҳ на,

ки дузду ғар будаанд ва онҳоро «басмач» мехонанд.

Воқеан ҳам таърихнигоронро метавон фаҳмид, ки ишон аз манфиати худ дифоъ доранд. Зеро 70 сол таърихи трактору пахтаву КПСС ва болшевику рус навиштаанд ва имрӯз агар андешаи мо дигар шавад, осори ишонро ба ҷумлагӣ ба ахлоттӯдаи таърих бо ҷорӯб мерӯбанд. Бо ҳамон ҷорӯбе, ки ҳар субҳ мӯсафедакони камбизоат, вале боғурууртар аз таърихнигоронамон «ҷоруб-да биё, бача» гуфта, барои тиҷорати «пылесоси Тоҷикӣ» гирди биноҳои манзили зисти шаҳриён мегарданд.

Хуб, гирифтем, ки ин даъвии муаррихин маншаъ аз нафс мегирад; нафси зотӣ, ки бар зоти худ тамғаи сиёҳ задаву онро шустан намехоҳанд. Вале чӣ расад ба академикони мо?

Чаро ин ҳарф аз забони Президенти АУ садо додааст? Оё дарвоқеъ кишвари мо чизеву миллати мо касе нест, бе ину он кишвари дӯсту бародару шарик? Пас чигуна метавон ин ҳолатро дарк кард, ки моро ба ҷанги шаҳрвандӣ афканданду Президент Раҳмон ба мо Сулҳ овард? Ва оё чунин набуд? Сулҳ, осоиштагӣ, фаровонӣ ва амни мо маҳсули тахаййули кист?

Ва аммо муҳим ин нест, ки 1 чеҳраи шинохташуда ин ҳарфро гуфтааст (агар нагуфтааст, бигзор расман ба «Комсомолская Правда» эътироз кунад!). Муҳим ин аст, ки дар даврони истиқлол мо ҳувияти ватанхоҳӣ, ғурури миллӣ ва ҳуббулватанро раҳо кардаем. Ҳарчанд писанди мардумон нест, вале савганд меҳӯрам, ки агар Лоиқ зинда мебуд, ба ин иддаои Президент посух мегуфт! Вале мо хомӯшем: дилсард шудаем? Меҳри ватан раҳо кардаем? Фикр дорем, ки Давлат ин мо нестем?

…Ҳилол Каримов дар соли 1982 дар арафаи иди таъсисёбии СССР ва 60 солагии он дар ЦТ-ТВ маркази



СССР гуфта буд, ки «до революции таджики были никем» (тахминан чунин гуфта буд). Ва сардафтари Алифбои Тоҷик зери тозиёнаи танқид монд. Олимони Тоҷик зери унвони «Таърих гувоҳ аст» мактуби расмӣ ба алифбодони мо навиштаву дар газетаи «Маориф ва Маданият» чоп карданд. Дар ин нома муаллифи Алифбои нахустин шадидан маҳкум шуд. Шоҳидон мегӯянд, ки бар асари ин моҷаро Ҳилол инфаркт гирифт ва Бӯринисо Бердиеваро аз вазифаи сардабири «Маориф ва Маданият» сабукдӯш карданд…

Аҷиб аст, ки гурӯҳи уламои мо дар даврони шӯравӣ ва идеологияи советӣ&russia бар дифои Миллат бархост! Аммо дар даврони истиқлолияти кулл чаро касе сару садое баланд намекунад? Чаро касе намегӯяд, ки ин Миллат, ки номаш Тоҷик аст таърихи беш аз 5000 сола дорад ва бе русҳо 4930 сол арзи вуҷуд дошт ва табиист, ки «кем то был» охир?! Чигуна Президенти АУ метавонад гӯяд, ки мо касе набудем??? Ҳадди ақалл агар ҳудуди Тоҷикистони имрӯзаро бигирем, мо Саразми 5500 сола, Ғелоти 5000 сола, ахиран Истаравшани 2500 ва Кӯлоби бостонии 2700 сола дорем-ку? Ё ин ҳама дурӯғу бофтаи ҳукумати марказӣ буд, ки таҷлил кардем? Чаро горе-таърихнигорони мо бидуни Юсуфшо Ёқубов нахостанд ва натавонистанд ин санаҳоро собит ва дар таърихномаи Тоҷик сабт кунанд? Чаро бидуни Ёқубов касе ба идеалҳои миллӣ содиқ нест?

Президенти АУ чигуна метавонад бигӯяд, ки бе Русия мо касе нестем? Ин иддаоро метавон ингуна интерпретатсия кард, ки пас мо хасе нестем?

Чаро лидерҳои мо, пешвоҳои мо бовар ба Миллат надоранд? Чигуна аз нафароне ки мегӯянд, бе Русия мо чизе нестем ва тамаллуқпарварона рӯ сӯи Маскав роҳианд ва аз психологияи ғуломии қаблӣ бадар нашудаанд, Прези-

дент Раҳмон чашми умед ва садоқат дорад???

Чаро горе-таърихнигорони мо то ҳанӯз аз таърихи трактор ва плуги советӣ бадар нашудаанд? Чаро дар 1 кишвари 7 млн. нафара танҳо 1 кас-муаллифи доимии СССР ва олими фарҳехта-Ҷонибеки Асрориён талош дорад, ки ҷадди моро ватанхоҳ намоиш диҳад ва ҳаракати солҳои 20-ро ғосибона ва дигарон на танҳо хомӯшанд, ки зидди ӯ шӯридаанд???

Чаро ва боз чароҳои дигар, мутаассифона, шахсан ба ман исбот кардан доранд, ки мо-Миллати билкулл ғуломтабиат ва бардапеша гаштаем…

Ва кӣ моро чунин карду мекунад? Оё на академикҳои мо? На бостону таърихшиносони мо, ки такрор ҳам шавад танҳо аз рисолаи худ-номзадиву доктории худ дар бораи накши трактор ва КПСС дар ҷамъият мегуфтанд ва шинохти вақту вазъ, истиқлолияти комили Тоҷикистон ин ҳама рисолотро зери хатча мегузоранд?

Ман ҳамчун 1 шаҳрванди ҶТ ва патриоти миллат ва чун 1 интихобкунанда аз Президент Раҳмон талаб дорам, ки таърихи мо, ҳақиқати талху тунди асри 20-и мо мавриди бознигарӣ қарор бигирад…

Ва ҳадди ниҳоӣ ягон президент хоҳ аз АУ аст ва хоҳ президенти кадом ширкати ҷорӯбфурӯшие дастоварди истиқлоли моро зери суол набарад ва нагӯяд, ки мо бе ину он кишвар касеву чизе нестем!!!

Тоҷик миллати баробарҳуқуқ бо тамомии миллату ақвоми олам аст ва ҳақорати он аз сӯи касе ҷоиз нест; чӣ расад ба президентҳои хурду бузургу кӯчаку ҳақири ину он ташкилоту созмон, ки ман чун Тоҷик ин ҳуқукро ҳатто ба Президенти кишвар ҳам нахоҳам дод!

***СССР (№22 (38) 28.05.2009***



БАРОИ ҚАЙДҲО

**Сайёфи Мизроб**

# МУШТИ БЕДОРӢ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Сафват Бурҳонов |
| Тарҳ ва дизайни | Ориф Ёдгорӣ |
| Мусаҳҳеҳ | Шаҳрзоди Амин |
| Ҳуруфчин | Сайёра Қурбонова |

Ба чоп имзо шуд 21.07.2011

Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$

Коғази офсет

Чопи офсет

Ҷузъи чопии шартӣ ....

Адади нашр 1000 нусха

Дар матбааи ....... чоп шудааст.